# ТАЪРИХИ БАДАХШОН

навиштаҷоти
Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон
ва
Сайид Шоҳфутур

Душанбе – 2020

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ БА НОМИ
АКАДЕМИК БАҲОДУР ИСКАНДАРОВ

**Таърихи Бадахшон**, навиштаҷоти Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон ва Сайид Шоҳфутур. – Душанбе: (ҶДММ "Сифат - Офсет), 2020. – 177 с.

Таҳияи (ё баргардони) **Қосум Охонниёзов**

Муҳаррири масъул:
доктори илмҳои филология **В.Д. Охонниёзов**

зери назари доктори илмҳои филология
**Қаландариён Ҳоким Сафар**

Асараи "Таърихи Бадахшон", ки ба қалами ду нафар намояндаи маорифпарварони тоҷики аз миёни сокинони кишвари баландкӯҳи Бадахшон бархоста тааллуқ дорад, яке аз нодиртарин сарчашмаҳои натанҳо таърихи мардуми ин сарзамин, балки кулли масъалаҳои муносибат, муоширату зисту зиндагонии сокинони ин минтақа маҳсуб меашвад. Тарзи баёни вақеъа ва ҳодисаҳо дар асар анъанавӣ буда, он маводи пурарзишро барои таҳлили тарафҳои гуногуни ҳаёти таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, хулқу атвор ва расми муоширату муносибати сокинони болооби Панҷро пешкаш менамояд.

# ЧАНД АНДЕША ПЕРОМУНИ “ТАЪРИХИ БАДАХШОН”

## I: “Таърихи Бадахшон”: сабабҳо ва тарзи эҷоди он

Мусаллам аст, ки асари «Таърихи Бадахшон» мансуби ду нафар аз маорифпарварони давр: Қурбонмуҳаммадзода Охунд Сулаймон ва Сайид Шоҳфутур дониста шудаст, чун дар ибтидои ҳар чаҳор дафтари он ин асмо бо тартиби боло зикр гардидаанд. Саволи матраҳ ин аст, ки оё чӣ касе аз ин ду нафар ҳаммуаллифи дигарӣ ва кадоме аз онҳо саҳмгузори асосӣ дар фароҳам овардани маводи таърихӣ ва навиштани он будааст. Шояд барои хонанда ҷавоби ин савол муҳим набошад, вале барои илм ва пажӯҳиш таҳлили чунин масъалаҳо боиси ҷавоб ба саволҳои дигаре, ки метавонанд дар кушодани гиреҳҳои таъриху тамаддуни ин ё он халқу миллат зарур гарданд, муҳим аст. Чун аснод ва маводи андар даст буда барои возеҳ сохтани ин масъала кофӣ нест, натиҷагириҳои мо низ дар ин самт хусусияти эҳтимолӣ хоҳанд дошт ва умед аст, онҳо барои пажӯҳиши оянда ба ҳайси роҳнамо дар хизмат қарор хоҳанд гирифт.

Яке аз саволҳои калидӣ дар иншои асари «Таърихи Бадахшон» тартиби зикри ному насаби муаллифони он аст. Асар пурра ба қалами Охунд Шоҳфутур навишта шудааст, вале исми аввал аз они Охунд Сулаймон аст. Дар заминаи таҳлили баъзе аз санаҳои таърихии фаъолияти ин ду марди бузург ва ҳамчунон, ба эътибор гирифтани анъанаҳои эҷоду эҳтироми байниҳамдигарӣ, ки реша дар фарҳанги таърихии ин мардум дорад, метавон ба чунин натиҷа расид:

Аввалан, Охунд Сулаймон нахустин роҳбар, ба истилоҳи муосир, директори нахустин муассисаи таълимии даврони Шӯравӣ дар Бадахшон, буд, ки Охунд Шоҳфутур дар он муассиса аз муътабартарин омӯзгорон маҳсуб мешуд. Мутаносибан, рӯйи кор омадани асаре чун «Таърихи Бадахшон» аз тарафи як омӯзгори нахустин ва ягона мактаби

таълиму тарбия бе маслиҳат ва номи роҳбари он хилофи анъана мебуд. Ва албатта, исми роҳбар бояд дар сархати асар меомад ва Шоҳфутур ин анъанаву эҳтиромро нигоҳ доштааст, ҳарчанд синну сол, собиқаи хизмати омӯзгорӣ ва ҳунари нависандагии ӯ аз ҳамкору роҳбараш дида, ба таври чашмрас зиёду боло буд.

Дуюм, Охунд Сулаймонро пурра як нафари ҳукумативу ҳизбӣ тасаввур кардан метавон ва чуноне, ки дар тарҷумаи ҳолаш қайд шудааст, ӯ хизмати худро ба ҳайси мудири анбори қисми ҳарбии Помир, ки аз тарафи артиши Русияи Подшоҳӣ дар ин минтақа ташкил гардида буд, аз соли 1912 оғоз кард. Ӯ соли 1922 ба ҳайси тарбиятгар дар парваришгоҳ ва соли 1923 “бо даъвати ташкилоти ҳизбӣ ва ҳукумати маҳаллӣ Охон Сулаймон ба мудирии мактаб ва омӯзгори парваришгоҳ таъйин мегардад”.[1]

Шоҳфутур, ки аз таваҷҷуҳи расмии ҳизбӣ ва ҳукуматӣ камтар бархӯрдор буд, наметавонист як асари мазмун ва ҳаводиси тоинқилобӣ доштаро бидуни исми шахси расмӣ интишор намояд. Дар асар ҳодисаву воқеаҳое ҳастанд, ки куллан ба тафаккури одами нав ва сиёсати шӯроҳо мувофиқат намекарданд ва ҳамчунон, хилофи дарки воқеӣ шинохта мешуданд. Масалан, ба шаҳӣ расидани Шаҳхудодод ва чанд санаҳои дигари ба ин монанд барои сохтор ва сиёсати ҷадид берун аз ҳар гуна тасаввур буд. Ё масалан, таваҷҷуҳ ба баъзе аз ашхоси давр, амсоли Сайид Фаррухшоҳ, метавонист муаллифро ҳамчун тарафдори рӯҳониён ва намояндагони дину мазҳаб ҷилва диҳад ва боиси озори ӯ гардад. Ин гуна ҳаводис дар он даврон зиёд ба вуқӯъ мепайваст ва эродҳо бар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Устод Айнӣ мисоли пандомӯз аз

[1] Қадамшоев Қ. Охон Сулаймон (Қурбонмаҳмадов) / Энсиклопедияи Бадахшон. – Душанбе: Андалеб - Р, 2016. – 299 с.

ин қабил маҳсуб мешавад.[2] Бо ба эътибор гирифтани чунин вазъ, исми як нафар роҳбари муассисаи таълимии даврони нав ва як шахси боэътимоди ҳизб ва ҳукумат барои Охунд Шоҳфутур ба нишони девори муҳофизатӣ зарур буд. Иншои асар ба охири солҳои сиюм ва аввали солҳои чилуми асри XX рост омад ва ин даврон бо қатли оммавии аҳли илму адаб таҳти унвони «хойини ватан» машҳур буд.

Сеюм, мусаллам аст, ки новобаста аз масъалаҳои боло, Охунд Шоҳфутур наметавонист бидуни маслиҳати роҳбар ва дӯсти худ воқеаҳо ва ҳодисаҳоро ба танҳоӣ тасвир ва дар шакли асари алоҳида ҷамъоварӣ намояд. Андешаи ғолиб ин аст, ки Охунд Сулаймон дар фароҳам овардани қисмате аз ин воқеаҳо ва ҳодисаҳо ширкати мустақим дошт. Ба сухани дигар, ба назар мерасад, ки бархе аз ҳаводисро Охунд Сулаймон барои Охунд Шоҳфутур ба таври шифоҳӣ мунтақил намудааст. Ҳақиқати ин андешаи моро сухани худи Охон Сулаймон Қурбонмуҳаммадзода, ки дар суҳбат бо академик Баҳодур Искандаров дар с. 1952 иброз доштааст, тасдиқ менамояд. Ба саволи муҳаққиқ, ки ин ду нафар аз куҷо ин қадар маълумоти зиёду хуброр дар хусуси кишвари худ медонанд, Қурбонмуҳаммадзода чунин посух додаст: “Дар ҷавонӣ маро одатан барои ҳамроҳӣ намудани ашхоси нисбатан маълумотноки Помир барои саёҳат ҷалб менамуданд. Баъзан чунин мешуд, ки ҳамраҳони ман суҳбат аз таърихи кишвари худ, аз азобу уқубати мардум, аз зулму истибдоди ҳокимон бунёд мениҳоданд. Ин қиссаҳоро аз як не, аз чандин нафарҳо мешунидам ва хотираи хуб имконият медод, то ман санадҳои зиёдеро аз таърихи Бадахшони Кӯҳӣ

---

[2] Айнӣ К. Намунаи адабиёти тоҷик: китоби мамнӯъ, китоби сӯхта, шиносномаи миллати тоҷик / Намунаи адабиёти тоҷик, ҷамъкунанда Садриддин Айнӣ, бо кӯшиши Алӣ Равоқӣ. – Теҳрон, 1385. – С. ҳаждаҳ-бистуҳашт.

ҳифз намоям”.[3] Воқеъан, Охунд Сулаймон на танҳо ҳамчун як роҳбаладе “ба ривояти ашхоси маълумотнок гӯшдиҳанда”, балки худ иштирокчӣ ва шоҳиди бархе аз воқеаҳо будааст. Ҳодисаҳои вобаста ба табаддулоти сиёсӣ дар ҳаёти маскунони Помир, ки барои Охунд Шоҳфутур на он қадар фаҳмо буданд, маҳз аз тарафи Охунд Сулаймон нақл гардида, ба қалам омаданд. Инро муҳаққиқи “Таърихи Бадахшон” Қурбонбек Элчибеков бо далелҳо таҳлил ва таъкид намудааст.[4]

Чаҳорум, Охунд Шоҳфутур ва Охунд Сулаймон рукни қавии хешутаборӣ дошта буданд ва ҳамчунон, эшон домоди як хонавода будаанд, яъне ҳамсарони ҳар дуяшон зодаи як хонавода ва хоҳарон буданд. Дар ин замина ва дар асоси анъанаи чунин хешутабории наздик, ки бар замми омӯзгорони нахустини аввалин мактаби Шӯравӣ буданашон, боз ба ҳайси як марҷаи дигар барои ҳамкории зичи онҳо хизмат карда будаст.

Як масъали дигар, ки шояд ҷузъӣ бошад, аммо таваҷҷӯҳ ба он зарур аст, сабти исми муаллифон дар дафтари дуюми дастнавис мебошад. Дар он ибораи “аз навиштаҷоти Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода” сабт шуда[5], пас хат зада шудааст ва боз аз сар номҳои муаллифон ба он тарзе, ки дар дафтари аввал омада буд, қайд мегардад. Воқеъан исми Қурбонмуҳаммадзода дар дастнавис ба шакли “Салмон” омадааст на “Сулаймон”.

Дар ҳар сурат, саҳми ҳар ду Охунд дар фароҳам овардани «Таърихи Бадахшон» зиёд буда, аммо асарро бештар мансуби Охунд Шоҳфутур медонанд. Сабаб танҳо дар ин нест, ки китобати он пурра бо ҳусни хати ин Охунд

---

[3] Искандаров Б. Предисловие / Таърихи Бадахшон. – М.: Наука, 1973. – С. 6-7.

[4] Эльчибеков К. Шугнан и Рушан в исторических источниках. – Душанбе-Хорог, 2018. – С. 43-47

[5] “Таърихи Бадахшон”, дастхат (нусха), с. 11.

тааллуқ дорад, балки инчунин Шоҳфутур дар миёни мардум ва аҳли маърифат ҳамчун муаллифи ашъори мазиди ирфонӣ, асари тарҷумаиҳолии «Саргузаштнома», ғазалҳои лирикӣ, донандаи масъалаҳои мазҳабӣ-маърифатӣ ва ҳамчунон, хаттоти моҳире, ки аксари осори фалсафӣ-ирфониро нусхабардорӣ кардааст, машҳур буд. Аз Охунд Сулаймон бошад, намунаи дигаре, ки ҳунари эҷод кардани ӯро собит созад, мавҷуд нест. Аммо ба хотири виҷдон бояд эътироф намуд, ки ҳунари мудирият (менеҷмент)-и ин марди бузург имкон дода буд, ки интернати нахустин бо шеваи дар он замон беҳтарин ва пешқадамтарин шигирдонро фаро гирад ва тарбия намояд.

## II: Аҳаммияти асар барои таърих

“Таърихи Бадахшон” аз қабили он осорест, ки муҳаққиқони таъриху фарҳанги ин сарзамин онро дар қатори нодиртарин сарчашмаҳо зикр намудаанд. Аммо мутаассифона, аҳаммияти он натанҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, балки ҳамчун асаре, ки барои тарафҳои дигари ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мардумони ин кишвар маводи қобили таҳлилро дар худ ҷо додаст, то ба ҳол муайян нагардидааст. Дар таҳқиқоти алоҳидаи муҳаққиқон танҳо тарафҳои алоҳидаи он ё ба таври ҷузъӣ ва ё худи асар ба таври куллӣ муаррифӣ гардидаасту халос. Тадқиқоти нисбатан мукаммалтарро дар ин самт марҳум Қурбонбек Элчибеков, таърихнигори тоҷик ба мерос гузошта буд, ки дар китоби “Шугнан и Рушан в исторических источниках”[6] ҷой дода шудааст.

Муҳаққиқи таърих акдемик Баҳодур Искандаров дар сарсухане, ки барои ин асар навишта буд, аз бархе вижагиҳои

[6] Эльчибеков К. Шугнан и Рушан в исторических источниках. – Душанбе-Хорог, 2018. – 200 с.

он изҳори андеша намудааст. Ҳарчанд дар ин сарсухан бештари авқот муаллиф ба заъфи он дар инъикоси ин ё он воқеаи таърихӣ ишора намуда бошад ҳам, вале арзиши онро аз миёни ҳамаи ин эродҳо метавон ҷудо намуд. Пеш аз он ки ба ибрози андешаҳои шахсӣ дар таҳлили аҳаммияти таърихии ин асар пардозем, қайдҳои муҳтарам академикро, ки ҳанӯз дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта дар ҳошияи ин асар намудааст ва чанд нукта аз асари таърихнигор Қ. Элчибековро бо чанд андешаи алоҳида нишон медиҳем.

Нахуст, таърихшинос Б. Искандаров аз хусуси таҳқиқи кишвари Бадахшон ва минтақаи Помир ба таври хронологӣ ва ҳамчунон, мавҷудияти асарҳои таърихӣ дар ин бора, ёдовар шуда, маводи "Таърихи Бадахшон"-ро ҳамчун маводи иловагӣ барои пур кардани халлоъҳои маводи пеш муаррифӣ намудаст.[7]

Таъкиди он, ки асари мазкур ба лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ навишта шудааст, барои таҳқиқи оянда масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Новобаста аз эроди муаллифи сарсухан нисбат ба талаффузи баъзе аз калимот, ки душвориҳоро дар хат ва хондан ба вуҷуд овардаанд[8], ба яке аз қадимтарин гӯйишҳои забони тоҷикӣ эҷод шудани онро аз вижагиҳои назарраси ин асар бояд донист.

Ба қавли муҳаққиқ асоси воқеот ва ҳодисоти дастхатро масъалаҳои сиёсӣ фароҳам овардаанд, ки дар ин ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваста буданд.[9] Ҳарчанд, ки "таваҷҷуҳи муаллифон ба муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ" метвонистанд барои нишон додани "махсусиятҳои рушди" чунин муносибатҳо, ки дар ин сарзамин "маҳфуз мондаанд",

---

[7] Искандаров Б. Предисловие / Таърихи Бадахшон. – С. 10.
[8] Ҳамон саҳ.
[9] Ҳамон саҳ.

хизмати арзанда анҷом диҳад, аммо инъикоси муносибатҳои сиёсии ҳокимону ҳокимшавандаҳои давр, иртибот ва душманиҳои шахсии онҳо, ки дар асар аксар вақт бо ҷузъиёташ сабт шудаанд, низ аз арзиши зарурӣ кам нестанд. Маҳз муносибатҳои шахсӣ ва иртибототи хешу таборӣ миёни қишри болоии ҷомеа аксар вақт ҳаводиси таърихиро ба вуҷуд меоранд ва худи таърихро фароҳам месозанд. Муаллифи сарсухан ҳамин тарафи масъаларо дар асар қайд намуда, таъкид мекунад, ки муаллифони "Таърихи Бадахшон" мисли анъанаи таърихии асримиёнагӣ таваҷҷуҳи бештарро ба намояндагони алоҳидаи расмӣ ва рӯҳониён равона кардаанд. Ин тарзи гузориш, ба қавли академик Искандаров, симои оммаро дар бувуҷуд овардани таърих паси парда бурдаст ва нақши мардумро ба таври возеҳ инъикос намекунад.

Ба фикри ин ҷониб, дар вазъи онвақта ва вобаста ба тафаккури онрӯза, тамоми фаъолият ва оядаи омма маҳз дар дасти ҳамин ду қишри ҷомеа: ҳокимон ва диндорон буд. Ҳар қарор ва ҳидояте, ки аз тарафи намояндагони ин ду табақаи иҷтимоӣ мунташир мегардид, иҷрои он барои омма ҳатмӣ буд ва ин дар асари мутазаккира ба таври возеҳ ва дар аксари ҳолатҳо ба назар мерасад. Бовуҷуд, лаҳзаҳое дар асар акс ёфтаанд, ки дар онҳо намояндагони мардуми қаторӣ ва ё аксари мардуми ин ё он маҳал нисбат ба бедодиҳои ҳокимон ва амалдорон қиём мекунанд ва аксуламали мардуми Вахон нисбати амали закотҷамъкунандагони шаҳ мисоле аз чунин қиёмҳост. Қувваи аҳли оммаро таърихнигор Элчибеков низ дар симои мардуми Шуғнон, ҳамчун нерӯи ҳаракатдиҳандаи таърих, таъкид намудаст.[10]

Муҳаққиқ маълумот оид ба андозҳои феодалӣ ва талаби пардохти онҳо аз аҳолӣ, хариду фурӯши замин, фурӯши инсон, махсусан наврасону ҷавонон ба ғуломӣ, зулму

[10] Эльчибеков К. Шугнан и Рушан в исторических источниках. –С. 6.

беадолатӣ ва истисмори синфи ҳукмронро, ки дар асар дарҷ ёфтаанд, барои равшанӣ андохтан ба тарафҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии қисмати ғарбии Помир, яке аз манбаъҳои беҳтарин қаламдод намудаст. Бар замми ин, маълумоти васеъ дар хусуси ҳаёти дохилии халқони Помир, зикри номҳои зиёди ашхоси маҳаллӣ ва ҳамчунон, дарбаргирии маводи муфид барои кушодани бисёре аз масъалаҳои таърих ва ҳаёти мардумони ин сарзамин аз муваффақиятҳои муаллифони "Таърихи Бадахшон" муаррифӣ гардидааст.

Ба таври муназзам аз даҳон ба қалам овардани воқеҳо ва ҳодисаҳои мушаххаси таърихӣ дар хусуси Шуғнонро яке аз махсусиятҳои асар гуфта, академик Искандаров заминаи онро нақлҳои шифоҳӣ, ки аз як насл ба насли дигар интиқол мегардиданд, донистааст.

Муҳаққиқ дар давоми ибрози андешаҳои хеш нисбати заъф ва аҳаммияти асар ба таҳлили воқеаҳо ва ҳодисаҳои он мепардозад ва ҳар як воқеаи тасвиршударо аз ҷиҳати арзишаш баҳогузорӣ менамояд. Албатта, ин таҳлил олимона ва арзишманд аст, вале як масъалае, ки таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд, зикри сафари се бародар ба Бадахшон мебошад.

Академик Искандаров дар хусуси бар ривоятҳо асос ёфтани қисмати зиёди таърихи навоҳии баландкӯҳи Помирро қайд карда, аз хусуси сафари се бародар аз Машҳади Эрон ба ин сарзаминро ёдовар мешавад. Пас аз он, тасдиқ мекунад, ки дастхати мавриди назар низ аз омадани се бародар ба ин диёр маълумот додааст.[11]

Дуруст аст, ки дастхат аз омадани намояндагони Эрон ба хоки Бадахшон оғоз мегардад, вале онҳо на ҳамчун се бародар, балки ҳамчун "чаҳор қаландар" муаррифӣ шудаанд, чунончи: "Аз одамон-мӯйсафедон пеш чунин шинуда шуд, ки

[11] Ҳамон асар, с. 12.

аз мамлакати Исфаҳон ва Кошон, тирретури хоки Эрон чаҳор нафар қаландар ба саёҳати дунё муроҷиат намуда баромаданд, ки дунёро сайр карда, ҳар кадом мамлакат, ки барои моён писанд ояд, дар он ҷо истиқомат мекунем. Исмҳои он қаландарон зикр карда шуд: якум Саид Муҳаммади Исфаҳонӣ - мулаққаб ба Шоҳи Кошон, дуюм Саид Шоҳмаланг, савум Саид Шоҳи Хомӯш, чаҳорум Шоҳ Бурҳони Валӣ сайри мамлакатҳо карда, аз роҳи Шева ба Шуғнон омада дохил шуданд. Тамошо кардаанд, ки обу ҳавои Шуғнонро хуш кардаанд. Саид Шоҳмаланг қишлоқи Кирванҷро хуш карда, дар онҷо истиқомат намуд ва Саид Шоҳи Хомӯш Саройи Санг, ки ҳамин шахи баланди Барпанҷа, ки ҳозир аст, он ҷо макон гирифта ва Шоҳи Кошон, яъне Саид Муҳаммад дар Падруд писанд омада, истиқомат кард ва Шоҳбурҳони Валӣ ба Шохдара дар қишлоқи Тусён макон гирифта”.[12]

Воқеан, масъалаи қиссаи омдани “се” ё “чаҳор бародар” дар ривоёт ва таърихи мардуми Бадахшон машҳур аст[13], аммо гуфтани он ки дар “Таърихи Бадахшон” низ онҳо бо номи “се” ё “чаҳор бародар” ёд шудаанд, ғайри қобили қабул мебошад. Бовуҷуд, мо тарафдори муҳаққиқ дар масъалаи он ҳастем, ки аксари воқеаҳо ва ҳодисаҳои дар асар зикргардида бар усули нақли мардумӣ асос ёфтааст ва инро муаллифони яке аз нахустин мақолаҳои таҳлилӣ дар хусуси ин асар низ зикр карданд. [14] Махсусан, дафтари аввали “Таърихи Бадахшон” бар асоси ривоятҳои аз даҳон ба даҳон мунтақилгардида фароҳам оварда шудааст ва худи ҷумлаи

[12] “Таърихи Бадахшон”, нусхаи дастнавис. – М.: Наука, 1973. – С.. 2-3.

[13] Ниг.: Шакармамадов. Остонҳо - осори таърих ва фарҳанги мардум. – Хоруғ: Лошос, 2011. – С. 45-47.

[14] Назаршоев М.Н, Эльчибеков К. Новый исторический источник / Материалы по археологии и истории Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1977. –С. 141-142.

матлавии асар, ки “аз одамон-муйсафедон пеш чунин шинуда шуд» далолат ба усули чунин нигориш дорад.

Ду масъалаи дигаре, ки ба назари мо, зикри онҳо ва ҳамчунон, зарурат ба таҳқиқи ояндаи онҳо боқӣ мемонад, тарзи ҷамъоварӣ ва теъдоди закот (ушр) ва ҷалби таваҷҷуҳ ба шаҷараи баъзе аз қавму гурӯҳҳои мардуми Помир - Бадахшон мебошанд.

Масъалаи пардохти закот дар миёни пайравони тариқаи исмоилияи Ислом яке аз масоили нозук ва дар айни замон, дар назари одамони ғайриҷамоатӣ, печ дар печ метобад. Нуктаи тафаккур дар инҷост, ки ин мардум аз пардохти ҳар гуна андозҳои давлатӣ сарпечӣ намекунад, барои гадову талбандаву эҳтиёҷманд назру садақа мекунад, вале дар пардохти закот, ки онро аслан моли воҷибот ё моли саркор мегӯянд, барои ҳар кас саъй намекунад, зеро ин молро зиёда аз ҳазор сол ин мардум чун ҳисса ва моли Имом пардохт мекард. Ва онро ушр мегуфтанд, чун талаботи моли воҷибот аз даҳ як ҳиссаи даромади ҳалоли худро бояд мурид ба Имоми худ дар як сол як маротиба мебахшид. Шояд ҳамин нозукиҳоро ҳокимони давр омӯхта, закоти ушрро дар қатори дигар андозҳо бо зӯрӣ аз мардум ҷамъоварӣ менамуданд. Дар ин бора асар барои муҳаққиқони таърих далелҳои заруриеро пешниҳод менамояд.

Таҳлили ҳаматарафаи масъалаи шаҷара бошад, яке аз вазифаҳои бостоншиносон ва мардумшиносон маҳсуб ёфта, асари мавриди таваҷҷуҳ маводи заруриро барои ин кор муҳайё месозад. Зарурати таваҷҷуҳ ба ин мавзӯъ дар он боқӣ мемонад, ки дар бисёре аз мавридҳо одамон дидаву дониста ва шояд надониста ҳам, баромади аҷдодӣ ва иҷтимоии худро ба пирону эшонону шаҳону сайидон мансуб медонистанд. Ин як амале буд, ки одамон тавассути он барояшон мавқеи иҷтимоии то андозае ба худ муносибро дар ҷомеа таъмин менамуданд ва дар мавридҳои алоҳида, он мавқеи сиёсии

онҳоро низ муайян месохт. Чунин амал имконияти беҳтари дастрасии одамони алоҳидаро ба зарфиятҳо ва захираҳои зарурӣ фароҳам меовард. Дар партави чунин "мансубдиҳӣ", яке аз умдатарин масъалаҳои маскуният – маскунияти қабилаҳои ориёӣ дар Помир - Бадахшонро ба ҳукми фаромӯшӣ супорида шуд. Ба гумони ғолиб, академик Моёншо Назаршоев зимни таҳлили ривояти омадани чаҳор дарвеш ба Бадахшон ва пайдо шудани авлоди онҳо, махсусан ояндагони ду нафари ин дарвешон, маҳз ба масъалаи муқимӣ будани аксари мардуми ин сарзамин барои ҳамин ишора ва таъкид намуда буд, чунончи: "Зарурати қайд аст, ки новобаст аз санадҳои дар боло овардашуда, баромади авлодии қисмати асосии сокинони Шуғнон, Рӯшон ва ҳамчунон Вахону Ишкошим аз одамони давраи ибтидоии ин сарзамин сарчашма мегирад, вале бовуҷуд баҳсҳо дар хусуси маскун шудани одамони кӯчида омада низ ҷой дорад".[15]

Ҳамин тариқ, омӯзиши шаҷараи аҷдодиву авлодии сокинони Бадахшон (Помир) барои омӯзиши таърихи тоҷикон аҳаммияти хосса дорад. Маҳз омӯзиши шаҷараи сокинони Помир метавонад ба ду масъалаи асосии таърихи тоҷикон ҷавоб гӯяд: 1) раванд ва давраҳои муҳоҷират ба ин сарзамин ва 2) маскунони бумии ин сарзамин.

Бояд зикр намуд, ки ин ду масъалаи охир дар асари "Шугнан и Рушан в исторических источниках"-и Элчибеков Қ. то андозае мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ ба таври васеъ масъалаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Шуғнону Рӯшонро дар "Таърихи Бадахшон" мавриди муҳокима қарор додааст. Дар дохили ин масъала мавзӯъҳои мушкилоти муносибатҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ, сохтори маъмурӣ, хариду фурӯши одамон, шаклҳои

[15] Назаршоев М. Социально-экономическое положение дореволюционного Памира. – Душанбк, 1975. -С. 31.

заминдорӣ, андозгирӣ ва закот ва амсоли инҳо ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд.[16]

Дар масъалаи шаҷараи аҷдодиву авлодии дар “Таърихи Бадахшон” омада низ муҳаққиқ таваҷҷуҳ намуда ва дар ду ҷои таҳқиқ онро ба таври равшан мавриди назар қарор додааст: ду ҷадвале, ки ба зикри ановини шаҳони Шуғнон ва Рӯшон ва зуррияи Абдураҳимхон бахшида шудаанд[17] ва ҳамчунон, як мақолаи алоҳида бо унвони “Гнеология Шугнанских правителей XVIII-XIX вв.” [18] Умуман, тадқиқоти марҳум Қурбонбек Элчибеков дар таҳлили масълаҳо ва воқеаву ҳодисаҳои “Таърихи Бадахшон”, инчунин муқоисаи онҳо бо санадҳову манобеи дигари таърихӣ арзиши хосса дорад.

## III: Аҳаммияти таърихии “Таърихи Бадахшон”

Чанд ҷумларо аз диди ду нафар хонандаи “Таърихи Бадахшон” вобаста ба аҳаммияти фаротар аз масъалаҳои марбут ба таърихи мардумбуда дар ин ҷо қайд мекунем.

Устод Баҳодур Искандаров ҳамчун таърихшинос ба тарафҳои мусбат ва камбудиҳои асар ишораҳои воқеӣ намудааст, ҳарчанд заъфи онро асосан аз нигоҳи сиёсати давр таҳлил карда бошад ҳам. Дар асл бошад, ин асар танҳо як асари илми таърих набуда, балки он асари таърихӣ барои омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардумони Бадахшон ба шумор меояд.

Дар асар, пеш аз ҳама, масъалаҳои марбут ба мардумшиносӣ дар назар ҷилвагар мешаванд, ки намояндагони ин илм метавонанд дар асоси таҳлили онҳо ба натиҷаҳои хуб ва асоснок расанд. Мардумшиносӣ гуфта, мо танҳо антропологияро дар назар надорем, балки

---

[16] Эльчибеков К. Шугнан и Рушан в исторических источниках. -С. 50-89.
[17] Ҳамон асар, с. 140-141.
[18] Ҳамон асар, с. 182-186.

инсоншиносиро бо дарбаргирии муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии онҳо дар андеша дорем. Аммо худи ин муносибатҳо тамоми он мафҳуме, ки мо мехоҳем асарро таҳти фаҳмиши он аз назар гузаронем, низ ба бар надорад, балки фаротар аз он аст. Дар ин ҷо муносибати мардум ба ҳамсояву ҳаммаслак, ҳамдеҳаву ҳамватан, дӯсту душман, шоҳу гадо, ҳокиму маҳкум, адлу ноадлӣ, доду бедодӣ, қазову қадар ва амсоли инҳо инъикос ёфтаанд, ки омӯзиши мушаххаси ҳар яки онҳо ва соири масъалаҳо имрӯз актуалӣ мебошад. Шояд мафҳуми "ҷомеашиносӣ" аз мафҳумҳои "мардумшиносӣ" ва "инсоншиносӣ" ба матлаби мо бештар созгор афтад ва ҷавобгӯйи бештари муҳиммияти "Таърихи Бадахшон" бошад. Дар ҳар сурат, мо бо тавони андешае, ки дорем ба он хоҳем кӯшид, то масъалаҳои мавриди баҳси ояндаро марбут ба тасвироти "Таърихи Бадахшон" ба қалам оварда тавонем.

Яке аз масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ шинохти адлу дод аз нигоҳи мардуми қатории ин сарзамин аст. Мисли он, ки барои қадимтарин аҷдодони форстабор, яъне қавми ориёӣ хос буд, адлу дод дар сарочаи ҳар амали инсон, аз инсони қаторӣ то шоҳи мамлакат, қарор гирифта буд. Беадолатиро сокинони кӯҳистон таҳаммул намекунанд ва ҳоким, шаҳ ва раиси бедоду адлро ҳеҷ гоҳ намебахшанд. Бовуҷуд, рафтори мардум дар ин боб қобили таҳлил аст.

*Таҳаммул* нахустин рукни рафтор ва муносибат дар масъалаи ҷавоб ба бедодии калоншавандаҳо ва ҳокимон ба ҳисоб меравад. Ин рукнро як навъ мушоҳида, як давраи "имтиёз" барои шахс ё роҳбари беадолат қайд кардан метавон, зеро дар ин муддат мардум интизор аст, ки шояд шахси аз чаҳорчӯби адлу дод баромада дар густурдани адолат ва дод ба кор гирифтан аз ақлу хирад баргардад. Мисоли равшани онро дар чанд лаҳзаи ҳаёти мардум дар асар мебинем, ки аз гӯшношунидтарин амалҳои шаҳони вақт дарак медиҳанд. Аз ҷумла, зӯран кашида гирифтани фарзандони

навраси мардум (ҳам писарбачаву ҳам духтарворис) барои фурӯшу тӯҳфа, бегуноҳ ба шаддитарин қатл маҳкум кардан (ба шах партофтан, қимма-қимма кардан, ба таври дастҷамъона тирборон кардан, ба ҳайси нишона мондани як нафар-як нафар ва амсоли инҳо), ки расми шаҳон будаст, аксар бо таҳаммули волидайни ҷигарбурида ва мардуми ҷабрдида паси сар мешудаст. Аз зовияи худи ҳамон адолат ин хулқ (характер)-и мардум, албатта, қобили қабул нест, вале инсони кӯҳӣ чунин аст ва ба тарзи дигар наметавонад бошад. Дилу рӯйу рафтори ӯ як аст.

*Маслиҳат ва ҳушдор* дуюмин рукни рафтор ва вокуниш ба беадолатӣ аст, ки аз тарафи мардуми Бадахшон изҳор мегардад. Ба қавле, чун сабурӣ косаашро пур мекунад, мардум ба маслиҳат, аниқтараш маслиҳати ҳушдордиҳанда мепардозад ва бар он бовар аст, ки имкони вазъро ба адл овардан ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад. Ба як саҳнаи дар асар тасвиршуда муроҷиат мекунем, ки дархӯрди ин таҳлил аст:

“Шаҳ (Юсуфалихон – В.О., Қ.О.) ва Сайид Фаррухшоҳ бо ҳам аз ҳар хусус нақл мекунанд. Хело ба ҳамин тариқ аз ҳар хел сухан фӣ мобайн кардаанд ва Сайиди мазкур васияти мардумро пеш карда гуфт: хизмати шуморо арз расонидан зарур аст, ки фиғони раият баланд шудааст, аз ҷиҳати ин ки аз фурӯхтани бачаву духтар ва кучбуна. Шуморо лозим аст, ки аз ин баъд аз одам фурӯхтан ва одам куштанро даст боз доред, ки хонаи падарро чулу чаппа накунед, ки ҳама ба шумо бакоранд, ба каси дигар на. Агар мамлакат чулу одам набошад, албатта ба шаҳ зиёну зарар мекунад. Ободии мулк хуб аст ё вайронӣ?”.[19]

Аз тарафи дигар, маслиҳат ё ҳушдори онҳо як навъ муроҷиат ба сохторҳои масъули низом ва тартиботи зиндагӣ аст, зеро маҳз шаҳ (ҳоким) ва гумоштаҳои ӯ танҳо

[19] “Таърихи Бадахшон”, нусхаи дастнавис. – С. 55.

ҷамъоварандагони тӯҳфаву закот набуда, балки пеш аз ҳама, сохтори қонунӣ ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, ҷумлаи мо “...ҳама раият ва хизматгори ҳукумати худ ҳастем...” аз лаҳзаи мурочиати сокинони Вахон ба закотҷамъкунандагони Мирзоюлдош - гумоштаи амири Бухоро, далолат ба ҳамин мафҳум дорад. Лаҳзаи пурраи ин мурочиат ва маслиҳат дар “Таърихи Бадахшон” чунин акс ёфтааст:

“Ба ҳамин тариқ, закоти Вахонро тамом карда, дар қишлоқи Зонг расида, ба қурғани мири амлок даромадаанд, ки мардуми Вахон дар он ҷо ҷамъ шуда, ба мири амлок дар бораи зулм гирифтани закот арз карда, ҷанҷол доранд. Бад-ин мазмун, ки дар закот гирифтан ҳеҷ кадоми моён мухолифу норозӣ нестем, аз қонун намегузарем, агар кор баинсоф бошад, дард надорад. Аммо кори зулму ноинсофӣ зиндагониро талх мекунад. Мебояд, ки аз чиҳил ҷондор як ҷондори миёнаро ҷудо кунанд, ҳамаи моён розӣ ва қабул дорем. Аммо аз чиҳил ҷондор ҳар кадом гӯсфанд, ё бузи калон ва сарраи онро закот гирифта, ҷудо мекунанд. Ин роҳи инсоф нест, деҳқоноро ёғиву кӯбӣ накунед. Моён аз мамлакати хориҷия нестем ва гурезӣ ҳам ба ҷое намебошем, ҳама раият ва хизматгори ҳукумати худ ҳастем, аз ҷое наомадем ва ба ҷое рафтанӣ ҳам нестем. Магар умед мекунем, ки зулм бар моён накунед».[20]

Чанд нуктаи дигарро аз лаҳзаи боло барои андешаи оянда ҷудо кардан зарур аст:

1) Мардум таърихан амрбардор ва пойбанди қонун ҳастанд, аз талаботи расмӣ ва муқаррароти қонун берун пой намениҳанд. Чунончи, арз доштаанд, ки “дар закот гирифтан ҳеҷ кадоми моён мухолифу норозӣ нестем, аз қонун намегузарем...».

2) Қонун ва талабот бояд дар доираи адлу дод бошад на берун аз он, чунонки дар давоми ҷумлаи боло аз забони ин

[20] “Таърихи Бадахшон”, нусхаи дастнавис. – С. 128.

мардум омадаст: “агар кор баинсоф бошад, дард надорад», вале агар беинсофона ва ноадолатона бошад, “кори зулму ноинсофӣ зиндагониро талх мекунад”. Дар ин сатҳ идора кардани вазъ дигар мушкил мегардад ва таърихи мардуми ориёитабор ҳазорҳо ҳазор саҳнаҳо ва санаҳои боифтихори қиёму мубориза алайҳи бедодиву зулмро ёд дорад.

3) Мардуме, ки санги кӯҳистонро болишти худ сохтаст, ҳазорсолаҳо бо ин сангу кӯҳ ба сар бурдаст ва ба бумӣ будани худ ифтихор мекунад. Дар мушкилтарин авқот ҳам ин диёрро тарк накардаст ва акнун ҳам нияти тарки онро надорад. Ин аст андешаи онҳо: “Моён аз мамлакати хориҷия нестем ва гурезӣ ҳам ба ҷое намебошем, ҳама раият ва хизматгори ҳукумати худ ҳастем, аз ҷое наомадем ва ба ҷое рафтанӣ ҳам нестем”.

4) Инсофро тарозуи адл медонанд ва беинсофиро қабул надоранд, зеро ноинсофӣ қишри нонёби ҷомеаро саркӯб ва мухолиф мегардонад. Эътирози мардум тавассути ҷумлаи “ин роҳи инсоф нест, деҳқоноро ёғиву кӯбӣ накунед” ба ҳамин маъно далолат мекунад.

Новобаста аз ин эътироз, мардум ҳанӯз ҳам умед мебандад, ки роҳи ба адлу инсоф баргаштан бояд ҷустуҷӯ шавад. Барои ҳамин, дар охири суҳбат (муроҷиат)-ашон ба намояндагони Мирзоюлдошбӣ мегӯянд: “Магар умед мекунем, ки зулм бар моён накунед”.[21]

Вақте ки ҳамаи ин роҳҳо банд ва имкониятҳои маслиҳат нодида гирифта мешаванд, рукни *қиём* ба майдон меояд ва ин рукн натиҷаи ба доди мардуми қаторӣ нарасидани сохтори ҳоким ва тартибот аст. Косаи сабри мардум, ки пур шуд, лабрез гашт, чораи дигаре ба ҷуз рехтан надорад. Ғазаби халқ аз ғазаби Худо сахттар аст, мегӯянд дар урфият. Қиёми

[21] Ҳамон саҳ.

мардум алайҳи беадолатии ҳокимон дар асар дар чанд ҷой ба чашм мехӯрад ва он ба гунаҳои мухталиф арзи вуҷуд мекунад.

Яке аз намунаҳои қиёми зидди зулм дар амалкарди Ҷангибек аз водии Шохдара, ки дар ҷавоб ба ҷабри золимона ва пурнафрати шаҳи Шохдара Иброҳимбек ба вуқӯъ пайваста буд, мебошад. Тибқи ҳукми шаҳи Шуғнон Абдураҳимхони золим Иброҳимбек - шаҳи Шохдара қисмати калоншавандаҳои водӣ, махсусан шаҳбачаҳои ин диёрро аз шахи баланди Роҷқалъа ба поён партофта кушт ва қисми дигарашро асир карда, барои фурӯхтан бурд. Ин ҳукми ҷоҳилонаи шаҳи Шуғнон ва амалкарди разилонаи шаҳи Шохдара мардумро ба ваҷҳи интиқом овард ва онҳо ба Ҷангибек мурожиати гирифтани интиқом намуданд. Ҷангибек, ба он нигоҳ накарда, ки барои ӯ ваъдаи мансаб дода буданд, сухани мардумашро ба замин намонд. Мутаассифона, ашхоси алоҳидаи тарсӯ ва чоплӯс дар ҳар замон дар хизмат будаанд ва дар ин маҳал низ қиёми Ҷангибекро ба қатли номардонааш анҷом доданд. Дар ҳар сурат, андеша ва амали Ҷангибек навъе аз қиёми мардумӣ бар зидди беадолатӣ буд, чунончи:

“Аммо раияти Шохдара, махфӣ аз Иброҳимбек, ҳамроҳи Ҷангибек аз қисури шаҳи Шохдара ва талаф кардани онҳо ва фурӯхтани асири онҳо, маслиҳатӣ будаанд дар талаф кардан ва куштани Иброҳимбек. Муттаҳид шуда, ҳама якбора ҳамроҳи Ҷангибек ба як овоз аҳд карда гуфтанд, ки онро ки куштӣ, ҳамаи моён ҳамроҳи шумо мамлакати Шохдараро чул карда, тарафи Сарақулу Ёрканди Қошғар фирор шуда, кӯч мекунем. Бинобар шунудани  сухани раият, Ҷангибек ҷавоб дода мегӯяд, ки аз хотири шумо бародарон рӯгардонӣ намекунам, аммо кор ганда хоҳад шуд. Чаро ки шаҳи Шуғнон барои ман ваъда кардааст, ки аз тарафи Бадахшон ки омадем, ҳокимии Шохдараи поён барои шумо медиҳам ва Шохдараи боло аз барои Иброҳимбек бошад, лекин аз бародарии шумо, бародарон, намегузарем. Ба ҳамин маслиҳат, дигар ақиб нигоҳ но-

карда, тарафи Роҷқалъа қадам пеш ниҳода меравад».[22] Ҷангибек «аз бародарии бародарон нагузашт», вале «бародароне» пайдо шуданд, ки туф ба косаи бародарии ӯ карданд.

Намунаи қиёми дигари мардум дар амалкарди сокинони Вахон алайҳи закотгирандагони Мирзоюлдошбӣ, фиристодани амири Бухоро мебошад, ки аз қисмате аз он дар боло ёдовар гардидем. Давоми ин ҳодиса чунин буд:

"Баъд Амонбек, мингбшии Вахон, чанд нафар одамони пурзӯрро фармуда, ки рафта ҳарчанд ҳаракат дошта бошед, хуб азоби сахт онҳоро карда, рухсат кунед, дақиқа намонед, ки оби Вахон бихӯранд».[23] "Одамони пурзӯр", ки намояндаи мардум буданд, рафта ҳамин корро карданд, чунончи: "Баъд чанд нафар пурзӯр вақти хуфтани шаб омада, чунон азоби сахт он закотчиёнро карданд, ки ҷони онҳо андак монда, аз нола ҳам мондаанд».[24]

Воқеан, деҳқонони Шуғнон низ ба ин беадолатӣ эътирози худро баён доштаанд. Онҳо низ бо "фармоишу иҷозати Саид Юсуфалишоҳу Азизхон-мингбошӣ ҷамъ омада, ба ҳузури началик Арсенуф арз намуданд, ки моён ба закот гирифтани мири Бухор зиндагонӣ карда наметавонем... Дар инчунин закот гирифтан мо деҳқонон тоқат надорем, агар аз инсоф закот мекунанд, гуфтугӯ надорем. Аммо ба зулм гирифтани закот зиндагонии моён дар ин ибтидои аввал бисёр талх шудааст, ки нишоне надорад. Имрӯз агар аз закоти ҳайвонот садои мо деҳқонон баромада, фардо ба андозаи ушри замин садои моён баландтар мешавад».[25] Ҷумлаи охир ишораи ошкоро ба қиём аст.

---

22 "Таърихи Бадахшон", нусхаи дастнавис. – С. 25-26.
23 "Ҳамон асар, с. 129.
24 Ҳамон саҳ.
25Ҳамон саҳ.

*Нақши аҳли рӯҳониён* дар ҳаёти мардум аз аркони дигари иҷтимоиёти мардуми кӯҳистони Помир маҳсуб мешавад. Ҳарчанд муҳаққиқон аҳли рӯҳониёнро, дар баробари қишри ҳокими ҷомеа, яке аз қисматҳои бар зарари мардум амалкунанда, аниқтараш, ҳамеша ба манфиати синфи доро фаъолияткунанда, қаламдод намоянд ҳам [26] (сиёсати коммунистӣ ҳеҷ гуна муросоро бо аҳли эътиқод намепазируфт ва чунин натиҷагириҳо аз ҳамин сиёсат рӯи кор омадааст), аммо дар асар нақши намояндаи онҳо комилан воқеӣ аст. Дуруст аст, ки пирону шайхону чанд нафар муллои чалласавод аксар вақт ба фоидаи худ аз дину мазҳаб истифода менамуданд, вале таърих собит месозад, ки аксари вақт одамони аҳли эътиқод намунаи ибрати ҳамагон дар масоили ахлоқ, маърифат ва муносибат маҳсуб мешуданд. Мардум дар тамоми масоили зиндагӣ, аз ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ сар карда, то бунёди хонаву дар, тӯйу сури фарзанд ва кафну дафни мутаваффоти худ, ба онҳо муроҷиат менамуд ва аз онҳо маслиҳату дасти ёрӣ медид. Ин рукни муносибат то ба ҳол низ дар миёни аҳли ҷамоат побарҷост, вале ҷои зикри махсус аст, ки эътимоду эътиқоди мардум асосан бар он ашхоси ин қишр аст, ки аз худ шоистагиро нишон медиҳанд. Дар "Таърихи Бадахшон" чунин шоистагиро дар рафтор ва амали Сайид Фаррухшоҳ мебинем, ки аксар авқот аз мардум намояндагӣ мекард. Ба унвони мисол ба як санаи дар асар омада муроҷиат мекунем, ки дар он Саид Фаррухшоҳ барои талбидани адлу дод аз номи мардуми заҳматкаш ба пеши Юсуфалихон –шаҳи Шуғнон меравад, ки аз ин бора дар боло ёдовар шудем. Чунин лаҳзаҳо дар асар зиёд ба назар мерасанд ва ҳамчунон, мардум барои ҳаргуна маслиҳат ба пеши аҳли дину мазҳаб меомаданд.

[26] Ниг.

Дар асар ишораҳое ба як рукни дигар дида мешаванд, ки барои тамоми мардуми ориёинажод ва махсусан тоҷикони кӯҳистон аз ҳар молу маноли дунё арзиши воло дошт, дорад ва он *номус* аст. Мо дар шарҳи ин мафҳум барои мардуми Бадахшон ҳадафи арзиши онро барои дигар халқон ва миллатҳо камранг гуфтанӣ нестем, балки муҳиммияти ин аслро дар тафаккур ва зиндагии онҳо, бо такя бо як ду мисоли дар "Таърихи Бадахшон" аксёфта, нишон додан мехоҳем.

Ҳанӯз аз кӯдакӣ волидайн барои фарзандонашон гаштаву баргашта ин мақолро ёдрас мешаванд: "Ҳама чиз садқаи ҷон ва ҷон садқаи номус". Ҷон, ки ба эътиқоди мо - мусалмонон, ҳадяи худовандӣ барои инсон аст, таҳти ҳимояи Аллоҳ қарор дорад. Ба ҷуз Офаридгор касе ва чизе ҳуқуқи ба он сару кор доштан надорад, ҳатто ҷисми инсоние, ки дар ин олам молики он маҳсуб мешавад. Мақоли боло, ки дар миёни мардум роиҷ аст, аз шарифии ҷон ва арзиши он гӯшзад мекунад, вале арзиши номусро аз он боло мегузорад. Яъне, агар кас номус надошта бошад, ин ҳадяи олами улвӣ барояш ҳаром аст ва баръакс, барои инсони баномус, баҳри ҳимояи номус ва шарафи шахсӣ, аҳли оила ва халқу ватан, бохтани ҷон раво аст. Аз ду ҳодисаи дар асл вуҷуддошта ва дар асар нақшёфта ёдовар мешавем, ки маҳз ҳамин масъаларо дар назар ва тафаккури хонанда ҷилвагар месозанд.

Дар боло аз қиёми мардуми Шохдара бо сардории Ҷонибек ёдрас шудем, ки бо сабаби ба шах партофта шудани шаҳбачаҳои ин диёр аз тарафи Иброҳимбек, бо ҳукми шаҳи бадахшитабори Шуғнон Абдураҳимхон, сар зада буд. Дар миёни ин саҳнаи ҳузангез ҳузнагезтарин ҳодисаи дигаре ҳаст, ки бо вуҷуди ваҳшатзо буданаш, қобили ифтихор низ мебошад ва аз он бӯйи номуси инсонӣ меояд. Вақте ки одамони барӯманд ва шаҳбачаҳои Шохдарарор танҳо-танҳо ва ҷуфт-ҷуфт аз болои шах ба поён ҳаво медоданд, дар миёнашон одамони калонсол низ буданд. "Охирон як мӯйса-

фед ҳамроҳи ду писари худ ба паррондан мондаанд. Он мӯйсафед, ҳарчанд кардаанд, ки намехоҳад ба шах паридан, баъд он ду писари ӯ яке аз бағали рост ва яке аз чап даромада, ҳамроҳи падари худ якбора ба он шах паридаанд”.[27]

Мушоҳида ва таҳлили ин воқеа чунин натиҷаро барои мо ба бор меорад, ки номуси писарони мӯйсафед иҷозат намедод, падарашон дар пеши як золими намакношинос ҳақир бошад. Ҳарчанд ин писаронро барои фурӯхтан дар қатори зиндаҳо монда бошанд ҳам, онҳо ҷони худро фидои номуси хонаводагӣ намуданд ва иҷозат надоданд, ки падарашон залилу ҳақир ва худашон ғулом бошанд. Ин нишонаи номус аст.

Воқеаи дигари ба ин монанд ҳангоми мунокишаи оқсақол Сафар бо шаҳ дар Саройи Санг ба вуқӯъ мепайвандад, ки ин тавр ба қалам омадааст: “Ва ақсақол Сафар аз қишлоқи Верро ба Саройи Санг, ба пеши худ талабида (яъне Шаҳи Шуғнон – В.О., Қ.О.), хело дашномҳои сахти фош онро дода ва қамчинро гирифта чунон базарб мезанад, танааш кафида, хун ҷорӣ мешавад. Ин ҳам тасаллои қаҳр намешавад, аз дастҳояш гирифта, кашон-кашон ба сари ҳавои шах расонида, ихтиёр мекунад, ки ба ҳавогии ин шах Сафарро партофта, ҳалок кунам. Боз қамчинро ҳавола ба сараш карда, ки нӯги қамчин ба чашмаш расида, кафонда кӯр шудааст. Аз ноумед шудани зиндагонии худ ва ҳам аз сӯзиши чашму тамоми бадани худ ба ҳар ду дасти шаҳ маҳкам гирифта, ҳаракат мекунад, ки ин бадбахтро ҳамроҳи худ ба ҳавои ин шах ҳаво дода, мо ҳар ду якҷо ҳалок шавем. Ва дашномҳои сахти фош ҳар чанд ба забони ақсақол Сафар омадаст, пас ногардонда ба рӯи шаҳ аз зан то модару хоҳар ва пушт ба пушт аз дили худ ҷорӣ карда, ҳаракат намуда ба шах партофтан, ки нафарҳои хуфӣ давида, дастҳои шаҳро аз дасти ақсақол Сафар

[27] Ҳамон асар, с. 24.

тоб дода, халос кардаанд ва ӯро аз Саройи Санг ба он баландии ҳаво партофтанд”.[28] Афсус, ки навкарони шаҳ монеи номуси оқсақоли верӣ шуданд, дар акси ҳол оқсақол шаҳро дар номуси ҷони ҳамдеҳагонаш ҳаром мекушт. Чунин ҳодисаҳо дар ҳаёти мардуми Помир зиёд рух дода буд ва ҳатто заноне, ки мавриди зӯроварӣ қарор мегирифтанд, бо чунин амал номуси худро ҳифз мекарданд ва қасоси худро мегирифтанд. Таърихи зане бо номи Пома, ки дар Бодомдараи Шохдара ба сар мебурдаст, аз чунин мисолҳои ҳузнангез, вале боифтихор маҳсуб мешавад[29].

---

[28] Ҳамон асар, с. 47-48.

[29] Бинобар ривояти калоншавандаҳои деҳоти Барвози н.Рошткалъа, шавҳари Пома ӯ ва ягона кӯдаки худро гирифта, аз ҷаври афғонҳо ба мавзеъи болотар аз деҳаи Бодоми Боло барои идомаи ҳаёт паноҳ мебарад. Онҳо кулбае фақирона сохта, мард рӯзона аз пайи молу пода мегашт ва Пома бо кӯдаки дар гаҳворабудааш дар кулба ба кору бори хона банд буд. Рӯзе ба роҳи поён назар меафканад, ки ду савораи афғон майли кулбаи онҳо доранд. Пома ба дохили кулба даромада, аз сӯрохии девор онҳоро мепояд. Чун дар он маҳал кулбае дигар мавҷуд набуд, афғонҳо яқин нияти тасарруфи ҷон ва молу анволи онҳоро доштанд. Дар он лаҳза дар андешаи Пома се чизи муқаддас пайдо шуда, чарх мезаданд: яке номусу иффати занонаи худаш, дигаре обурӯйи шавҳараш ва сеюм, ҷони кӯдаки дар гаҳворабудааш. Ӯ омода буд барои ҳифзи ин се арзиш худро қурбон кунад. Пома чун яқин кард, ки саворахо ба кулбаашон чашм ало намуданд, гаҳвораи фарзандашро пуштора намуда, бо як неруи ғайримуқаррарӣ ба сӯи қуллаи кӯҳ ҳаракат мекунад. Ӯ ҳарчанд тезтар ҳаракат мекард, ҳамон қадар яке аз савораҳо ба ӯ наздиктар мешуд. Пома тавонист худро ба сари қуллаи кӯҳ расонад. Чун асп дигар боло рафтан натавонист, савора пиёда шуд ва рӯ ба сӯи қулла давид. Чун ба сари қулла расид ва даст ба тарафи Пома ёзонд, ӯ кӯдакашро оғӯш карда, аз болои қулла ба поён ҳаво дод. Худ бошад даст ба сӯи афғон дароз кард. Марди бадкеш, бо ҳаваси он ки ӯро дар оғӯш гирад, ҳар ду дасташро ба пеш дароз мекунад. Пома аз ҳар ду дасти ӯ сахт қапида, худро аз сари қулла ба поён ҳаво медиҳад. Ҳамин тариқ, Пома худ ва фарзанди худро қурбони номус сохта, он истилогарро ба ҷаҳаннами ҳафтум мефиристонад. Шигифтии ин

Як масъалаи дигаре, ки дар тамоми давраҳо барои мардум ҳамчун доғи рӯз боқӣ монда ва дар ҳама давру замонҳо боиси густариши зулму беадолатӣ дар ҷомеа мегардад, пора ва порахӯрӣ будааст. Дар асар чунин рӯйдодҳо ҷо-ҷо ба чашм мехӯранд, вале дар яке аз ин тасвирҳо метавон нафрати муаллифон, ки як навъ нафрати мардум нисбат ба чунин аъмол аст, ошкоро ба чашм бирасад. Тасвир ин аст:

"Касе нотавону кабағал буд, аз ҷиҳати қимат будани пул хонаи падари худро фурӯхта, сесад тангаро мавҷуд карда, оварда ба мир супорид ва бист танга касе, ки мосал буд, он мосалона мегирифт. Агар байни ду нафар деҳқон дар хусуси замин, ё боғ бо ҳам ҷанҷол доштанд, яке аз онҳо тавоно ва яке камбағал, аз он тавоно ду чандони он ҷанҷол пора хӯрда ва ҳақ аз он камбағал буд, аммо аз ҷиҳати пули накд он нотавонро хориҷ аз хонаи падарӣ карда ва ҳакро ба ҷониби он тавоно кардаанд. Сад танга пора хӯрад, дусаду панҷоҳ танга аз ҷанҷол талабида, як мосал аз барои ҳосил кардани пули мирӣ маблағи даҳ рупия ғайри пули мирӣ он навкар мосалонаи худ аз он деҳқон гирифта, панҷ рупия қозии васиқадода мӯҳрона гирифт. Ҳарчанд андак ҷанҷол буд, ду баробари он ҷанҷол мир Эшонкул пул мегирифт. Аз ҳар деҳқони камбағал, ки мероси ҳаққӣ буд, қатъан замин ё боғ, ё хонагоҳ, ё коҳдарав, ё ғайри инҳо чизи дигар буд, ҳамеша аз ӯ ҳаққу мероси падарӣ набаромада ва ҳақ мудом ба ҷониби тавоно буд, на аз камбағал. Ва камбағали бечора дарбадар шуд".[30]

Чунин муносибат дар мағзи ҳокимону шаҳону мирони таҳҷоӣ низ асар намуда, дар давоми тасвири боло як амали нангини Сайид Юсуфалишоҳ нисбати як зани камбағал, ки

---

ривоят дар он аст, ки пораҳои гаҳвора ҳанӯз ҳам дар он мавзеъ ба назар мерасанд.

[30] Ҳамон асар, с. 120-121.

хонаву дару боғу роғашро базӯрӣ ва бо ҳиллаҳои дигар азони худ намудааст, нақл мешавад. Ва дар охир боз аз пораву порахӯрии миру ҳокиму эшон бо алам сухан меравад ба ин тарз: “Агар ду муддаӣ бо ҳам замин ҷанҷол доштанд, яке аз онҳо тавоно ва яке нотавону камбағал буд, он тавоно бар шуту пора хотирҷамъ буд ва он номуроди камбағалро аз се сол боло напурсиданд. Ва боло аз ин, ҳокиммулкӣ, яъне Эшонқул чунин гуфт, ки аз раият миқдори боқилоро бепул на ман мехӯраму на рус”.[31]

Хулласи калом, таҳлили ҳар як ҳодисаву воқеаи китоб метавонад хислату рафтор, хулқу атвор, тарзи муносибат ва андешаву афкори ин мардумро ошкор созад ва дар оянда барои бархӯрд бо маскунони ин сарзамин ба кор гирифта шаванд.

### IV: Забон ва бадеъияти «Таърихи Бадахшон»

Яке аз вижагиҳои “Таърихи Бадахшон” забони он мебошад, ки дар баробари махсусиятҳои лаҳҷаи хоси мардуми помирро доштан, ҳамчунон бадеияти нақлҳоро низ фароҳам овардааст. Таҳлили забони ин асар дархӯрди якчанд рисолаи илмӣ аст ва мо дар ин ҷо танҳо аз хусуси чанд вижагиҳои он қайд карда мегузарем.

Забоне, ки муаллифони “Таърихи Бадахшон” аз он мустафод намудаанд, пеш аз ҳама, намунаи яке аз лаҳҷаҳои ноби забони имрӯзаи тоҷик мебошад, ки аҳён-аҳён дар миёни уламо бо унвони “лаҳҷаи помирии забони тоҷикӣ” зикр мегардад. Муаллифони ин асар шахсони хонда ва маърифатдида буданд ва истифодаи ҳар калима, ба кор гирифтани ҳар ибора ва сохтани ҳар ҷумларо ба забони тоҷикӣ медонистанд. Дар ин бора андешаи муаллифони сарсухан ва баргардонандагони матни “Таърихи Бадахшон”-

[31] Ҳамон асар, с. 121.

и Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсарро дар ин ҷо овардан зарур мешуморем, ки ҷолиби тавачҷуҳ мебошад. Эшон нигоштаанд: “Дастхат ба забони содаю оммафаҳми тоҷикӣ навишта шуда, воқеаҳо ба тарзи ниҳоят дилчаспу воқеӣ баён гардидаанд”.[32] Ин натиҷагирии муаллифони пешгуфтори таърихи дигари Бадахшон воқеӣ аст, аммо дар батни ин “забони содаю оммафаҳм” ҷанинҳое мавҷуданд, ки вижагиҳои забонии онро фароҳам овардаанд.

Ба мардумӣ ва оммафаҳм будани забони асар, пеш аз ҳама, тарзи ҳикояти фолклории он низ таъсири махсус доштааст. Нигоҳ ба чанд сарлавҳаву зерсарлавҳаҳои қисматҳову воқеаҳои инъикосёфта инро ошкоро собит месозад. Ба ин ҷумлаҳо муроҷиат шавад: “*Боз омадем ба қиссаи Амирбек, ки бародаронаш барои ӯ хат карда буданд*”; “*Ҳоло қисса аз шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон нақл кунем*”; “*Ҳоло боз қисса аз тарафи мири Бадахшон нақл мекунем”;* “*Ва қиссаи Миролим гуфта шавад”; “Омадем ба қиссаи Афғонистон”; “Ҳоло қиссаи Саидолхон ҷарнайл нақл кунем”; “Ва қисса аз лашкари ин тарафи дарё нақл кунем”; “Омадем ба қиссаи Николай”.*

Яке аз ин вижагиҳои забонии “Таърихи Бадахшон” истифода аз тарзи нақли мардумӣ аст, ки барои аксари мардуми Бадахшон фаҳмо ва ширин метобад, агарчи истифодаи он аз тарафи насли калонсоли муосир маҳдуд ба назар мерасад. Ба чанд намуна тавачҷуҳ мекунем:

“*Бародарони қимат¯*”, ба маънои “бародарони гиромӣ”, чунончи дар ин ҷумла: “*Бародарони қимат¯ гӯш намоед, ки чанд сатре аз гардишоти фалак дарҷ намудем, ки дунё ба ч¯ тариқ равнақ додаст ва медиҳад*”.[33] Ин тарзи гуфтори тоҷикӣ

---

[32] Ғоибов Ғ., Холов М. Пешгуфтор // Таърихи Бадахшон. – Душнбе: Дониш, 2007. -С. – 48.
[33] Таърихи Бадахшон”, нусхаи дастнавис. – С. 12.

хоси мардумоне аст, ки соҳиби яке аз забонҳои шарқи эронӣ, хосса гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ мебошанд. Хитобҳои “бародарони қиматӣ”, “бародарони арҷманд”, “бародари ман бошӣ” дар гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ аслан бо ибораи мухотабии “виродакат манӣ” баён мешаванд, ки “бародарони қиматӣ” як навъ тарҷумаи он ба ҳисоб меравад. Ин хитоба асосан бо ду ҳадаф истифода мешавад, ки яке барои ҷалби дубораи таваҷҷуҳ ва дигаре барои нишон додани муҳиммияти ҳузури ҳамсуҳбат, яъне ишора ба он, ки нақл маҳз ба ҳамсуҳбат нигаронда шудааст.

Қисмати дуюми ҷумлаи фавқ низ як навъ тарҷумаи тоҷикии андешаи шуғнонӣ аст. Мардум аксар воқеаҳо ва ҳодисаҳои ба сари одамон омадаро аз чархи гардун мепиндоранд ва онро чунин баён медоранд: *Ту чис, динё царанг раwнақэ ди бодҷ* (Нигар, ки дунё онро чӣ тавр печутоб додаст).

“*Албатта, Шумо ҳам худро шаҳ ҳисоб мекунед*”. Дар як ҷои асар чунин суханро Мири Қундуз ба Қурбонҷон - шаҳи Шохдара гуфтаст: «Албатта, Шумо ҳам худро шаҳ ҳисоб мекунед». [34] Дар тафаккури тоҷиконаи мо ин ҷумла маънои содаи фаҳмо дорад, вале дар забони шуғнонӣ (*Албат, тута мис ху ха̄ лӯ̊вэ*) ин ҷумла як навъ писханд ва таъна ба ҳамсуҳбат ва аз давлату савлати худ паст шумурдани давлату савлати ҳамсуҳбатро дорад, ки дар муроҷиати Мири Қундуз маҳз ҳамин маъноро фароҳам овардааст.

“*Калон кардан*”. Ибораи “калон кардан” дар “Таърихи Бадахшон” ба маънои аслиаш, яъне инсоне ё навъи ҳайвонеро калон кардан омадааст ва ҳамчунон, ба маънои дигар, ки дар забони шуғнонӣ дарк ва истеъмол мешавад, низ кор фармуда шудаст. Калимаи “калон”, ки дар таркиби “каси калон”,

---

[33]Ҳамон асар, с. 18.

“одами калон” дар забони тоҷикӣ омада, одами сари вазифаи калонро муаррифӣ мекунад, дар забонҳои помирӣ низ ба маънои вазифаи баланд истифода мешавад. Масалан, дар ҷумлаи *“...аз ҷиҳати ин, ки барои ман кумаке карда, шаҳи Шохдараро гирифта ва Шохдараро тасарруф шавем ва шуморо калон мекунам”*[35] маънои хӯҷаин кардан, вазифаи баланд бахшиданро дорад.

“*Аз бародарии бародарон нагузаштан*”, яъне ба хотири бародар будан ва бародарӣ, сухани онҳоро ба замин намондан, масалан дар ин ҷумла: “*Чаро ки шаҳи Шуғнон барои ман ваъда кардааст, ки аз тарафи Бадахшон ки омадем, ҳокимии Шохдараи поён барои шумо медиҳам ва Шохдараи боло аз барои Иброҳимбек бошад, лекин аз бародарии шумо, бародарон, намегузарем*”.[36]

“*Мӯйсафед гирифтан*”, ба маънои интихоби одами сазовори эҳтиром аз ҷиҳати синну сол ва маърифат барои ҳалли мушкилоти аҳли ҷамоат. Ба ҳайси мисол, дар ин мурочиати Сайид Фаррухшоҳ ба аҳли ҷамоаташ маҳз ҳамин маъно аён аст: “*Фаразандони ҷамъи хурду бузург, агар ҳарчанд нолоиқу ҳақир мебошем, ки якум, Мукии шумоён ҳастем, дуюм маро имрӯз барои худ мӯйсафед гирифтаед*”.[37]

“*Қуллуғбоди бисёр кардан*”, яъне изҳори ташаккури зиёд кардан. Калимаи “қуллуғ” ҳамон “қуллуқ”-и туркӣ аст, ки дар забонҳои помирӣ бо табдили овози охир маъмул гардидааст. “*Сайид аз шунидани ин сухан хурсанд шуда, қуллуғбоди бисёр ба онҳо карда...*”.[38]

“*...фалон¯ ном...*”. Яке аз ибораҳои маъмуле, ки дар асар зиёд ба назар мерасад, пас аз исми шахс истифода шудани калимаи “ном” аст, ки барои мардуми таҳҷоӣ як шакли

---

[35] Ҳамон асар, с. 20.
[36] Ҳамон асар, с. 28.
[37] Ҳамон асар, с. 78-79.
[38] Ҳамон асар, с. 57.

маҳмулии суҳбат ба шумор меравад. Масалан, агар дар бораи касе дар суҳбат ёд шавад, ӯро бо исмаш бо иловаи калимаи “ном” ном мебаранд. Масалан: “*Ва Бухор¯ ном ба Кобул калон шудааст*”[39], ё “*Боз шаҳи Шуғнон Иброҳимбек номро пешниҳод карда*..."[40] ва амсоли инҳо. Ба назар мерасад, ки чунин ном бурдани одамон ҳамон вақт иттифоқ меафтад, агар шахси зикршуда барои ҳамсуҳбат шинос набуда бошад.

“*Тӯридан*”. Ин калима дар забонҳои маҳаллии сокинони Помир асосан нисбати навъи ҳайвонот, аз ҷумла хару асп истифода мегардад, аммо дар асар дар як ду мавқеъ, аз ҷумла дар ин ҷумла ба назар расид ва маънои “тарсидан”, “як қад паридан”-ро дорад. “*Аз хоб тӯрида сари худро боло карда, ба ҳар тараф тамошо карда, касеро надид*”.[41]

“*Паррондан*”. Ин калима дар забони тоҷикӣ як мафҳум: “тариқи аслиҳаи тирдор ба қатл расондан”-ро дорад. Аммо муаллифони “Таърихи Бадахшон” онро, бо дарназардошти мафҳуми “паридан”, ба маънои аз як ҷой ба ҷойи дигар интиқол додан ва ё ба чуқурӣ партофанро “паррондан” гуфтаанд. Дар ҷумлаи зер ин калима дар се ҷой ба ҳамин маъно кор фармуда шудааст: “*Мумкин болои сангар **паррондан** набуда, Абедуллоҳхон ном ба дарё **парронда**, аз он тарафи чиб баромада, шамшерро кашида, наздиконро шамшер задан давом карда ва ин дигарон ҳам ба об **парронда**, аз он тарафи бандар гузашта*”.[42]

“*Шикастонда бурдан*”. Калимаи мазкур аз феъли “шикастан“ таркиб ёфтааст ва дар забони асар шакли “шикастондан”-ро гирифтааст, ки шояд шикастан тавассути чизе ба назар гирифта шуда бошад. Аммо дар асар ибораи “шикастонида бурдан” маънои “ғорат карда бурдан”-ро

[39] Ҳамон асар, с. 97.
[40] Ҳамон асар, с. 20.
[41] Ҳамон асар, с. 4.
[42] Ҳамон асар, с. 101.

дорад, масалан дар ин ҷумла: “*Ва мардуми Шохдара шаб то рӯз омада, бе тарсу бим, ошкоро аз одам то ҳайвони Шуғнонро* ***шикастонда мебаранд*** *ва бадахш¯ аз Хоруғу Сучон то Веру Дармораxтро* ***шикастонда мебаранд****”.*[43]

“*Ба касе гаштан*”. Ибораи ”ба касе гаштан” мазмуни “ба касе рӯй гардондан, мурочиат кардан”-ро дорад, чунончи, дар мавриди мурочиати Шаҳ Абдулазизхон ба Абдолбек омадааст: “***Шаҳ Абдулазизхон ба Абдолбек гашта****, ки ч¯ тариқ бикунем, ки оташи гушнаг¯ нест шавад*”.[44]

Чунин ибораҳо, ки асли онҳо дар забонҳои маҳаллӣ дида мешавад, дар қолаби забони тоҷикӣ аз тарафи муаллифони асар зиёд истифода гардидаанд ва ба забони он як махсусиятро тақдим намудаанд. Боз калимаву ибораҳои зиёди дигаре низ ба чашм мехӯранд, ки истеъмоли онҳо билкул таҳҷоӣ аст ва дар аксари мавoрид танҳо барои соҳибзабонони маҳаллӣ фаҳмо астанду халос. Аз ҷумла, “*чул кардан*” - ба маънои хароб кардан, “*болои асб задан»* - ба асп савор кардан, “*пас ногардондани сухан ё дашном*” - ҳама чизро ба рӯйи кас ошкоро гуфтан, “*пушт ба пушт аз дили худ ҷор¯ кардан”* - ҳама чизро ба рӯи касе гуфтан, аз ғазаб дилро холӣ кардан, “*шӯридан*” - кофтан, кофтуков кардан ва амсоли инҳо низ дар асар зиёд истифода гардидааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллифон калимоти зиёдеро истифода намудаанд, ки сирф асли тоҷикӣ дошта, мутаассифона дар забони имрӯзаи тоҷик кам ба назар мерасанд. Чунончи, калимаи “*обдузд*” - ба маънои нуқтае дар як ҷойи ҷӯйбор барои гирифтани об, “*назарбанд*” - ба мазмуни ҳабси хонагӣ, “*хосадор*” - ба маънои сарбоз ё аскари ярокдор, “*дафтардор*” - ба маънои афсар ва мисли инҳо, ки сирф калимаҳои тоҷикӣ ҳастанд.

---

[43] Ҳамон асар, с. 6.
[44] Ҳамон асар, с. 8.

Ба як калимаи дигари мураккаб, ки сиришти хеле тоҷикона дорад ва ба ҳадафи нишон додани масофа дар асар истифода шудааст, “*поҷур*” аст. Ин калимаи қолаби шинам дошта масофаи ду пои ҷӯрро, яъне чаҳор қадам, ки ба ду метр рост меояд, нишон медиҳад. Мафҳуми он дар ин ҷумла хеле равшан дар хаёл меояд: “*Ва чанд нафар навкарон Амирбекро пеш андохта, бар як* ***поҷур*** *дуртар бурда, тир зада ҳалок карданд.*”[45]

Яке аз махсусиятҳои забонии “Таърихи Бадахшон” дар истифодаи унсурҳои алоҳидаи забонӣ ва калимаҳои арабӣ мебошад, ки ё дар миёни мардум дар ҳукми истеъмол будаанд ва ё аз тарафи худи муаллифон, аз ҷумла Сайид Шоҳфутур, ки бо фарҳанги арабӣ балад будааст, истифода гардидаанд. Аз ҷумла, унсурҳои “*маъа*” - бо ва “*ф*ˉ”- дар, калимаҳои “*мунқатеъ*” - қатъ, буридан, “*майита*” - бекорхобида, “*хафия*”- ба таври махфӣ ва амсоли инҳо. Агар “мунқатеъ” ва “хафия” барин калимаҳои арабӣ ба хости худи муаллифон истифода шуда бошанд, калимаи “майита”, ки дар асар нисбати заминҳои бекорхобида (заминҳои майита) истифода шудааст, маҳз дар миёни аҳли деҳқони Бадахшон дар ҳукми истеъмоли пурра будааст.

Мусаллам аст, ки ҳар давр бо асбобу анҷоми худ, бо пешрафти илму техника ба ҳаёти ҷомеа дохил мегардад ва бо худ як қатор дигаргуниҳои фарҳангиро вориди тамаддуни ин ё он халқ месозад. Забон, ки яке аз унсурҳои калидии фарҳанг ва ҳастии ҳар миллат аст, аввал шуда калимот, иборот ва ҷумлаҳою иншоҳои навро қабул ва ҳазм менамояд. Забони тоҷикӣ ва ҳамчунон, забонҳои маҳалии Бадахшон низ аз чунин вазъ мустафод намуданд.

Мусаллам аст, ки асри XX ба ҳаёти мардуми Осиёи Миёна бо инқилобҳои Русия ва сохти Шӯравӣ бо идеологияи

---

[45] Ҳамон асар, с. 39.

коммунистӣ ворид гардид. Ба хотири виҷдон бояд зикр кунем, ки ин сохт ва система дар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мардумони минтақаро ба як асри пурра ба пеш бурд. Аз ин лиҳоз, ба фонди луғавии забони тоҷикӣ низ дигаргуниҳои зиёде ворид шуданд. Чун иншооти зиёд, техникаву технологияи гуногун, артиш ва лавозимоти артишӣ ва ғайра ва ҳоказо ба минтақаи Бадахшон дохил шуданд, ҳар яки онҳо бо ному хосияташон ба забон таъсир расонданд. Ҳамин таъсирро дар "Таърихи Бадахшон" ба таври ошкоро дидан метавон ва аз он як маводи таҳлили илмиро омода кардан мумкин аст. Ба чанд мисол аз ин асар таваҷҷуҳ мекунем.

Вақте ки артиши Русияи подшоҳӣ ба Помир омад ва дар мавзеъҳои гуногун ва аз ҷумла, дар Хоруғ мустақар шуд, мардум онро ба таври "атрад" ё "атрат" ном бурдагӣ шуд, ки шакли тағйирёфтаи калимаи "отряд"-и русӣ аст. Масалан, дар ин ҷумла: «*Алқисса, Давлатбек номро роз¯ карда, замини ӯро барои иморати* ***атрат****, барои тӯра тасарруф карда, иморат бино ниҳод*».[46]

Калимаи дигар, ки низ ба талаффузи мардум мувофиқ кунонда шуда будаст ва то ба ҳол низ дар истеъмол аст, "комиссия" мебошад, ки дар шакли "камис" талаффуз мешавад. Мисол: "*То ҳатто ки вақти охири тобистон, ки ба кишти деҳқон¯ об ба кам¯ мешуд, байни деҳқонони Баҳшору Дарйеф обшарик¯ тақсим мекунанд, ки бо ҳам ҷанҷол нашаванд, дар он вақт Худододро мардуми Баҳшору Дарйеф* ***камис*** *гирифта, обро байни деҳқонои Дарйефу Баҳшор баробар тақсим карда, на ба яке зиёду на кам*".[47]

Ҳамчунон, калимаҳои дигар, амсоли "*селсафет*" (селсовет, шӯрои деҳот), "*кумитет*" (комитет, кумита), "*камисар*" ё "*камисор*" (комиссар), "*камандир*" (командир) бо

---

[46] Ҳамон асар. – с. 116-117.
[47] Ҳамон асар, с. 4.

каме тағйироти овозӣ дар асар сабт шудаанд ва дар баробари ин, чанд калимаҳои нави вобаста ба сохтор, ки дар шакли аслиашон истеъмол шудаанд (*облостной*, *областной*, *район*, *началник* ва мисли инҳо). Барои мисол: "***Селсафетро** аз сад нуфус як нафар интихоб шавад ва **облостной кумитет** аз тавобеи ҳар кадом оқсақол як нафар интихоб шавад. **Район кумитет**, аз ҳар район як нафар омада, ба ҷои **камисар кумитетҳо** ҷамъи Белоф ном котиби калон, ки дар қалъа буд, онро интихоб карданд. Ва аз тавобеи ҳар оқсақол як нафар қозии **областной** ва аз ҳар район қозии район гуфта, интихоб шуданд*".[48]

Дар масъалаи мустафод аз калимаҳои забони русӣ, ки бо дигаргуниҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа ба вуҷуд омада буд, як хусусияти забони асарро боз қайд кардан лозим аст, ки он ба калимасозию иборасозӣ дар он дахл дорад. Ба сухани дигар, муаллифон калимаҳои русиро тобеи сарфу наҳви забони тоҷикӣ гардонда, истифода намудаанд. Масалан, дар ҷумлаҳои зер калимаҳои "камандир" ва "началник" сирф тобеи талаботи иборасозии забони тоҷикӣ гардидаанд ва барои ҳар хонанда мафҳуми ҷумла ва мазмуни ибора фаҳмо мебошад: "*Палковник Игелло ин қоидаҳоро ба мардум фаҳмонда ва дар охири тобистон бархоста рафт. Ва ба ҷои ӯ аз шаҳр Финин **ба камандирии фавҷ** ва Зарубин **ба камисор ̄ омаданд**. Финин **ба началикии отрад**, ба сари фавҷ қарор гирифт*".[49]

Дар асар калимаҳои марбут ба рутбаҳои ҳарбии артиши Русия низ, дар сатҳе, ки соҳибони ин рутбаҳо дар минтақа сари хизмат ва кор буданд, инъикос ёфтаанд. Масалан, рутбаи "полковник" бо талаффузи "палковник" ва ҳатто дар баъзе ҷойҳо сирф бо талаффузи таҳҷоӣ, яъне "карнайл",

---

[48] Ҳамон асар, с. 139.
[49] Ҳамон асар, с. 138.

рутбаи “генерал” ба шакли “ҷарнайлн”, “ҷенрол” ва “ҷенерол”, вазифаи комендантӣ ба шакли “каминдон” истифода гардидаанд. Чунончи, шакл ва талаффузи таҳҷоии ҳар се калимаро дар ин ҷумла мебинем: “*Муддати ҳашт моҳ Ҳоҷихон ба Шуғнону Мирманзаршоҳ ба Рӯшон ҳоким¯ карда-анд, ки охирон моҳи тирамоҳ, қариби зимистон аҳвол омад, ки* ***ҷарнайл*** *ба маърифати* ***карнайл*** *ва* ***каминдон*** *ҳамроҳи шаш ҳазор нафар фавҷ ба ҷанги Шуғнон дар Зебок расиданд*”.[50]

Ва ниҳоят, як шигифтии дигар, ки аз забон ва тарзи баёни ҳодисаву воқеаҳо дар асар ба чашм мерасад, хусусияти як асари бадеӣ доштани он аст. Ҳангоми мутолиаи баёни аксари ҳодисаҳо кас гумон мекунад, ки бо як асари бадеӣ сару кор гирифта бошад. Ба шаҳии мулки Шуғнон расидани Шаҳ Худодод як аз чунин мисолҳо аст ва танҳо қисмати зер аз ин ҳодиса андешаи моро тақвият мебахшад: “Дар ин сурат номи ӯро Шаҳхудодод ниҳодаанд. Баъд ӯро гирифта ба Сармочид овардаанд, чунки дар он вақт қалъа дар Сармочид будааст. Аммо аз ҳар тараф мардум онҳоро дида, давида бо онҳо худ-ро пайваст карда, то ба қалъаи Сармочид расидан, бисёр шу-данд. Ва ин овоза дар қишлоқҳо мунташир шуда ва аз қишло-қҳои дигар ҳам ба саломи Шаҳхудодод омада. Рӯз ба рӯз ҳ-аракат боло шуда, аз навкария то раияти мутобеон ҳеҷ камӣ намонда, дар муддати се сол аз Шуғнон то Рӯшон ҳама ба ӯ мутобеат карда, қабул карданд”.[51]

## V: Чанд ҳарф дар мавриди баргардони асар аз форсӣ ба сириллик

Баргардони “Таърихи Бадахшон” аз хати бобоӣ ба ҳуруфи сириллик мушкилоти зиёдеро пеш овард, ки зикри онҳоро, ба хотири кумак ба онҳое, ки нияти идомаи кор дар ин самт доранд, зарур мешуморем.

---

[50] Ҳамон асар, с.
[51] Ҳамон асар, с. 4.

Чуноне, ки дар боло қайд гардид, дар навиштори асар аз имкониятҳои зиёди забонӣ истифода шудааст, ки барои хонанда дар талаффузи дуруст ва барои мутахассисон дар баргардони онҳо мушкилиро пеш меоранд. Ин мушкилиҳои забонии асарро чунин табақабандӣ кардан метавон:

- тарзи навишт ва талаффузи калимаҳои таҳҷоӣ, ба мисли “вилчак”, ки бо “вов” навишта мешавад ва онро “улчак” мехонанд. Дар асл бошад “улчак” ё “вулчак”бо кашишиш овозии ҳарфи “а” куллан маънои дигар дорад;

- навишт ва талаффузи мавзеъ ва деҳот, ки ҳуруфи хоси забонҳои помирӣ доранд. Масалан, қишлоқи “Чарϑем”, ки дар талаффузи тоҷикии имрӯза “Чарсем” ва дар асар ба таври “Чарфем” навишта шудааст;

- номи баъзе аз ашё ё ҳайвон, ки барои хонандаи имрӯза мафҳум нест, ба монанди “далахафак”, ки як намуди ҳайвон будааст;

- калимаҳои нави русӣ, ки бо тарзи навишт ва талаффузи худ дар асар ворид гардидаанд. Навишти ин калимаҳо, агарчи худ мушкил дошта бошад, инчунин дар асар шаклҳои гуногуни онҳо низ омадааст. Масалан, калимаи “отряд”, ки дар асар ба таври “атрад” ва “отрад” ва “атрат” омадааст. Ё масалан, калимаи “саллотҳо” ба мафҳуми “солдатҳо” ва инчунин;

- номгӯйи рутбаҳои ҳарбии артиши Рус: “карнайл”, “ҷарнайлн”, (“ҷенрол”, “ҷенерол”), “каминдон”, “камис” ва ғр.;

- номи деҳот ё дигар мавзеъҳое, ки барои хонанда маълум нестанд ва метавонанд бо ду ё се шакл талаффуз шаванд. Масалан: “Кирванч” ё “Курванч”, қалъаи “Истимбул” ё “Истумбул” ё “Истамбул”, “Вошарв” ё “Вошрав”;

- мавҷудияти калимаҳои номафҳум ба мисли “биркит”, “боҷахона”, “чиб” ва мисли инҳо. Агар кас бо онҳо ва мафҳумашон шинос набошад, наметавонад тарзи дурусти онҳоро ба хати сириллик дарҷ кунад;

- номувофиқатии баъзе калимаҳо ё аз ҷиҳати навиштор ва ё аз ҷиҳати талаффуз дар дастхат ва нусхати чопӣ.

Ин қабил мушкилот дар рафти кор зиёд пеш омаданд ва ин ҷониб кӯшиш намуданд, то онҳоро дар муқоиса бо асноди мавҷуда ва аз лиҳози мантиқ ба хати имрӯза дарҷ кунанд. Бовуҷуд, ҳанӯз ҳам дар ин кор хатоҳо ва ноқисиҳо мавҷуданд ва аз хонандаи гиромӣ барои онҳо пӯзиш мехоҳем. Миннат ба ҷон мехаридем, агар ғалатҳои ба чашм расидаро барои мо ошкор ва ирсод менамудед, то барои нашри минбаъда ва таҳқиқи ояндаи ин асари пурарзиш саҳмгузор бошед.

### VI: Чанд масъалаи дигаре, ки боиси таваҷҷӯҳанд

Аксар масъалаҳои “Таърихи Бадахшон” боиси таваҷҷӯҳ буда, зарурат ба таҳлили амиқ доранд. Аммо таваҷҷӯҳи махсус ба баъзе аз ҷузъиёте, ки шояд дар аввал ба назари хонанда камарзиш намоянд, ё кирои таваҷҷӯҳ намекунанд, вале дар асл барои кушодани чанд масъалаи дигар кӯмак мекунанд, зарур мебошад.

Дар ҷумлае омадааст: “Аммо деҳқонони Хоруғ ҳама **пахтакор** буданд, аз баъзеҳо дар он ҷо замин буд. Ба ҷуз аз кишти пахта чизи дигар дар он ҷо кишт накарданд”. Дуруст аст, ки Кӯҳистони Бадахшон дар ҳоли ҳозир он қадар замине надорад, ки дар он пахта кошта ва ҷамъ оварда шавад, аммо худи замоне барои пахтакорӣ мусоид будани Хоруғ ва ба пахтакорӣ шуғл доштани мардуми он, аз масъалаҳои боиси таваҷҷӯҳ маҳсуб мешавад.

Дар радифи пахта, коштани тарбузу харбуза дар Бадахшон роиҷ будааст, чунончи: “Ва баъд аз ин деҳқонони

шаҳри Хоруғ бисёр полезкори **харбузаву тарбуз то пиёз** буданд".[52]

Ва билохира, як масъалаи дигаре, ки хоси сирати мардуми кӯҳистон аст, набахшидани онҳое, ки ҳиммати мардуми худро ба мансаб иваз намуданд.

"Навкарони Хоруғу Сӯчон, ки аз навкарӣ набаромаданд, онҳоро ҳам **манғитӣ** ҳисоб карда гуфтанд ва онҳо, ки аз навкарӣ баромаданд, **русӣ** гуфта. Аммо навкароне, ки ба номи мири Бухор мондаанд, ҳама мардуми деҳқон онҳоро бад медиданд ва ба хонаҳои худ ҳеҷ онҳоро роҳ надоданд, ки **манғитӣ** ҳастед".[53]

## НАТИҶАГИРӢ

Бо натиҷагирӣ ва хулосаи ҳарфҳои боло, бори дигар бар он нукта тамаркуз мекунем, ки "Таърихи Бадахшон" - навиштаҷоти Қурбонмуҳаммадзода Охунд Сулаймон ва Сайид Шоҳфутур танҳо як асари таърихи мардумони Бадахшон набуда, балки онро метавон як сарчашмаи энсиклопедии ҳаёт, ҷуғрофиёт, шуғл ва шаҷараи сокинони ин минтақа муаррифӣ намуд. Бовар дорем, ки аҳли илмҳои мухталиф ба он таваҷҷуҳи алоҳида ва тахассусӣ зоҳир менамояд ва натиҷаҳои онро барои тақвияти ҳисси миллӣ ва рушди хештаншиносӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳанд дод.

## АРЗИ СИПОС

Дар таҳия намудани "Таърихи Бадахшон"-и Охунд Сулаймон ва Охунд Шоҳфутур ва барои чопи он ба хатти сириллики тоҷикӣ, пеш аз ҳама арвоҳи поки ин ду марди аҳли маърифат моро тавфиқ фармуданд ва мо барои оромиши абадии рӯҳу равони онҳо дуо мекунем. Сипоси қалбии мо ба

[52] Ҳамон асар, с. 123.

[53] Ҳамон асар, с. 131.

доктори илмҳои филология, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қаландариён Ҳоким, ки муҳаррики ин иқдом ва мушовири масъалаҳои иловагӣ ба асар буд, изҳор мегардад. Ҳамчунон, мехоҳем ба шоир, нависанда, драматург Ато Мирхоҷаи Неру – муовини аввали Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сипосамонро арз дошта бошем, чун  устод дар тафсири аксари воқеаҳо, ҳодисаҳо ва махсусан, ҷойҳои таърихию калимаҳои архаистӣ бароямон ҳамчун як қомус дар хизмат буданд. Воқеъан, устод асари мондагори худ – «Саройи Санг»-ро бар мабнои "Таърихи Бадахшон" эҷод намудааст.

Ва дар охир, барои хонандагони гиромӣ самимияти худро баҳри бахшидани ҳар хато ва ғалате, ки дар саҳифаи ин асар афтода буд, изҳор медорем ва эроду маслиҳати ҳар яки онҳоро ба ҷон қабул хоҳем кард.

Варқа **ОХОННИЁЗОВ**
доктори илмҳои филология,
сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти
Бадахшони ИИГ ба номи академик Б.Искандарови
АМИТ

Қосум **ОХОННИЁЗОВ**
ходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти
Бадахшони ИИГ ба номи академик. Б.Искандрови
АМИТ

# ДАФТАРИ I

## ДАВРАИ ПЕШ АЗ АБДУРАҲИМХОН

навиштаҷоти
Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон
ва
Сайид Шоҳфутур

Аз одамон, мӯйсафедони пеш чунин шинуда[54] шуд, ки аз мамлакати Исфаҳон ва Кошон, тирретури[55] хоки Эрон чаҳор нафар қаландар ба саёҳати дунё мурочиат намуда баромаданд, ки дунёро сайр карда, ҳар кадом мамлакат, ки барои моён писанд ояд, дар он чо истиқомат мекунем.

Исмҳои он қаландарон зикр карда шуд: якум Сайид Муҳаммади Исфаҳонӣ - мулаққаб ба Шоҳи Кошон, дуюм Сайид Шоҳмаланг, савум Сайид Шоҳи Хомӯш, чаҳорум Шоҳ Бурҳони Валӣ сайри мамлакатҳо карда, аз роҳи Шева ба Шуғнон омада дохил шуданд. Тамошо кардаанд, ки обу ҳавои Шуғнонро хуш кардаанд. Сайид Шоҳмаланг қишлоқи Кирванчро[56] хуш карда, дар он чо истиқомат намуд ва Сайид Шоҳи Хомӯш Саройи Санг, ки ҳамин шахи[57] баланди Барпанча, ки ҳозир аст, он чо макон гирифта ва Шоҳи Кошон, яъне Сайид Муҳаммад дар Падрӯд[58] писанд омада, истиқомат кард ва Шоҳ Бурҳони Валӣ ба Шохдара дар қишлоқи Тусён макон гирифта.

Аз насли Шоҳи Кошон сайидони Вуж[59], Падрӯд ва сайидони Хоса[60] ва Сумчеф ва баъзеҳо тарафи Ғунд ва чойҳои дигар.

---

[54] Калимаи "шинуда" шакли талаффузи тахчоии масдари "шунидан" аст. Ин калима дар талаффузи точикии сокинони Помир одатанд дар шаклҳои "шинудан" ва "шунудан" меояд.
[55] Территория, ҳудуд.
[56] Кирванч – деҳае дар он сӯи дарёи Панч.
[57] "Шах"гуфта, одатан роҳи тангеро аз миёни куҳ, ки аксар санг аст, меноманд. Дар фаҳмиши мардуми тахчоӣ, "шах" маънои чариеро дорад, ки дар болои он кӯҳпораҳои баланди нугтез чойгир аст.
[58] Падрӯд - номи деҳа дар Шуғнони Афғонистон.
[59] Вуж - номи деҳа дар Шуғнони Афғонистон. Деҳаи Вуж дар водии Ғунди н.Шуғнони Точикистон низ мавчуд аст, вале Падрӯду Вужи дар асар омада аз он тарафи дарёи Панч мебошанд.
[60] Хоса - номи деҳа дар минтақаи Поршиневи н. Шуғнон.

Ва аз насли Сайид Шоҳмаланг сайидони Кирванҷ ва чанд буна дар Поршинефу Ғунд. Ва аз насли Сайид Шоҳи Хомӯш шаҳони Шуғнонро мегӯянд.

Бад-ин тариқ, ки дар замони пеш қалъа дар он Ҷаршеф алоқаи Демурғон[61] будаст ва аз насли шаҳони он замон як духтар сағира мондааст, чунки падару модар надошт, ҳар ду фавт шуда буданд ва он духтар ятим монда, касе ғамхор надоштааст, ҳамеша гушнаву бараҳна зиндагониро талх мегузаронд. Ва Сайид Шоҳи Хомӯш он духтари ятимро ба чунин аҳволи баду касир дида, раҳмаш омадааст. Пурсидаст, ки ин духтар аз насли кист, ки зиндагонии бад дорад, гуфтаанд, ки ин духтар аз насли шаҳони ин мамлакат мебошад, аммо ятим шуда, кас инро хоҳиш надорад, ки ба занӣ қабул карда барад. Баъд Сайид Шоҳи Хомӯш он духтари ятимро ба никоҳ қабул карда, тасарруф шуд.

Дар байни се сол, ё ки чаҳор сол аз Шоҳи Хомӯш аз он духтар фарзанд ба вуҷуд омада, онро Худодод ном ниҳод. Муддати даҳ сол гузашта, ки Шоҳи Хомӯш касал шуда вафот кард. Аммо дар ҳаёт будани худ чунон одат доштааст, ки ба наздикии қишлоқи Бовар ва Баҳшор[62] дар даҳанаи дара ҷои поку покиза ва оби поку сафо будааст, вақти тобистон ҳамеша дар он ҷо мақом гирифта, зиндагонӣ мекардааст. Ҳоло ҳам мардуми Баҳшору Бовар он мақомгоҳи Сайид Шоҳи Хомӯшро барои худҳо мазор гирифта, эътиқоди маҳкам доранд. Чунки ба Шоҳи Хомӯш бисёр сидқу ихлос доштаанд ва васият карда буд, ки ҳар вақт аз ин дунё реҳлат намоям, дар он ҷо маро бурда дафн кунед. Алқисса, ба васияти ӯ амал карда, ҳамчунон кардаанд. Ва писари ӯ Худододро аз ҷиҳати рафтор ва хулқи неки падар - Шоҳи Хомӯш, дар байни мар-

[61] Ҷаршеф, шояд нимрустое аз рустои Демурғон бошад ва Демурғон аз рустоҳои калони Шуғнон ба шумор омада будаст.
[62] Бовар ва Баҳшор –деҳаҳои он сӯи дарёи Панҷ.

дум эътибор ва қадрдор аст. То ҳатто ки вақти охири тобистон, ки ба кишти деҳқонӣ об ба камӣ мешуд, байни деҳқонони Баҳшору Дарйеф[63] обшарикӣ тақсим мекунанд, ки бо ҳам ҷанҷол нашаванд, дар он вақт Худододро мардуми Баҳшору Дарйеф камис[64] гирифта, обро байни деҳқонои Дарйефу Баҳшор баробар тақсим карда, на ба яке зиёду на кам. Деҳқононро ҷонибин розӣ карда рафтаанд ва Худодод тоқа дар он ҷо нишаста, обро назорат мекард. Алқисса, хоб онро ғалаба карда хоб кард.

Хоб дид, ки касеӯро фарёд кард, ки “ай Худодод, бархез, Худо ба ту дод”. Аз хоб тӯрида сари худро боло карда, ба ҳар тараф тамошо карда, касеро надид. Боз худро партофта хоб карда, ки ҳамин овозро боз шунид, ки “ай Худодод, бархез, ки Худо ба ту дод”. Боз сари худро боло карда, ба ҳар тараф нигоҳ карда, касе ба назар наёмада. Бори сеюм боз хоб карда, он овозро шунид ва бедор шуд касеро надид. Баъд аз ҷояш бархоста тарафи Бовар сарнишеб шуда, равон шуд. Дид, ки чанд нафар савор ва ҳамчунин, пиёдаҳо дар он ҷо саргардон ҳастанд. Худодод рост ба пеши онҳо рафта, пурсид, ки чӣ саргардонӣ доред. Онҳо ҷавоб доданд, ки ҳокими моён фавт шуда, ҳоло бесарпараст мондаем, аз ин ҷиҳат саргардон ҳастем, ки одами лаёқатманд ёфта ба сарпарастии худҳо онро қабул кунем. Баъд Худодод ҷавоб медиҳад, ки агар маро қабул кунед, ман ба сарпарастии шумоён бошам ва ҳар гоҳ хоҳиш надоред аз ман беҳтар ба қишлоқҳо талабида, ба худ сарапараст бигиред. Дар ин маслиҳат ҳама ба як овоз қабул карданд. Дар ин сурат номи ӯро Шаҳхудодод ниҳодаанд. Баъд ӯро гирифта ба Сармочид[65] овардаанд, чунки дар он вақт қалъа дар Сармочид будааст. Аммо аз ҳар тараф мардум онҳоро дида, давида бо

[63] Дарйеф низ яке аз деҳаҳои ҳамсояи Баҳшор аст.
[64] Камис, шакли талаффузи таҳҷоии калимаи “комиссия” аст.
[65] Сармочид – яке аз деҳаҳои маркази Шуғнони Афғонистон.

онҳо худро пайваст карда, то ба қалъаи Сармочид расидан, бисёр шуданд. Ва ин овоза дар қишлоқҳо мунташир шуда ва аз қишлоқҳои дигар ҳам ба саломи Шаҳхудодод омада. Рӯз ба рӯз ҳаракат боло шуда, аз навкария то раияти мутобеон ҳеҷ камӣ намонда, дар муддати се сол аз Шуғнон то Рӯшон ҳама ба ӯ мутобеат карда, қабул карданд.

Баъда мири Дарвозу Ванҷ ба Рӯшон ғариб шуда омадааст, духтари онро Шаҳхудодод кадхудо шуда гирифтааст. Ва аз он духтари мир фарзанд ба вуҷуд омада, онро Шоҳванҷӣ ном ниҳодаанд. Баъд Шоҳванҷӣ калон шуда, ба Дарвоз ба ҳузури тағойҳои худ рафта, чанд муддат дар қишлоқи Ванҷ монда, тағойҳои ӯ аз он ҷо кумак ба Шоҳванҷӣ дода, ки ин шоҳбачаи Шуғнон хоҳарзодаи моён аст, ҳамроҳи ӯ омаданд. Ва тарафи Ғунду Шохдара, дар ҳар ҷо қалъа будаст ва дар ҳар қалъа ҳоким нишастааст. Шоҳванҷӣ аз қалъаҳои Ғунд то Шохдара ҳамаро гирифта, ба мутобеати худ даровардааст. Боло аз ин, дар ҷое ки ба кишт кардан лозим буду об надошта будаст, фармуд ба он замини майита[66] ҷӯй бароварда, обод намуд.

Овозаи Шоҳванҷӣ ва диловарӣ ва зердастиву баҳодурии ӯ ба ҳама ҷо машҳуру ошкор шудааст. Касеро ҳаракат ва заҳра набуд, ки аз тарсу бим ба Шуғнон лашкар карда биёяд. Ва аз Шоҳванҷӣ Қубодхон ба вуҷуд омад ва аз Қубодхон боз Шоҳванҷӣ ва аз Шоҳванҷӣ боз Қубодхон ва аз Қубодхон Амирбек ва аз Амирбек ду писар шуданд, яке Қубодхон ва дуюмӣ Ҷалолиддинхон. Ва Ҷалолиддинхон дар Шуғнон шаҳӣ карда буд ва Қубодхон ба Рӯшон шаҳӣ карда ва падари онҳо Амирбек ба Сучон рафта, дар қалъаи Истамбул[67] қарор гирифт, чунки Амирбек нолоиқ будааст.

---

[66] "Замини майита", яъне замини киштнашуда, бекорхобида.

[67] Истамбул ё Истанбул - номи қалъае дар минтақаи Сӯчони н. Шуғнон, ки онро Кофирқалъа мехонанд.

Ба чӣ тариқе табдил шуда, ки писараш Ҷалолиддинхон ҳамроҳи падари худ бад шуда буд, фармуд ӯро куштан. Вақти субҳ аз ҷиҳати шустани рӯ баромада, ӯро ба тир зада ҳалок кардаанд. Ва Қубодхон аз Рӯшон лашкар карда, ба шикастани мирҳои Дарвоз рафта, ҳаракаташ камӣ карда, аз ҷиҳати ин ки адади ҳафтод нафар лашкар ҳамроҳи худ доштааст. Баъд қуввати ҷанг, ки накардаанд, адади чиҳил нафар ба ақиб гурехтаанд. Ва сӣ нафар ҳамроҳи Қубодхон мири Жомарҷ[68] гирифта, даҳ нафар аз онҳоро кушта ва сари онҳоро аз тан ҷудо карда, манор кардаанд ва бист нафарро ҳамроҳи Қубодхон банд кардаанд. Ва Қубодхонро мири Жомарҷ чунон банди сахт кардаанд, ки як занҷир дар поҳошон карда, ба обдузд маҳкам кардаанд ва як занҷир дар гардан бастаанд, ба тӯпхона маҳкам кардаанд.

Ва Ҷалолиддинхон, ки дар Шуғнон шаҳ буд, бисёр тарснок ва нолоиқ будаст, шаб то рӯз аз даруни қалъа намебароյад. Ва мардуми Шохдара шаб то рӯз омада, бе тарсу бим, ошкоро аз одам то ҳайвони Шуғнонро шикастонда мебаранд ва бадахшӣ аз Хоруғу Сучон то Веру Дармораxтро шикастонда мебаранд. Дар ин сурат мардуми Сучон ва Поршинеф ба шаҳ Ҷалолиддинхон ёғӣ шуда, душман гаштаанд. Писарони Қубодхон Абдураҳимхон ва Абдулазизхон ба ҳузури тағоиҳои худ Мирсаидбек ва Абдураҳмонбек ба Рӯшон будаанд.

Ва мири Жомарҷ аз мирҳои Шохдара зан гирифта будааст. Ва аз ӯ - аз мири Жомарҷ фарзанд будааст бакамол, ба пеши тағоиҳои худ ба Шохдара омада будааст. Муддати вақт ба Шохдара монда рухсат мешавад. Аз қишлоқи Хоруғ ва Поршинеф шаб гузашта, ба Рӯшон расида, дар қишлоқи Почвар[69] Мирсаидбек ва Абдураҳмонбек ӯро дастгир кардаанд ва барои мири Жомарҷ хат мекунанд, ки писари шуморо дастгир

[68] Жомарҷ - деҳае дар н. Дарвоз.
[69] Почвар - деҳае аз он сӯи дарёи Панҷ, рӯ ба рӯи деҳаи Шидз.

кардаем, агар шаҳ Қубодхонро медиҳед, моён ҳам писари шуморо медиҳем, агар шумо ӯро мекушед, мо ҳам писари шуморо мекушем. Ва писари ӯро ҳам фармуданд, ки шумо ҳам барои падари худ хат кунед. Баъд хатҳо, ки ба ҳузури мири Жомарҷ мерасанд, лоилоҷ мешавад, аз барои писари худ ҷавоби хат навишта мефиристонад, ки аз фалон рӯз ман ҳамроҳи Қубодхон аз ин ҷо ва шумоён ҳамроҳи писари ман аз он ҷо ба лаби гузари қишлоқи Ровҳан[70] ҳозир шавем.

Баъд Абдураҳмонбек писари мири Дарвоз ҳамроҳи мардуми Рӯшон гирифта, ба лаби гузари Ровҳан расида ва мири Жомарҷ ҳамроҳи Қубодхон аз он тараф омада расидаанд. Баъд шиноварони Дарвоз тал[71] баста ва ҳамчунин, шиноварони Рӯшон тал тайёр карда, як нӯги расан ба тал бастаанд ва як нӯги он расанро ба дастҳои худ тарафайн гирифта, аз он тараф Қубодхон болои тал монда, ба гузар монда равон кардаанд ва писари мири Дарвозро аз ин тараф: мобайни дарё бо ҳам дучор шуда, онҳо расанро  кашида, он тараф мирбачаро баровардаанд ва инҳо Қубодхонро кашида баровардаанд.

Ва Қубодхон рост ба Вомар омада лашкар гирифта, омада бародари худ Ҷалолиддинро гирифта ба қалъаи Барпанҷа даромада фармуд, ки Ҷалолиддинхонро ба байтал савор карда, ба Вошарв[72] бурда, ба чин партофта, ҳалок кунед. Аз фармоиши Қубодхон ҳамчунон карданд. Баъд Қубодхон ду маротиб лашкар карда, ки Шохдараро тасарруф шавем, натавониста чанд сол гузашта Қубодхон касал шуда, реҳлат карда ва писарони ӯ Абдулазизхон ва Абдураҳимхон аз барои мероси падарӣ фӣ байни онҳо ҷанҷол ва кашокаши бисёр давом шуда. Миршоҳ аз ин воқеа хабардор шуда, ҳамроҳи сад савор

---

[70] Ровҳан – деҳае аз деҳоти миёни Рӯшону Дарвоз.

[71] Тал ё сал, ки дар форсӣ "гупсар" мегӯянд ва дар забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ онро зиноц мехонанд. Ба эҳтимоли қавӣ тал аз чанд зиноц сохта мешуд.

[72] Вошарв – шояд аз қишлоқҳои Шуғнони он тарафи дарё бошад.

аз Файзобод ба сулҳияти ин шоҳбачаҳо омада онҳоро бо ҳам қарор дода ва духтари Абдураҳимхон - Лолабегимро кадхудо шуда ва Абдулазизхонро ба Шуғнон ҳоким карда гуфт: «То он ки поям дар рикоби давлат бошад, шумо дар Шуғнон ҳоким ҳастед». Ва Абдураҳимхонро ҳамроҳи худ гирифта ба Файзобод бурд. Ва Абдолбеки Хоруғ ду рӯз пештар барои Абдураҳимхон маслиҳат мекунад, ки дар ин ҷо барои шумо хизмат мекунам, ё ки ҳамроҳи шумо ба Файзобод меравам. Ҷавоб додаст, ки дар ин ҷо хизмат кардан зарур аст, дар ин маслиҳат Абдолбек ҳамроҳи Абдураҳимхон нарафта. Абдулазизхон дид, ки Абдолбек ҳамроҳи Абдураҳимхон нарафта, ӯро оқсақол ба Хоруғ карда, ба ин восита, ки мазкур ба ман эътиқод дорад.

Дар ин сурат зимистон гузашта баҳор шуда, қариби тутпаз Шуғнонро гушнагӣ ғалаба карда, илоҷ намонда. Шаҳ Абдулазизхон ба Абдолбек гашта, ки чӣ тариқ бикунем, ки оташи гушнагӣ нест шавад. Оқсақол Абдолбек ҷавоб дод, ки ба Ғорони боло ғалла ба солҳо тамом намешавад, шаҳи онро шикастонда ғалларо бор карда биёрем. Шаҳ Абдулазизхон гуфт, ки Ғорон ҳудуди Миршоҳ аст, хафа мешавад, чунки Ғорон тааллуқ ба мир дорад. Абдолбек оқсақол гуфт: Миршоҳ аз инчунин раиятҳо ҳеҷ суроқ намекунад ва бор ҳам аз ин чунин ҷоҳо намегирад. Баъд шаҳ Абдулазизхон оқсақолро мефармояд, ки яксаду бист нафар чобуку ҳушёр ба маъа асб ва хар рафта аз Ғорони боло ғалларо як улоғӣ одамони асбдор ва се паймонагӣ одамони хардор бор карда, ба қалъаи Барпанҷа оварда расонанд. Аммо ҳар кадом оқсақол ҳамроҳи раияти худ биравад. Фавран рафта ғалларо бор карда оварда расониданд.

Ин аҳволро ба Миршоҳ расониданд. Миршоҳ аз оқсақолони худ маслиҳат пурсид, ки шумоён чӣ мегӯед, ки ман ҳамроҳи Абдулазиз аҳд карда будам, мазкур саду бист нафар фармуда, Ғорони болоро шикастонда ғалларо бе иҷозати моён бор карда бурдааст. Оқсақолони Бадахшон ҷавоб доданд,

ки Абдулазизхон худ аҳдшиканӣ кардааст. Имсол ғаллаи Ғоронро бе иҷозати шумо бурда, ба соли дигар лашкар карда ба гирифтани шумо муроҷиат мекунад. Фикри онро бояд кард.

Баъд Миршоҳ ба Абдураҳимхон лашкар дода, ба гирифтани Шуғнон фиристонид. Ва мардуми Шуғнон ба ҷанг кардан ҳаракат надошта, ҳама шаҳмирӣ ба Абдураҳимхон карданд, Абдулазизхонро гирифтанд. Ва Абдулазизхонро ҳамроҳи писари худ шаҳ Мастон ва ҳашт нафар навкарон ҳамроҳи лашкар Бадахшон рафта. Алқисса, Абдулазизхон шаб аз Шева аз байни лашкар гурехта, ба роҳи Давлатшаҳ тарафи Дарвоз меравад.

Одам аз Шева давонда омада Абдураҳимхонро хабар карда, ки Абдулазизхон гурехта, хаёл кардем, ки ба қалъаи Барпанҷа рафта бошад, омадем, ки дар инҷо наёмадаст. Шаҳ Абдураҳимхон донист, ки тарафи Дарвоз гурехта, фавран одамони чаққонро фармуд, ки таъхир нокарда ба зудии зуд шабу рӯз рафта аз Рӯшон одамонро ҳамроҳ карда, роҳи Таншевро[73] гирифта, онҳо ҷамъ даҳ нафаранд. Алқисса, Абдулазизхон, дар даҳанаи Таншев як чашма буд, ба лаби он чашма ханбида, писараш шаҳ Мастон гуфт: «Ай қибла, хонаҳои ҳудуди Дарвоз тамошо кун, ки ним қадами дигар мондааст, ба хонаҳои раияти Дарвоз расидем. Он ҷо рафта, яке аз он бунаҳо авқот мефармоем ва шумо намози худро ба хотирҷамъӣ бихонед. Ва инҷо ҳанӯз алоқаи Шуғнон аст, гузаштан ба алоқаи Дарвоз беҳтар аст, ки аз хавф фориғ шавем». Қабул накард, гуфт, ки шумо рафта ягон авқот фармуда, тайёр кунед ва ман ҳам чой бифармоям, то чой тайёр шавад, ман ҳам намоз хонда, чойро хӯрда ба дақиқа ба пеши шумо мерасам.

Алқисса, шаҳ Мастон ҳамроҳи шаш нафар мераванд ва падараш Абдулазизхон ҳамроҳи як нафар чилимдор ва яке

[73]Таншев - яке аз рустоҳои Шуғнони он сӯ, наздик ба Вуж ва Пидруд бояд бошад. Эҳтимол талаффузи шуғнонии он "Танхэδ" бошад.

фарроши чойпаз мондаанд. Шаҳ ба намоз машғул шуда ва фаррош ба чой. Ҳанӯз шаҳ дар намоз буд ва чой ба ҷӯш на-ёмада буд, ки одамони шаҳи Шуғнон, ба сари он чашма андак баландӣ будаст, дар он баландӣ баромада дидаанд, ки шаҳ дар зери онҳо дар намоз аст. Камонҳоро рост карда, шаҳро зада ғалтондаанд ва он ду нафарро асир гирифта, ба Шуғнон оварда, ба ҳузури шаҳ Абдураҳимхон расонидаанд. Ва аз ша-ҳи мазкур дигар душман намонд, тамом.

# ДАФТАРИ II

# ТАЪРИХИ ШАҲОНИ ШУҒНОН

навиштаҷоти
Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон
ва
Муҳаббатшоҳзода Сайид Шоҳфутур

(Бародарони қиматӣ гӯш намоед, ки чанд сатре аз гардишоти фалак дарҷ намудем, ки дунё ба чӣ тариқ равнақ додаст ва медиҳад).

Дар замони собиқ, яъне замони пеш, ин мамлакат - Шуғнон то Рӯшону Бартанг тамоман зери ҳукму фармони шаҳон, ки аз насли Шоҳванҷӣ монда, будааст; шамма аз замони даври шаҳ Абдураҳимхон нақл мекунем.

Шаҳ Абдураҳимхон, дар тоърихи соли 1206 будааст, ки бар тахти ҳукмронии Шуғнон то Рӯшон нишастааст то 1229 ҳиҷрӣ ҳукмронӣ намудааст. Ва аз синни умри ӯ адади ҳаштод соли комил гузаштааст ва тамоми мӯи бадани ӯ сафед шуда будааст ва муддати бистучор сол шаҳӣ кардааст. Ва ӯро дувоздаҳ зан никоҳ будаст ва қимо, яъне каниз бисту ҳашт зан, ҷамъ чиҳил зан дар ҳарами худ доштааст.

Аз никоҳи аввал Амирбек, Муҳаббатхон, Юсуфалихон ва Сулаймонхон ва аз никоҳи дуюм Амирхон, Давлатшаҳ ва аз никоҳи сеюм Абдулғиёсхон ва Абдулшаҳидхон. Ҷамъ ҳашт писар аз шаҳ Абдураҳимхон будаст ва қимо, яъне шана[74] бисёр аз бисёр дошт. Ва хироҷ аз раият бад-ин тариқ гирифтааст, чунки баъзе оқсақол ва баъзеҳо навкару арбоб ва ҳамчунин, одамҳои муътабар дар қишлоқҳо будааст, аз чунин касон ҳеҷ хироҷу бор нагирифта аст, зеро ки онҳоро аз худ донистааст. Ва аз дигар раиятҳо дар вақти собиқ, ки шаҳони пеш кадом писари худро ихтиёри кадхудо кардан будаст, ҷамъи раиятро ҷаҳд[75] кардааст. Ҳар кадоми раиятҳо, ки дар он вақт тӯёна овардаанд, он ба деҳқон лақаб ва бори шаҳӣ гуфта монд. Шаҳ Абдураҳимхон аз ҳар кадом раият ҳар сол ба ваъдаи тирамоҳ тӯёна гуфта, як улоғ гандум, як гӯсфанди калони

---

[74]"Шана" ё ба талаффузи шуғнонӣ "хāнā" – фарзандони шаҳ, ки бидуни никоҳ аз канизон таваллуд мешуданд.

[75]"Ҷаҳд", ки дар забони шуғнонӣ "ҷāт" ё "ҷэт" аст, онро гӯянд, ки ба ҳангоми тӯйи фарзанд одамонро ба тӯй даъват мекунанд, яъне "даъват ба тӯй".

фарбеҳ, як чакмани навқулоч[76], як дона пӯсти далахафак[77], як пусти рӯбоҳ, ду коса равған - ҳар косаи он шаш чинӣ, ҷамъи он дувоздаҳ чинӣ мешавад, мегирифт. Ва ба ғайр аз ин, боз дар ҳар моҳ як гӯсфанди хурдтар ва як коса равған аз ҳар кадом деҳқон моҳона гуфта, мегирифтаст. Ва боло аз ин, дар ҳар қишлоқ, ки заминҳои хубу аъло ва саҳробуда дар тасарруфи худ гирифта, заминҳои шаҳӣ ном ниҳодаанд. Ва як нафарӣ одамро саркорбошӣ муқаррар карда, ба ҳар кадом заминҳои шаҳӣ назоратгар монда, он саркорбошиҳо раиятҳои он деҳаро маҷбуран ба саранҷоми хоҷагӣ онҳоро ҷамъ намуда, аввал ба кулбаи заминшаҳӣ бурда кишт кардаанд ва баъд ба кишти худҳо давом карда, машғул шуданд. Ва он саркорбошиҳо он чӣ ҳосилоти замини шаҳӣ буд, ба дасти худҳо гирифта, дар анборхона якҷо ҷамъ карданд. Магар тамоман, яъне аз кишт кардану ҷӯйбор сохтан ва он киштро об додан ва дарав кардану хирман кӯфтан ва бод кардану ҳосили онро ба анборхона кашидан, ҳама ба зиммаи раият тамом шудааст. Ва дар вақти кашидани он ғалла аз ҳар деҳот ба қалъаи Барпанҷа аз фасли тирамоҳ то зимистон то фасли баҳор аз раиятҳои Хуф адади сӣ нафарӣ навбат ба навбат оварда, он ғалларо саркорбошӣ санҷида ва деҳқонони қишлоқи Хуф ба пушти худ ба қалъаи Барпанҷа мекашиданд. Ва аз раияти он қишлоқ то тамом кардани ғаллақушӣ[78] ба навбат гирифтаанд. Агар навбати якум гӯсфанд маъа ошу нон гирифта мехӯрданд ва ба

[76] "Навқулоч" - ченаки дарозӣ ба андозаи дастони ба ду тараф кушода.
[77] Даллахафак – намуди ҳайвони ваҳшӣ аст, ки ба гурӯҳи шағолу рӯбоҳ монандӣ дорад.
[78] "Қушӣ" калимаи туркӣ буда, маънояш иловагӣ аст. Дар забони тоҷикӣ ва гурӯҳи забонҳои шарқи эронӣ (помирӣ) ин калима дар истеъмол аст ва бадахшониҳо меҳмонхонаи ба нақшаи хонаи суннатии помирӣ илова бударо бо номи "қушхона" истифода менамоянд. Дар ин маврид низ он маънои "хонаи иловагӣ"-ро дорад.

навбати дуюм равған ҳамроҳи ошу нон гирифта сер хӯрданду мегуфтанд, ки моён ба манзалаи харҳои боркаш ҳастем, магар аз хӯрдан таъмин бошем, ки бори шаҳиро ба ҳаракати хӯрдан пушт карда, ба қалъа тавонем расонидан. Ва боло аз ин, аз Рӯшон то Хуфу Бачу, то Бартангу Шуғнон ҳар сол сад нафар, ё ки саду панҷоҳ нафар аз мардинабачато духтарина гирифта, тарафи Бадахшону Ёрканд то Кошқар фурӯхтанд ва қимати онҳоро аспу колаҳои қиматбаҳо ва ҷомаҳои қимативу кавш, маъсӣ то мӯзаву чой ва ҷуз инҳо чизе, ки бакорӣ буд гирифта, ба шаҳҳои Шуғнон оварданд. Ва як нафар ё ду нафар ҳар вақт, ки бадахшӣ як асп ё чизи дигаре ба шаҳи Шуғнон саломӣ гузаронид, потақсии[79] он баччаву духтар аз раият гирифта дод. Мудом ба қишлоқҳо гирява фиғону нола кам намешуд. Ва як нафар аз қишлоқи Дишор - Почуф[80] Файз ном навкар шаҳи Шуғнон Абдураҳимхон махфӣ фармуда, як химчаро улчак (вилчак)[81] карда, ҳамеша рӯи қишлоқ гашта мардинабача ё духтаринаро медид, ба фиребу найранг он химчаулчакро ба қади ӯ гирифта, ҳарчанд бачаву духтар, ки улчакӣ[82] баромад, рафта ба шаҳи Шуғнон маълумоти онҳоро дода, ки ин қадар бачаву духтар дар фалон-фалон қишлоқҳо улчакӣ баромаданд. Вақте ки аз тарафи Бадахшон, ё ки аз вилояти дигар ба саломи шаҳи Шуғнон омаданд ва саломии ло-

---

[79] "Пойтақсӣ" дар забонҳои шарқи эронӣ, хосса гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ дар шакли "пойтахс" ё "потахц", ки барои меҳмон ба ҳайси туҳфа дар ягон шакл пешниҳод мегардад, фаҳмида мешавад.

[80] "Почуф" гуфта, лақаби он одамонеро дар назар доранд, ки дар роҳгаштанашон нуқс доранд ва ба нуқсон роҳ мегарданд.

[81] "Wилчак" ё "улчак", шохаи навниҳоле (навдае)-ро мегуфтанд, ки барои андоза кардани чизе истифода мешуд ва ду қулочро ташкил медод. Ин андоза ба қади наврасони синни 12-15 сола баробар меомад.

[82] "Улчакӣ" ё "wилчакэ" - навраси писарина ё духтарина, ки қадаш ба навдаи улчак баробар меомад.

иқ гузарониданд, ду нафар ва ё се нафар бачаву духтар маҷбуран ва зулман гирифта, падару модарро ҷигарбурида карда, ба зӯр оварда, ба он нафари аҷнос овардагӣ дода, рухсат намуд. Аммо ин тариқ бачаву духтар фурӯхтан ҳамеша буду буд, мунқатеъ ҳеҷ намешуд, мудом давом буд. Магар деҳқононе, ки аз наслу насаб сайиду авлод буданд, аз фурӯхтан ва борҳои ғайра додан озод буданд, чизе аз онҳо нагирифтанд ва кор ҳам нафармуданд, балки барои онҳо замин бахшида дода буд. Аммо мукофоти он заминро солиёна ҳар тирамоҳ аз он сайидони замин додагӣ ҳаққи онро аз ҳар кадоми онҳо миқдори дувоздаҳ улоғ гандуми беғубори покиза, як барзагов, дувоздаҳ пайса, як чакмани пашминаи навқулоҷ, як кӯза равғани ададаш дувоздаҳ коса, як гӯсфанди калон, бад-ин тариқ солиёна аз он сайидон, ки замин ба онҳо дода буд, мегирифт.

Ва дар соли 1209[83] ҳиҷрӣ буд, ки мири Қундуз Миркалон будааст, Хонобод ва хеле шаҳрҳо зери ҳукми ӯ будааст. Баъд шаҳи Шуғнон Абдураҳимхон ва шаҳи Шохдара Қурбонҷонро талаб кардааст. Шаҳи Шуғнон аз барои саломӣ барои мири Қундуз аз раияти Хуф адади панҷоҳ нафар мардинабача ва панҷоҳ нафар духтарина, ҷамъи сад нафар ҷабран ва зулман гирифта, падарону модарони ин асирон ҳама рӯйкандаву мӯйканда, рӯзи равшан ба рӯи онҳо монанди шаби торикшуда, мотам ба фалак расидааст. Он ноинсофи худонотарс аз навкарҳо то оқсоқолҳои Шуғнон ҷамъи сад нафар ҳамроҳи худ номзад карда, ки ба маърифати ман хоҳед рафт. Ва шаҳи Шохдара Қурбонҷон адади панҷоҳ нафар ҳамроҳи худ номзад намуда, сафарро пеш гирифта ва саломӣ барои мири Қундуз шохи нахчир маъа каллааш ва ҳамчунин, як шохи мешак ҳамро-

[83]Дар нусхаи чопӣ ин сол 1029 нишон дода шудааст, ки шояд саҳв бошад. Ниг.: Таърихи Бадахшон, с. 97.

ҳи калла, ба маърифати[84] шаҳи Шуғнон тарафи Қундуз муроҷиат намуданд. Мухтасар кунем, ба ҳузури мири Қундуз расиданд. Дар ин сурат шаҳи Шуғнон саломии худро ададӣ сад нафар мардинабача то духтарина аз назари мири Қундуз гузаронида ва шаҳи Шохдара ҳам шохҳои нахчиру мешакро аз назар гузаронда. Мири Қундузро нофор ҳукм дода, ки ба сари дарвоза бимонед. Ва иддае, ки маъракаи мир ороста мешавад, ихтилот ва сухани гарм ҳамроҳи шаҳи Шуғнон мекунад ва ҳамроҳи шаҳи Шохдара малолхотир буда, ҳеҷ ихтилот намекунад. Муддати ду рӯз гузашта ва ба рӯзи сеюм шаҳи Шуғнон ва шаҳи Шохдараро ба болохона талаб намуда, дабдабаи фавҷи худро барои онҳо нишон ва намоиш медиҳад. Чунки аз ҳар миллат ҷамъи дувоздаҳ пилтан (қушуни пиёда) будааст, ҳар як пилтан сесад нафарӣ. Магар аз ҳар як пилтан ададӣ сад нафарӣ қавоидкунон аз назари шаҳи Шуғнон ва шаҳи Шохдара гузаронид. Аммо он фавҷ то раияти ҷойдорӣ ва ғайра назорати он шохҳои нахчиру мешакро аҷоиб дида, тамошо карда мегузаранд.

Чанд явми дигар шаҳи Шохдара ва мири Қундуз бо ҳам танҳо буда, ихтилот бо ҳам кардаанд. Мири Қундуз ба Қурбонҷон - шаҳи Шохдара чунин сухан дар миён оварда гуфт: «Албатта, Шумо ҳам худро шаҳ ҳисоб мекунед». Қурбонҷон – шаҳи Шохдара ҷавоб додааст, ки бале, ҳафтод пушти ман дар мамлакати худ шаҳӣ мекарданд ва шаҳ будаанд. Аммо аз хизмати мири Қундуз ҳеҷ камӣ нест ва нахоҳад буд, чунки хизмати мири Қундуз на аз фавҷ ва на аз давлат ва на аз канизу ғулом, аз ҳеҷ кадом камӣ надорад, ба пои худ подшоҳ аст. Аммо шаҳи Шуғнон барои мир завол овардааст, чаро ки ададӣ сад нафар асирро зулман ва ҷабран аз падарону модарон ҷудо карда, барои саломии мир оварда, падару модари

---

[84]Ибораи "ба маърифати..." дар ҷумлаҳои зиёди ин асар ба чашм мехӯрад ва он ба маънои "бо ҳамроҳии..." мустафод гардидааст.

онҳо рӯй кандаву мӯйканда, шабу рӯз дар ҳаққи мир дуои бад мекунанд. Ва маро ҳеҷ кадом раият дуои бад намекунад ва ба дили худ чунин фикр кардам, ки аз хизмати мир дар ҳеҷ чиз камбудӣ нест ва муҳтоҷ ҳам ба ҳеҷ чиз нест. Аз ин ҷиҳат фармудам чанд нафари шикорӣ, ки рафта шикор карда, як каллаи нахчир маъа шоххояш ва ҳамчунин сари мешак ҳамроҳи шохаш гирифта, ба салом хизмати мир овардам, ки дар пойтахти мир аз ҳамчунин аҷоибҳо нест, чунки мир парвои чизе нест, зеро ки давлати калон дорад. Аммо аз ҳар тараф ҳар кас, ки ба саломи мир биёянд, аввал тамошои он шохҳо мекунанд, баъд ба салом мушарраф мешаванд. Чунки ба ҷуз аз давлатхонаи мири Қундуз дар дигар ҷойҳо инчунин шохҳои аҷоиб набуд.

Баъд сухани шаҳи Шохдара барои мири Қундуз бисёр хуш омада, аз он рӯз мири Қундуз ҳамроҳи шаҳи Шохдара ҳамсухан шуда, ихтилот дар маърака мекунад. Ва ҳамроҳи шаҳи Шуғнон малолхотир шуда, чандон сухану ҳарф намекунад. Шаҳи Шуғнон фаҳмид, ки шаҳи Шохдара чизе аз хусуси ман барои мир гуфтааст, ки малол шуда, чандон сухан намекунад. Якчанд явми дигар аз ҳузури мири Қундуз шаҳи Шуғнон ва шаҳи Шохдара мураххас[85] шудаанд. Аммо бо ҳамдигар хотирмалол шуда, якрӯзӣ пасопеш аз якдигар ҷудо шуда, ба чанд явм ба Шуғнон расиданд. Ва байни Шохдараву Шуғнон роҳбандӣ будаст, кушода шуда, дар он вақт рафту омад фӣ мобайн давом шуда, ягон–ягон нафар аз Шохдара ба саломи шаҳи Шуғнон меоянду мераванд ва шаҳ онҳоро ширинзабонӣ карда ва хушомадгӯии бисёр карда мераванд.

Чанд муддат ҳамчунин гузашта, баладият фӣ мобайн гарм шуда, барои Қурбоншоҳ ном сокини муқимии Тингхони Роҷқалъа буд, шаҳи Шуғнон ҳамроҳи он суҳбати дӯстона пеш ниҳод ва ҷома пӯшонид. Аз ҷиҳати ин, ки барои ман кумаке

[85] Мураххас - рухсат, ҷавоб, иҷозати рафтан.

карда, шаҳи Шохдараро гирифта ва Шохдараро тасарруф шавем ва шуморо калон мекунам. Қурбоншоҳ дар аввал он ҷомаро гирифтаст ва чанд рӯзи дигар он ҷомаро оварда, барои шаҳи Шуғнон вопас медиҳад ва ҷавоб намуда, ки инчунин кор наметавонам кард. Шаҳи Шуғнон аз рӯи ошкор шудани ин маслиҳат, ҷомаи дигарро аз болои он ҷомаи аввал додагӣ барои Қурбоншоҳи мазкур пӯшонид. Ва мегӯяд, ки ҳоло дилам аз ту пур шуда, ки бисёр намакҳалол будаед.

Боз шаҳи Шуғнон Иброҳимбек номро пешниҳод карда, дилосо[86] дода ва ширингӯӣ ҳамроҳи Иброҳимбеки Пасдарези Рошткалъа намуда, маслиҳатро якҷо тамом карда, Иброҳимбек маслиҳатро қабул карда, мутасаддӣ шуда. Дар ин хусус шаҳи Шуғнон заҳрро ба Иброҳимбек дода, ки шаҳи Шохдара Қурбонҷонро фурсат ёфта, ба заҳр ҳалок кунӣ. Баъд зардолуро заҳролуд карда, ҳамеша Иброҳимбеки Пасдарез ҳамроҳи худ ҳозир дошт.

Як рӯз шаҳ Қурбонҷон қарор дода, ягон сад нафар чаққони диловар ба назар гирифта, тарафи Помир ба шикастани Алай сафарбарӣ пеш гирифта, меравад. Дар ҳудуди Мурғоб мерасад, ки қарғиз ҷамъ шуда, роҳи Қурбонҷонро гирифта, ғалаба шуда, фӣ мобайни ҷанг мағлуба шудааст. Аммо шаҳ Қурбонҷон бисёр баҳодуру диловар будааст, якбора ҳамроҳи он сад нафар ба лашкари қарғиз ҳамла карда, ҳамаро шикаст дода, ба ҳар тараф гурехтаанд. Ва хонаҳояшро ғорат кардаанд ва ғаниматри бисёре тасарруф шуданд. Ва Қурбонҷонро тутак[87] зада, об талабидааст. Иброҳимбек фурсат ёфта мегӯяд, ки барои тутак ширинӣ манфиат медиҳад, ман аз ҷиҳати тутак камтар зардолу гирифта будам, агар хоҳиш доред, тайёр аст. Ша-

---

[86] Дилосо - дилбардорӣ.

[87]“Тутак” як навъ касалие аст, ки дар натиҷаи нарасидани ҳавои нафаскашӣ дар маконҳои аз сатҳи бахр баланд пайдо мешавад ва нишонааш равон шудани хун аз бинӣ мебошад. Сари вақт чора наандешидан боиси фавти тутакгирифта мешавад.

ҳи мазкур гуфтааст, ки ба зудӣ биёред, ки нафасам тангӣ мекунад. Имброҳимбеки Пасдарез зардолу пеш карда, Қурбонҷон аз онҳо чанд дона хӯрда, дар ин байн як соат, ё ки ним соат нагузашта буд, ки шаҳи Шохдараро дилпеч мекунад, фавран савор шуда аз Мурғоб вопас гашта дар манзили Ҷавшангоз омада, дар он ҷо талаф мешавад. Нафарони ҳамроҳ будагӣ мурдаи онро гирифта ба Роҷқалъа расонда, дафн мекунанд. Ва писараш Миротамбек номро ба ҷои падараш Қурбонҷон шаҳ гирифта, мутобиат мекунанд.

Баъд Иброҳимбек чанд явм таваққуф мекунад, то мотами шаҳ Қурбонҷон тамом шуд. Тахминан як сол, ё ки якуним сол дар байн гузаштааст, Иброҳимбек омада шаҳи Шуғнон Абдураҳимхонро хабар карда, маслиҳатро тамом намуда, лашкарро ҷамъоварӣ карда, савор шуда озими роҳ шуданд ва иддаи намози хуфтан дар Пасдарез расида, ором намуданд. Аммо Миротамбек хабардор шуда, магар маълум барои ӯ набудаст, ки имрӯз шаҳи Шуғнон ҳамроҳи лашкар мерасад, ё фардо хоҳад расид. Фурсат ба лашкар ҷамъ намудан наёфтаст, аммо тӯпхонаҳоро гирифта, дарвозаро маҳкам карда, ба назорати душман камин карда, ором гирифтанд. То ваъдаи мурғбонг нишаста, тамошо кардаанд, ки ҳеҷ садо ва ғубор аз ҷое набаромад, гумон карданд, ки албатта ин хабари саҳмнок дурӯғ будааст. Баъд аз тӯпхонаҳо вақти мурғбонг хотирҷамъ шуда, фарозер омаданд. Баъзеҳо дар бистар даромада, ба хоб шуданд ва баъзеҳо ҳанӯз бедор буданд, ки Иброҳимбек пешрав шуда, ба тариқи шабохун вақти мурғбонг якбора ҳуҷум карда, ба дарвоза худро расонда, дарвозаро шикастонда тӯпхонаҳоро тасарруф шуда гирифтанд. Ва лашкар дар хонаҳои қалъа даромада, он чӣ анҷоми хона буд, ҳамаро ғорат карданд. Ва шаҳи Шохдара Миротамбек маъа бародарону ақрабо буд, ҳамаро банд кардаанд. Ва шаҳи Шуғнон Иброҳимбекро ҳокими Шохдара карда ва бандиҳоро ба дасти ӯ супорид. Ва шаҳи Шохдара Миротамбекро шаҳи Шуғнон ҳукм

дода, ба тир ҳалок карданд. Ва завҷаи Миротамбек аз акобирони Баҳшор будааст. Оқсақоли Баҳшор Давлатқадам ном он ҳарами мири мазкур ҳамроҳи ду писараш – Давлатбек ва Нодиршоҳ номон, ки тифли хурдсол будаанд, гирифта ба иҷозати шаҳи Шуғнон, ки ба хонаи падараш ба Баҳшор бурда мерасонам. Ва Ибодуллоҳхон, ки падари Азизхон будааст, холабачаи шаҳи Шуғнон будааст, онро ҳамроҳи худ шаҳ Абдураҳимхон ба Шуғнон оварда, дар қишлоқи Вуж ҷову макон монд. Ва Қурбоншоҳ ном, ки дар аввали маслиҳат, ки ду ҷома пӯшонда буд ва мазкур, ки маслиҳатро қабул накарда буд, онро шаҳи Шуғнон ҳукм дода одамони Хуф пиёдабуз[88] кашида, ҳалок намуданд.

Аз гуфтаи мӯйсафедони пеш адади сӣ нафар аз ҷавон то мӯйсафед, аз понздаҳсола боло шаҳ Абдураҳимхон ҳукм дода ва Иброҳимбек аз ҳукми шаҳи Шуғнон ду нафарӣ ва се нафариро ҷабран ва зулман фармуда аз болои шахи Роҷқалъа ба ҳавои он шах парронид. Охирон як мӯйсафед ҳамроҳи ду писари худ ба паррондан мондаанд. Он мӯйсафед, ҳарчанд кардаанд, ки намехоҳад ба шах паридан, баъд он ду писари ӯ яке аз бағали рост ва яке аз чап даромада, ҳамроҳи падари худ якбора ба он шах паридаанд. Ва боқӣ хурду калони ажғолро асир гирифта, тарафи Сарақул то Бадахшон бурда фурӯхта, аз ҳар аҷнос қимати он асиронро гирифта ба шаҳ Абдураҳимхон оварда супориданд.

Ва шаҳи Шуғнон, ки ҳамроҳи лашкари худ аз Роҷқалъа тарафи Барпанҷа вопас гашта, ба қишлоқи Анҷин расида, тарафи ҳамнишинони худ гашта мегӯяд, ки душман намонда. Оқсақол Ширинбеки демурғонӣ ҷавоб дода, бале давлати шаҳ барқарор бошад, душман намонд. Сипаҳсолор ном аз мирҳои

---

88 “Пиёдабузкашӣ” як навъ бузкашии бидуни аспон, ки “саворабузкашӣ” ном дорад, мебошад. Тариқи бузкашии пиёда низ мисли бузкашии маъмулӣ анҷом мешавад.

Рӯшон-Вомар ҷавоб мекунад, ки патаки по ба одам душман аст. Шаҳ аз шунудани ин сухан малол шуда, аммо чизе нагуфт.

Дар он замон, фасли баҳор, Иброҳимбек - шаҳи Шохдара ба саломи шаҳи Шуғнон фаромада ва шаҳ онро аз ҳар аҳвол пурсонӣ намуда, ки раият ҳамроҳи шумо ба чӣ тариқ зиндагонӣ доранд ва аз кадоми онҳо тарсу бим дорӣ, ё надорӣ? Иброҳимбек - шаҳи Шохдара мегӯяд, ки аз ҳеч кадоми раият биму тарс надорам ва парво ҳам нестам, илло аз Ҷангибек ном бисёр тарс мекунам.

Аммо раияти Шохдара, махфӣ аз Иброҳимбек, ҳамроҳи Ҷангибек аз қисури[89] шаҳи Шохдара ва талаф кардани онҳо ва фурӯхтани асири онҳо маслиҳатӣ будаанд дар талаф кардан ва куштани Иброҳимбек. Муттаҳид шуда, ҳама якбора ҳамроҳи Ҷангибек ба як овоз аҳд карда гуфтанд, ки онро ки куштӣ, ҳамаи моён ҳамроҳи шумо мамлакати Шохдараро чул[90] карда, тарафи Сарақулу Ёрканди Қошғар фирор шуда, кӯч мекунем. Бинобар шунудани сухани раият,Ҷангибек ҷавоб дода мегӯяд, ки аз хотири шумо бародарон рӯгардонӣ намекунам, аммо кор ганда хоҳад шуд. Чаро ки шаҳи Шуғнон барои ман ваъда кардааст, ки аз тарафи Бадахшон ки омадем, ҳокимии Шохдараи поён барои шумо медиҳам ва Шохдараи боло аз барои Иброҳимбек бошад, лекин аз бародарии шумо, бародарон, намегузарем. Ба ҳамин маслиҳат, дигар ақиб нигоҳ нокарда, тарафи Роҷқалъа қадам пеш ниҳода меравад. Ва Бангӣ ном хуфӣ ба Роҷқалъа ба дасти Иброҳимбек банд буда, ду нафар пайра мудом муқарраранд, ки ба ҷое нагурезад.

Ҷангибек омада Иброҳимбекро салом карда, баромада дар пеши пайраҳо шаб карда, хоб мекунад. Нисфи шаб шуда Ҷангибек фарёд мекунад, ки Бангӣ аз бандихона гурехта рафт.

---

89 Дар ин ҷумла “қисур” ба маънои “кина” омадааст.
90 Чул кардан, яъне хароб кардан.

Иброҳимбек аз чордара садои Ҷангибекро шунида, дашноми носазо дода гуфт, ки ба зудӣ бандиро пайдо карда, ҳозир кунед. Дар ин сурат Ҷангибек дашноми фошро шунида, қарор мекунад. Ҳангоми субҳидам боз Ҷангибек фарёд мекунад, ки Бангиро ёфта овардаем. Дар ин воқеа дарвозабон дарвозаро ялла карда ва Ҷангибек давида туғрӣ ба нардбон ба чордара боло баромада, худро ба Иброҳимбек расонида, шамшери ӯро аз паҳлӯи ӯ гирифта аз ғилоф кашида, бар шонаи Иброҳимбек мезанад. Мазкур бекор мешавад, қапида аз болои чордара ҳаво дода ба зер партофта. Баъда Иброҳимбек ҷонхудой[91] гуфт. Ҷангибек ҷавоб дода, ки Миротамбеку Буттабек ва Қурбонҷон ва ғайра шоҳбачаҳои нозанин ҳам аз шумо ҷонхудой талабида буданд ва шумо онҳоро ҷонбахшӣ нокарда, онҳоро ба ҳавои шах партофта, раҳм накардаед.

Баъда Хоҷа ном барвозӣ Ҷангибек ҳамроҳ доштааст, Иброҳимбекро кашида, ба ҷои шоҳбачаҳо оварда, ба он шах партофтанд. Ва ажғоли Ҷангибек ба қишлоқи Риҷист будааст, омада ажғоли[92] худро гирифта тарафи Сарақул гурехта меравад. Омада дар қишлоқи Табдем[93] мерасад, ки савори бисёр аз боло омада истодаанд. Баъд Хоҷа мегӯяд, ки биё аз роҳи боло биравем, Ҷангибек қабул намекунад, ки инҳо ҳама ҳамроҳи ман нафарони маслиҳатӣ мебошанд, аз инҳо ҳеҷ тарсу бим надорем, биё, ки рост ба пеши онҳо биравем. Омада бо ҳам дучор шуда, мужда медиҳад, ки ба мақсади шумоён кор карда, мурод ҳосил шуд. Дар ин сурат Ҷалолӣ ном аз қишлоқи Парзуҷ ва Мақсуд ном аз қишлоқи Тусиён барои ӯ зорикунон бо ҳам расида, ҷилави ӯро гирифта, мегӯянд, ки инро ба чӣ мондаед? Ҷангибек ихтиёр карда, ки найзаро рост кунад, ки

---

[91] “Ҷонхудой”, яъне талвосаи ҷон, зораи аз барои Худо бахшидани ҷон.

[92] “Ажғол” ё “ашғол” гуфта, аъзои оиларо дар назар доранд, ки ба эҳтимоли қавӣ аз калимаи “ишғол, шуғл” пайдо шудааст.

[93] Деҳаи “Тавдем” дар назар аст.

қомати найза фурсат наёфта, монанди таёқ Ҷалолиро зада ғалтонид ва асбро тохта, андак ҷо давонда, ки пои асб ба ҷӯе афтода ғалтид. Ва Мақсуди Тусёнӣ ҳамроҳи он нафарҳои дигар худро ба Ҷангибек расонида, захмдор намудаанд, аммо захми сахт зада будаанд. Хаёли онҳо чунон буд, ки дар аввал ба куштани Иброҳимбек маслиҳатчӣ будаанд ва дар охир пушаймон шуда, ихтиёр доштанд, ки инро ҳалок кунем, ки аз сари борида садо нест. Чунки ҳамаи моён ба ҳамин мақсад яке будаем, ҳоло агар инро бигзорем, мо ҳамаро ба қатл медиҳад. Дар ин кашокаш будаанд, ки чанд нафар савор аз боло боз омаданд. Инҳо гумон кардаанд, ки албатта кадоме ба кумаки Ҷангибек омаданд, тарс карда гурехта ва Хоҷа ҳамроҳи зану хоҳараш онро болои асб зада ба дараи Риҷист даромада, дар як бой, яъне кавокии санг мондаанд. Ва як бузро кушта чарбӯи онро ба захмҳои он монда ва он пӯст ба танааш печонда мондаанд. Ва хоҳараш дар пеши ӯ монд. Ва занаш ин аҳволи Иброҳимбекро ба Шуғнон расонид.

Аммо шаҳ Абдураҳимхон дар он вақт ба Файзободи Бадахшон буд. Ва Амирбек писари калонии шаҳ ба муҷарради шунидани ин аҳвол аз барои қарор додани раияти Шохдара савор шуда, ҳамроҳи панҷоҳ нафар навкария меравад, ба қишлоқи Риҷист мерасад. Баъда барои Амирбек аҳволоти Ҷангибекро тамоман нақл кардаанд ва макони зиндагонии ӯро ба он дараи Риҷист нишон медиҳанд. Шоҳбача, яъне Амирбек аз одамони қишлоқи Риҷист гирифта, ба он дара даромада, ба пеши Ҷангибек расонидаанд. Бино ба расидан шоҳбача мепурсад, ки ба чи тариқ зиндагонии шумо. Ҷавоб медиҳад, ки шукри магар ба муроди худ расидем, ҳоло ихтиёр аз шумост ба чи тариқе, ки хоҳед, қабул дорам. Шоҳбача мегӯяд ман шуморо ҳалок намекунам, ҳеч тарсу бим накунед. Баъда Ғуломҳайдар ва Қурбоншоҳ номон аз қишлоқи Тем навкарони Амирбек мебошанд ва чаҳор нафари дигар ба онҳо дода, Ҷангибекро гирифта болои зина зада, ба Тем овардаанд. Ва

Амирбек худ ба Роҷқалъа мурочиат карда, ба чанд явм ҳамроҳи раият ба ширингӯӣ ва ширинзабонӣ қарор намуда, вопас омада. Ва ҳар рӯз барои захмҳои Ҷангибек дору фиристонда ва аз аҳволи он мепурсид.

Дар ин байн ягон се моҳ гузашта, захмҳои Ҷангибек хуб шуда истодаанд. Ва Абдураҳимхон аз Бадахшон омада, ба қалъаи Барпанҷа расид. Ва Амирбек пурсиши гуноҳи Ҷангибекро аз шаҳ талабидааст. Шаҳ Абдураҳимхон ҳамроҳи оқсақолҳои худ машварат мекунад, ки оқсақол Ширинбеки демурғонӣ ҷавоб мегӯяд, ки агар Шумо имрӯз Ҷангибекро ба шоҳбача бахшида ҳалок намекунед, фардо Сарёк ном, ки раияти ман аст, маро хоҳад кушт. Ба сухани оқсақол Ширинбек, шаҳи Шуғнон барои Хуҷак ном риҷистӣ ва Зарак ном тусёнӣ ҳукм дода, ки рафта Ҷангибекро ҳалок намоед. Баъда мазкурон аз ҳукми шаҳи Шуғнон омаданд, Ғуломҳайдар навкари шаҳ аз қишлоқи Тем буд ва ҳам некдошт барои Ҷангибек буда, фармуданд, ки мазкурро ба гӯристони Тем бурда, ба тир ҳалок карда куштаанд. Ва Ғуломҳайдар дар гӯристони Тем Ҷангибекро дафн кард. Баъда шаҳи Шуғнон писари калонии худ Амирбекро ба Шохдара ҳоким карда, фиристонд. Ва писари дигар Сулаймонхонро ба қалъаи Вомари Рӯшон ҳоким карда, фиристонд. Ва шаҳ Абдураҳимхон худ дар қалъаи Барпанҷа ҳокими калон қарор намуд. Ва баъд аз шаш сол шаҳи Шохдара Амирбек чанд нафар аз навкарони худ ҳукм дода фармуд, ки рафта бародаронамро - Муҳаббатхон ва Юсуфалихон маъа навкаронаш гирифта, ба назди ман оварда расонед. Ин аҳвол, ки ба шоҳбачаҳо расониданд, мазкурон аз ҳузури падари худ ҳамроҳи навкарони шаҳи Шохдара шаб гурехта, ба Роҷқалъа ба пеши бародари калонии худ Амирбек расиданд. Баъди як сол ҳар се шоҳбачаҳо бо ҳам иттифоқ шуда, машварат намуданд. Ва ҳамаи навкаронро талабида гуфтанд, ки шумоёнро ба хизмат мефиристонем, онҳо қабул намуданд. Адади сад нафар диловар фармуданд тарафи Барпанҷа рафта, девонбекии

шаҳи Шуғнон Муҳаммадкарим ном қалмоқро ҳалок карда, бикушед. Чунки то вақте, ки он зинда бошад, шаҳи Шуғнон ва мамлакатро орому барқарор намемонад.

Баъда ҳамин сад нафар омада, нисфи шаб дар қалъаи Барпанҷа худҳоро расонида, рост ба асптоз даромада, туғрӣ ба ҳаволии девонбегӣ Муҳаммадкарими қалмоқ ҳуҷум карда, худҳоро мерасонанд. Баъда Муҳаммадбоқӣ ном пеш шуда ва Шералии Ёмчӣ ва он дигарон ҳанӯз дар берун дар ҳуҷум шуда, ба назорат истодаанд. Ва Муҳаммадбоқӣ дар хона даромада, Муҳаммадкарим хабар шуда, шамшери худро гирифта, ба Муҳаммадбоқӣ ҳавола мекунад, ки шамшер ба сутуни хона расида, мешиканад. Ва ҳар ду панҷаро рост карда ва ба рӯи Муҳаммадбоқӣ расонда, чунон зарб намудааст, ки ихтиёри Муҳаммадбоқӣ аз даст рафта, гумон мекунад, ки албат чашмҳоям аз ҷой баромада кӯр шудам. Баъд фарёд баровард, ки ҷонхудоӣ мурдем.

Бинобар шунудани овози Муҳаммадбоқӣ Шералии Ёмчӣ ва Дӯстмуҳаммади Ғундӣ пеш шуда ва он нафарҳои дигар ақиби онҳо якбора ҳуҷум карда, ба хона даромада, девонбекӣ Муҳаммадкаримро ба халлаву шамшер кушта, ҳалок намуданд ва аз ибрати ҳаёшон бурида ба даҳанаш зада мондаанд. Ва писари ӯ ба бом хоб рафта будааст, бедор шуда, ихтиёр мекунад, ки инҳоро сангборон карда, якчанд нафарро ҳалок кунам. Як санги калонро бардошта, ба гӯшаи бом расида, ихтиёри партофтан мекунад, ки камондорон онро тир зада, ба бом ғалтондаанд. Дар ин сурат шаҳи Шуғнон ба садои камон саросема аз ҳарами худ давида омада, дарвозаи асптозро дарвозабон кушодаанд, ки ғавғои азими даҳшатнок баланд аст. Ихтиёр мекунад, ки ба асптоз барояд, ки ин садои камону ғавғо дар ин нисфи шаб аз куҷо баромада. Кадоме аз хизматгорони хос шаҳро монеъ карда намондаанд, ки наравед, шуморо ҳам мезананд. Шаҳи мазкур тарс карда, ба тарафи ҳарам вопас мегардад ва дарвозаро маҳкам кардан ме-

фармояд. Ва инҳо, ки Муҳаммадкаримро ҳалок мекунанд, шабошаб аз қалъа баромада рафтаанд.

Шаҳи Шуғнон он шабро рӯз карда, баромада рост ба хонаи девонбекӣ рафта тамошо мекард, ки девонбекӣ Муҳаммадкаримро монанди ош қима-қима кардаанд ва чизе, ки ба зиндагонии худ доштааст, ҳамаро ғорат карда, то хобҷомаро ҳам ҷамъ карда гирифтаанд. Ба ҷуз аёлу атфол чизи дигар ба хона намондаанд. Ба хубӣ ба ҳузури ҳокими худ Амирбеку шоҳбачаҳо расиданд. Аммо номи шаҳӣ аз шаҳи Шуғнон буд, магар ҳокими Шуғнон Муҳаммадкарим буд, чаро ки ҳам вазири шаҳи Шуғнон буд ва ҳам девонбегӣ буд. Аммо бе машварти ӯ ҳеҷ кор намекард, ҳар маслиҳате, ки Муҳаммадкарим қарор дод, шаҳи Шуғнон қабул карда, ба он қарор қадамро пеш ниҳод. Баъд аз куштани Муҳаммадкарим муддати як сол шаҳи Шуғнон Абдураҳимхон шаҳӣ мекард ва ба соли дуюм писаронаш Муҳаббатхон ва Юсуфалихонро Амирбек фармуд, ки рафта, қалъаи Барпанҷаро гирифта, шаҳӣ бикунед. Шоҳбачаҳо омада, ба фармондодагии бародари калонии худ шаҳи Шохдара Амирбек, падари худ шаҳ Абдураҳимхонро гирифтанд ва барои Амирбек аҳвол карданд, ки қалъаи Барпанҷаро гирифта, тасарруф шудем.

Бинобар шунидани ин аҳвол Амирбек ҳамроҳи чанд навкари худ Роҷқалъаи Шохдараро монда, ба қалъаи Барпанҷа омада. Муҳаббатхон ва Юсуфалихон ҳамроҳи акаи худ Амирбек маслиҳат ба миён мондаанд, ки моён шаҳи Шуғнонро гирифта, тасарруф шудем ва шумо рафта, Рӯшонро ба номи шумо мондаем, тасарруф шуда, ҳукмронӣ кунед. Амирбек ин машваратро қабул намуда, тарафи Рӯшон баромада меравад. Муҳаббатхон ва Юсуфалихон дар қалъаи Шуғнон ба маърифати падари худ шаҳ Абдураҳимхон мондаанд. Чанд вақт гузашта, ин шоҳбачаҳои Шуғнон барои бародари калонии худ Амирбек хат навишта мефиристонанд, ки моён ҳамроҳи падари худ тарафи Файзободи Бадахшон муроҷиат

карда, рафтаем ва Шуғнонро ҳам барои шумо гузошта мондаем.

Бад-ин восита тарафи Бадахшон рафту омади шаҳи Шуғнон буд, ки аз Абдураҳимхон ду духтар будаанд, яке Лолабегим ном, онро барои мири Бадахшон – Миршоҳ додааст, аз он Сулаймоншоҳ ном ба вуҷуд омада ва худ фавт шуд. Боз ин духтари дигарро, Бибиҷоноро номро, ба занӣ талабидааст, ки завҷаам Лолабегим фавт шудааст, дилам ҳамеша малол ва зиндагониам бадҳол. Бинобар ин шаҳи Шуғнон Бибиҷонороро ба Миршоҳ дода будаст. Аз Бибиҷоноро Миролим ва Шоҳзодаҳасан ба вуҷуд омадаанд.

*Боз омадем ба қиссаи Амирбек, ки бародаронаш барои ӯ хат карда буданд.*

Шаҳ Амирбек аз қалъаи Вомар савор шуда, ба Шуғнон омада, ки аҳволи рафтани онҳо тарафи Бадахшон рост будаст. Дили шаҳ Амирбек шикаст хӯрда, Исматуллоҳбек ном баҳшорӣ дар қалъаи Барпанҷа монда ва худ боз тарафи Рӯшон меравад. Дар ин байн муддати як сол мегузарад. Мири Бадахшон - Миршоҳ лашкар ба Абдураҳимхон дода, ҳамроҳи писарони худ Муҳаббатхон ва Юсуфалихон омада, қалъаи Барпанҷаро бе ҷанҷол тасарруф шуда, қарор гирифт. Ва писари калонаш Амирбек аҳволи омадани падару бародаронашро, ки ба маърифати лашкари Бадахшон дар Барпанҷа қалъа расидаанд, аз тарси падару бародарони худ аз қалъаи Вомари Рӯшон фирор шуда, тарафи Дарвоз гурехта рафт. Шаҳи Шуғнон Муҳаббатхонро ба Шохдара ҳоким карда фиристонид. Ва Юсуфалихон дар Бадахшон монд ва худ дар қалъаи Барпанҷа қарор гирифт. Ва Муҳаббатхон ба Шохдара шаҳӣ нокарда, рӯ ба фирор ниҳода тарафи Ёрканд рафт. Баъд аз вафоти мири Бадахшон, яъне Миршоҳ писараш Ҷаҳондоршоҳ – модарҷудо аз Миролим ва Шоҳзодаҳасан, ки модараш бадахшӣ буд, ба ҷои падараш Миршоҳ ба ҳукмронӣ муқаррар

шуда, қарор гирифт. Ва Муҳаббатхон аз Ёрканд мурочиат карда, тарафи Бадахшон ба ҳузури Ҷаҳондоршоҳ омада, мерасад. Муддати замон ба хизмати мири Бадахшон монда, лашкар талаб намуда, мир Ҷаҳондоршоҳ барои ӯ лашкар дода, омада ҳамроҳи падари худ шаҳ Абдураҳимхон ҷанги мағлуба андохта, кашокаш бисёр шуда, ки Муҳаббатхон аз падари худ шаҳи Шуғнон шикаст хӯрда, ӯро гирифтаанд ва ба ҳузури падараш овардаанд. Ва шаҳи Шуғнон остини ҷомаро ба Муҳаббатхон дароз карда гуфтааст, ки ин ҷомаро кашида бипӯшед ва боз ба соли оянда ба ҳамин вақт аз Бадахшон лашкар карда биёед. Ҷомаро пӯшонда рухсат мекунад.

Ба соли оянда боз дар он ҳангом лашкар гирифта, омада падари худро гирифту ба қишлоқи Баҷу ба тариқи назарбанд[94] қарор намуда, фиристонид. Баъда Муҳаббатхон дар қалъаи Барпанҷаи Шуғнон ҳоким шуда ва Юсуфалихонро ба қалъаи Вомари Рӯшон ҳоким карда фиристонид. Тахминан муддати як сол, ё ки якуним сол гузашта буд, ки аз Дарвоз аҳволи Амирбек омад, ки шоҳони Дарвоз, яъне Мирмуҳаммадсаидбек ва Мирқарахон барои Амирбек лашкар дода, ба гирифтани Рӯшону Шуғнон омада.

Муҳаббатхон - шаҳи Шуғнон ва Юсуфалихон - шаҳи Рӯшон аҳволи омадани бародари калони худ Амирбекро шанудаанд, ки лашкари бисёр ҳамроҳ гирифта, аз Дарвоз омада истодааст. Шаҳи Шуғнон ва шаҳи Рӯшон ҳам, аз Рӯшон то Шуғнон лашкарро ҷамъ намудаанд. Ва падари худ Абдураҳимхонро аз Баҷу кӯчонда, ба тарафи Сӯчон, ба қишлоқи Барсем фармуда бурдаанд. Ва ду бародарони худҳоро, ки модарҷудо будаанд – исми Абулғозихон ва Абдулшаҳидхон, навҷавононро ба вазири шаҳ Юсуфалихон – шаҳ Муҳаббатхон, ноинсофон ва бераҳмон онҳоро ба дасти Занҷир ном демурғонӣ су-

---

[94] Назарбанд, яъне ҳабси хонагӣ, дар хона маҳбас шудан ё маҳбас кардан.

порида, хафия[95] фаҳмонида, ки бародаронамонро ба қишлоқи Чарфем[96] расонида, дар амбӣ, яъне қируми[97] Чарфем ҳамроҳи навкари мазкурон Абдулғаффор ном ба тир зада, ҳалок кунед. Ва аз он ҷо омада, дар қишлоқи Барсем падарамро низ хафа намуда, ҳалок карда биёед.

Занҷири демурғонӣ шоҳбачаҳои навҷавонро бар байтал савор карда ва худ пиёда пеш аз думи онҳо даромада, ба тарафи Ғунд, ба қишлоқи Чарфем мурочиат намуда, баромаданд. Ва шаҳ Амирбек ҳамроҳи Мирмуҳаммадсаидбек ба маърифати лашкари Дарвоз омада, дар қалъаи Почвар - яъне Пагири[98] Рӯшон аз он тарафи дарё қалъаи Почварро гирифта, ба қалъа даромада, қарор гирифт. Шаҳ Муҳаббатхон ва шаҳ Юсуфалихон ҳамроҳи лашкари Шуғнон то Рӯшону Бадахшон бародари калони худро - Амирбек муҳосира, яъне гирд карда, гирифтан натавонистанд.

Ба тариқи сулҳ ва фиребомез барои Амирбек хат навишта бад-ин мазмун, ки шумо барои моён ба ҷои падар ҳастед. Ва шумо аз тарсу бими падари моён рӯ ба фирор ниҳода, тарафи Дарвоз гурехта рафтаед. Ва аз моён ҳамроҳи шумо чизе хусумат нест ва душманӣ набуда, умед мекунем, ки бе тарсу бим баромада, ҳамдигарро дида маслиҳати бародарона бо ҳам карда, шумо ба ҷои падару моён ба манзалаи фарзанд ба шумо мебошем. Умед аст, ки шумо ба сарпарастии моён машғул шуда, то моён ба роҳбарии шумо амал намоем ва асири мардуми Дарвоз моёнро накунед. Ва савганд дар хат дарҷ карда, муҳр намуда, фиристондаанд.

Амирбек хатро мутолиа карда, ба суханони бародарони худ фирефта шуда боварӣ дода, аз қалъа баромада якбор ҳам-

---

[95] Хафия, яъне пинҳонӣ, ба тариқи пинҳонӣ.
[96] Деҳаи ЧарӨем.
[97] Амбӣ ё қирум – сангзор, сангистон.
[98] Почвар аслан номи қалъаи калон аст, ба мисли Баҳрпача ва Пагир мавзеъе, ки қалъа дар ҳудуди он ҷой гирифтааст.

дигарро дида, чи қадар ширинзабонӣ  бо ҳам кардаанд, ки ҳеҷ гумон ба дил намонда буд. Баъда онҳо барои навкарон фармони куштан дода, худро пинҳон кардаанд. Ва чанд нафар навкарон Амирбекро пеш андохта, бар як поҷур[99] дуртар бурда, тир зада ҳалок карданд. Дар ҳамон рӯз ва ҳамон соат Занҷири демурғонӣ он ду шоҳбачаи навҷавон Абдулғозихону Абдулшаҳид ҳамроҳи Абдулғафор ном ғундӣ, ки навкару хизматгори онҳо будааст, Занҷир ҳар се нафаронро дар қируми Чарфем тир зада кушта ва зери як санги калони кавок, яъне бой буд, мурдаи он се нафарро дар он бой рост карда ва даҳани он бойро девор карда монд. Ва аз қишлоқи Чарфем омада, аз қарори фармоиши Муҳаббатхону Юсуфалихон, дар қишлоқи Сӯчон – Барсем омада, шаҳ Абдураҳимхонро дар Барсеми Сӯчон хафа карда, ҳалок намуд. Ва субҳидам шуд Занҷир фиғону фарёд баровард, ки шаҳи Шуғнон имшаб қабз шуда фавт шуд.

Мардумро хабар карда, ҷамъ намуда,ҷанозаро болои мардуми Сӯчон бор карда, ба қалъаи Барпанҷа расонид. Ва барои Муҳаббатхон ва Юсуфалихон хат навишта фиристодаанд, ки шаҳи калон ҷони худро ба хизмати шумоён бахшида, аз ин дунёи фонӣ реҳлат намуда. Адади се шоҳбача, яъне Амирбеку Абулғозихон ва Абдулшаҳидхону падараш Абдураҳимхон, ин чаҳор нафарро дар як рӯз кушта ҳалок карданд. Ва он лашкари Дарвоз, ки ҳамроҳи шаҳ Амирбек омада буданд, шаҳ Муҳаббатхону шаҳ Юсуфалихон он лашкари Дарвозро асир гирифта, ба сагу ҷорубӣ ва ҷуз инҳо ба ҳар аҷнос қасдан ҳамаро тарафи Бадахшон фурӯхтаанд ва қимати онҳоро гирифта, ба шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон оварда супори-

[99] “Поҷур” аз ду калима: “по” ва “ҷур” таркиб ёфтааст, ки агар ба ҳисоби қадам фаҳмида шавад, яъне чор қадами мутансоб (ҷур) баробар ба ду метр.

данд. Ва Муҳаббатхону Юсуфалихон фӣ мобайни худ тақсим намудаанд.

Муҳаббатхон шаҳии Шуғнонро барои худ гирифта ва Рӯшонро барои Юсуфалихон дода, ором гирифтанд. Муддати чаҳор сол ҳар кадоми онҳо орому барқарор будаанд ва ба соли панҷум бо ҳамдигар хусумат шуда, душманӣ пеш карданд.

Бинобар хусумат шудан, Юсуфалихон аз Рӯшон лашкар ҷамъ карда, роҳи Дарбандро гирифту Муҳаббатхон аз Шуғнон лашкар карда, Пастхуфро гирифта, ба муқобили ҳамдигар расида, фурсатро нигоҳ мекунанд. Баъд Муҳаммадазим ном аз акобирони Баҳшор аз шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон дуо талаб карда, ки барои ман дуо дода, якбор ҳарифро муқобил шуда, камони худро ба рӯи душман холӣ кунам. Шаҳи Шуғнон монеъ мекунад, наравед, ки қабул нокарда аспро тозонда наздики душман омада, ки чанд нафар камондор камонҳои худро ба рӯи Муҳаммадазим холӣ карда мезананд, мазкур худро эҳтиёт намуда, вопас мегардад. Ва одамони дигар аз сафи лашкар давонда, ӯро оварда ба ҳузури шаҳи Шуғнон расонидаанд, ки бекор шуда, ба чанд соат фавт мешавад. Андак ҷанг бо ҳам кардаанд, ки Юсуфалихон шикаст хӯрда, ба қалъаи Вомар гурехта. Ва ҷанозаи Муҳаммадазимхонро ба хонааш - ба Баҳшор фиристондаанд. Ва худ шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон омада, дар Вомар ҳамроҳи лашкари худ фаромада. Ва қалъаи Вомарро шаҳ Юсуфалихон дарвозаро маҳкам карда, қалъабандон шуда монд. Ва шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон берун аз қалъа дар қишлоқи Вомар мондаанд, чунки қалъаи Вомар дар саҳрое сохтаанд, гирифтан онро мумкин набуд. Шаҳи Шуғнон онро гирд карда, ҳеҷ илоҷе ба гирифтани қалъаи Вомар наёфтанд. Зеро ки лашкари шаҳи Рӯшон Юсуфалихон тӯпхонаҳоро маҳкам гирифта, лашкари шаҳи Шуғнонро наздик намемонданд.

Алқисса, муддати шаш моҳ гузашта, баъда дар он вақт хоҳарзодаи онҳо, писари Миршоҳ, Сулаймон ном аз Бадах-

шон дар байни тағойҳои худ, яъне шаҳи Шуғнон ва шаҳи Рӯшон рафтуомад карда, сулҳ намуд. Ба рӯзи дуюм Юсуфалихонро аз қалъаи Вомар бароварда, ҳамроҳи сад нафар савор гирифта, ҳамроҳи худ ба Файзободи Бадахшон бурда ва шаҳиро аз Рӯшон то Шуғнон тамоман ба шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон супорида, тасарруф намуд.

*Ҳоло қисса аз шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон нақл кунем.*

Шаҳи Рӯшон Юсуфалихон, ки ҳамроҳи сад нафар, балки аз сад зиёдатар, ки одамони ҷангӣҳ амроҳи шаҳи Рӯшон будаанд, якбора ҳама аз тарсу біими шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон, ки ба маърифати Юсуфалихон тарафи Бадахшон фирор шуда, рафтаанд. Шаҳи Шуғнон аз рӯи ибрат занони ҳама мерафтагиҳоро ҷабран ва зулман ба зӯр ба шавҳари дигар никоҳ фармуда додаанд. Ҳарчанд гиряву нола ва фиғон кардаанд, ки суд надошт. То ҳатто, ки як духтари ҳаждаҳсоларо ба Шоҳдаврон ном мӯйсафед маҷбуран фармуда додаанд. Ҳарчанд қабул накарда гуфт, ки мӯйсафед шудаам, лоиқ намондаам, шаҳи Шуғнон қабул накарда, ҳукман фармуд никоҳ кардаанд. Баъдан Шоҳдаврон барои он духтар гуфтааст, ки барои ман духтари охират мебошед ва шуморо ба манзалаи духтари ҳақиқии худ медонам, аммо кори зулмро илоҷ нест. Дар ин хусус шаҳи Шуғнон одамонро таъйин карда, ки ба ҳар кадом одамоне, ки занони нафарони Бадахшон рафтагиҳо аз ҷиҳати ибрат додаем, бубинед, ки бо ҳам дар як кӯрпа хоб мекунанд, ё ки ҷудо-ҷудо. Аз барои имтиҳонкунандагон Шоҳдаврон гуфтааст, ки ай фарзанди азиз, одамони шаҳ ҳар шаб аз ҷиҳати имтиҳон мегарданд, аммо илоҷ нест, магар ҳамроҳи пӯшоки бадани худҳо дар як кӯрпа, аз ҳамдигар андак дуртар хоб кунем. Ҳар гоҳ ҷудо-ҷудо хоб мекунем, мо ҳар дуро шаҳи Шуғнон ҳалок мекунад. Он одамони таъйинкардагӣ ногумон ҳар чанд имтиҳон кардаанд, ки ҳеҷ кадом тоқаву ҷудо хоб нестанд, ҳама дар як кӯрпа хоб мекунанд.

Дар ин байн чанд муддат гузашта, ки кадоме барои шаҳи Шуғнон бадурӯғ гуфта, ки адади сӣ нафар бо ҳам маслиҳат якҷо тамом кардаанд, ки ҳар вақт шаҳ тарафи Демурғон будуна шикор меравад, он вақт кӯчаи Сармочидро дар он тангӣ гирифта, ҳалок мекунем ба таёқу табару теша. Аммо ин сухан рост набуд, магар одамоне, ки ба шаҳи Шуғнон нафориданд, ба туҳмати дурӯғ онҳоро ном ба ном ҳукм дода, оварда ҳозир намуданд. Масалан: оқсақол Сафар аз Вер ва чанд нафар аз авлодаи Хушназар, ки гурӯҳи калону одамони бообрӯву лоиқ ва адади ҳафт нафар писарони Қози Давруқ аз қишлоқи Вуж, чанд нафар одамони обрӯдору лоиқи маърака аз қишлоқи Баҳшор. Ин ҳамаро ҷамъ намуда, ба як расан қатор баста, монанди нишона рӯ ба рӯ ба замини тунд бурда, нукҳои он расанро ба воситаи мех ба замин чукида[100], маҳкам карданд. Ва худ шаҳ Муҳаббатхон ҳамроҳи ду нафар навкари худ ба тӯпхона баромада, он нафарони ҳамроҳбудагӣ ду дона катакамонро[101] ба даст гирифта, навбат ба навбат он катакамонҳоро пур карда ва ба дасти шаҳ Муҳаббатхон дода. Ва он шаҳи бераҳму ноинсоф аз болои тӯпхона аз як қатор ба тир кушта ҳалок намуда, тамом кард. Ва оилаи хона ва ҷамъи хешу ақрабоёни он одамони ҳалоккардагиҳо як ҷо ҷамъ шуда, чунон ғавғою фиғон ва гиряву мотами саҳмнок баланд шуда, ки он хунхор садои онҳоро гӯш намуда, тир зада меғалтонд. Аз он ҷумла, ду нафар аз Баҳшор - Мазҳабшоҳ ва писараш Муҳаммадзиё ному як нафар аз Деҳмурғон, ин се нафар бе захм мондаанд, аммо аз тарсу бими тир худҳоро ба монанди он кушташудагиҳо ғалтонда, рост кардаанд.

Он рӯз то вақти шом он куштаҳо ҷо ба ҷо монда, аз тарси он шаҳи хунхор ҳеҷ кадом наздики мурдаҳои худ омадан

---

[100] Калимаи “чукидан” бофтаи муаллифон аст, ки аз масдари “чуктоw”-и забони шуғнонӣ сохта шудааст ва мазмунаш кӯфтан аст. Дар ин ҷо ба маънои ба замин кӯфтан истифода шудааст.
[101]“Каттакамон”, яъне камони калон, камони бузург.

натавонистаанд. Ҳамаи онҳо, дуртар аз он куштагон якҷо ҷамъ шуда, аз мард то зан ба ҷуз фиғон дигар чизе манфиат набудааст. Вақте ки шом шуд ҳукм мекунад, соҳибони мурдаҳоро бигӯед ҳар кадом мурдаи худро гирифта баранд. Бинобар иҷозат додани шаҳ ҳар кадом мурдаи худро гирифта рафтаанд. Ва Мазҳабшоҳву писараш Муҳаммадзиё ном баҳшорӣ ва як нафар демурғонӣ, ки аз тарси ҷон безахм дар сафи мурдаҳо худро монанди мурда ғалтонда будаанд, онҳо ба ҷони зинда ба хона ором намуданд.

Шаҳи одамхор махфӣ одамонро фармуд, ки рафта аз роҳи бом оҳиста ба равзани ҳар кадоми куштагиҳо гӯш монда, тамошо кунед, ки кадоме аз онҳо мурдааст ва кадоме захмдор шуда, ҳанӯз зинда аст ва кадом аз онҳо аз тарси ҷон ба тариқи мурдагон худро сохтаву ҳанӯз ҳам безахм мондааст.

Одамони шаҳ ба ҳамин фармоиш аз барои имтиҳон махфӣ баромада, гӯш мондаанд, ки Мазҳабшоҳ ва писараш Муҳаммадзиё ҳеҷ тир нарасидааст, омаданд шаҳро хабар карданд. Ду нафар ҷаллод - исми Солор ва Айҷуб ном аз Зардефи[102] Бадахшон будаанд, фармуда, ки рафта Мазҳабшоҳву писарашро кушта, ҳалок кунед. Ҷаллодони мазкур таъхири ҳукм накарда, рафта Мазҳабшоҳ ҳамроҳи писараш Муҳаммадзиё аз хона берун бароварда, дар ҳавлӣ ба шамшер шила-шила кардаанд.

Ва он нафари Демурғонӣ ба хонаи худ нарафта, шабошаб ба аҳволии ақсақол Ширинбек паноҳ гирифта ва писари ақсақоли мазкур Хушназар ном ҳамроҳ чанд нафар одамони муътабару обрӯдор гирифта, ба ҳузури шаҳ омада, салом карда, истодаанд ва гуноҳи он нафари деҳмурғониро талабидаанд. Он шаҳи ноинсоф онҳоро ба чой монеъ карда, ки чойро хӯрда бираевед, он гунаҳкор дар хонаи шумост, ба ҷое

[102] Зардев - деҳае дар он тарафи дарёи Панҷ, аниқтараш дар о тарафи пушти кӯли Шева.

намеравад. Хушназар хотирҷамъ шуда, ба дили худ қарор додаст, ки албатта он гунаҳкорро бахшиш намуд. Ва шаҳ хафия[103] ҷаллодонро фармуда, онро аз хонаи Хушназар ба ҳаволӣ (ҳавлӣ) бароварда, қима карда рафтаанд. Ва ақсақолбача, яъне Хушназар омада дид, ки кор бемазза шудаст, малол шуда, аҳволӣ тамоман ба хун олудааст. Ва ақсақол Сафар аз қишлоқи Верро ба Саройи Санг, ба пеши худ талабида, хело дашномҳои сахти фош онро дода ва қамчинро гирифта чунон базарб мезанад, танааш кафида, хун ҷорӣ мешавад. Ин ҳам тасаллои қаҳр намешавад, аз дастҳояш гирифта, кашон-кашон ба сариҳавои шах расонида, ихтиёр мекунад, ки ба ҳавогии ин шах Сафарро партофта, ҳалок кунам. Боз қамчинро ҳавола ба сараш карда, ки нӯги қамчин ба чашмаш расида, кафонда кӯр шудааст. Аз ноумед шудани зиндагонии худ ва ҳам аз сӯзиши чашму тамоми бадани худ ба ҳар ду дасти шаҳ маҳкам гирифта, ҳаракат мекунад, ки ин бадбахтро ҳамроҳи худ ба ҳавои ин шах ҳаво дода, мо ҳар ду якҷо ҳалок шавем. Ва дашномҳои сахти фош ҳарчанд ба забони ақсақол Сафар омадаст, пас ногардонда ба рӯи шаҳ аз зан то модару хоҳар ва пушт ба пушт аз дили худ ҷорӣ карда, ҳаракат намуда ба шах партофтан, ки нафарҳои хуфӣ давида, дастҳои шаҳро аз дасти ақсақол Сафар тоб дода, халос кардаанд ва ӯро аз Саройи Санг ба он баландии ҳаво партофтанд. Чунки аз раияти қишлоқи Хуф панҷ нафар, ё ки шаш нафар ҳамеша ба Саройи Санг аз барои покиза кардани гарду ғубор ва об додану барфи зимистониро рӯфтан ва алов додан муқаррар ба хизмат ҳозир буданд, зеро ки ҳарами шаҳ ҳам ба Саройи Санг будааст. Аз он ҷиҳат шашнафарӣ ба хизмат ҳозир буданд, ки мудом он ҷову маконро поку покиза бошад. Ба воситаи ин, агар он нафарони хуфӣ намебуданд, ақсақол Сафар шаҳ Муҳаббатхонро ҳамроҳи худ ба он кӯҳи баланд ҳаво дода, ҳалок мекард. Ва

---

[103] "Хафия", яъне ба таври махфӣ.

асирони ин ҷамъкуштагиҳоро аз панҷсола боло, аз духтарина ва писарина, ҷамъ адади яксаду бист нафар, ба дасти оқсақол Исҳоқи баҳшорӣ дода, тарафи Бадахшон бурда, ҳамаро фурӯхта ва қимати онҳоро, чизе ки шаҳ таъйин карда будааст, онро оқсақол гирифта, вопас мегардад. Якрӯза ба Шева роҳ рафтааст, дилаш кафида фавт мешавад. Аз барои ин ки асирони Баҳшор ҳама аз ақсақол Исҳоқ будаст. Масалан, кадомҳо бародарзодаҳо ва баъзе хоҳарзодаҳо ва аз асирони он дигар қишлоқҳо ҳам ягон-ягон аз қавмҳои наздики мазкур будааст. Аз ин хусус, дилаш тоқат надошта, кафидааст. Ва боло аз ин,ҷабру ситами шаҳ Муҳаббатхон ин, ки ҳар кадом аз навкаронаш ба қишлоқ баромадаанд ва духтари ҳар касеро, ки дида хуш мекарданд, омада ба шаҳ маълум карданд. Шаҳ падарашро ҳамроҳи духтар талабида, ба зӯр ба навкари худ дода. Ва Қудратбек ном баҳшориро кушта ва занашро зулман барои Суфишоҳ ном барчидии Поршинеф дода. Агар ба ҳамин тариқ корҳои бетартибӣ ва бемазагии шаҳи мазкур тамоман ба қалам оварда шавад, хонанда аз мақсад афтад. Чунки кадом одами бефикр моиндарони худро - Гулизор номро барои Шобдулфайзи вужӣ дода ва Сафармо номро барои Занҷири демурғонӣ дода ва Савриноз ном моиндари худро ба зании худ гирифт.

Ва ҳамчунин, одамфурӯшӣ монанди бор гирифтан ба қишлоқҳо шикан карда, ҳамеша фурӯхта ва дар қишлоқ мудом навҳаву мотам кам набуд ва касе беғаму хушҳол намонда буд, ки ба оромӣ хоб кунад.

Баъд Юсуфалихон барои девонбекии шаҳи Муҳаббатхон Қозӣ ном аз қишлоқи Вуж аз Бадахшон заҳр фиристонда, ки барои шаҳи Шуғнон заҳр дода ҳалок кунед ва ман шуморо калон мекунам. Девонбекӣ фурсат ёфта, заҳрро дар пиёлаи шаҳ Муҳаббатхон андохта ба шаҳ медиҳад. Замоне бигзашта буд, ки шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон дилпеч шуда, ҳар замон обро мехоҳад. Девонбекӣ дар об ҳам заҳр андохта медиҳад.

Вақте ки сафро ғалаба мекунад, ҷигар сафро мекунад. Дар ин сурат Бонак ном демурғонӣ он сафро мебинад, ки тамоман холӣ ҷигар аст. Як аспи хуб ба савории шаҳ ҳамеша будааст, наъли тоза ба чаҳордасту по баста, тарафи Файзобод аз ҷиҳати дору муроҷиат мекунад. То қишлоқи Ғорҷвин[104] рафта, ки аз ҳар чаҳор дасту по наълҳо ғалтида ҷо ба ҷо мондааст, чунки ҳеҷ вақт бе наъл набудааст. Бонаки мазкур дигар илоҷ наёфта, кутал[105] карда меравад.

Ба азоби сахт ба шаҳри Файзобод мерасад, хатро ба Мирҷаҳондоршоҳ пеш мекунад. Мири мазкур хатро мулоҳиза карда, фавран одамро барои табиб фиристонда. Ҳанӯз табиб нарасида аст, ки як хати мужда ба Юсуфалихон ва яке ба мир Ҷаҳондоршоҳ мерасад. Мебинанд, ки шаҳи Шуғнон Муҳаббатхон вафот кардааст. Дар ин ҳодиса Бонаки мазкур ба дили худ қарор дода, ки ҳоло ҳамроҳи шаҳ Юсуфалихон ҳамроҳ меравем. Ба шунидани ин хабар, шаҳи мазкур ба машварати Мирҷаҳондоршоҳ ҳамроҳи нафарони ғарибрафтагиҳо ва чанд нафари дигар мири Бадахшон аз навкарони худ ба шаҳ Юсуфалихон ҳамроҳ карда, мураххас мекунад. Шаҳи мазкур ба муддати ду рӯз ба қалъаи Барпанҷа расида, қарор гирифтааст. Чанд явм[106] ором монда ва девонбекии шаҳ Муҳаббатхон, ки ба фармоиши шаҳ Юсуфалихон заҳр дода буд, фармуд ӯро куштанд, ки барои бародарам заҳр додааст. Ва Занҷир ҳамроҳи занаш Сафармоҳ номро, даруни эзоронашон санг пур карда, ба дарё партофтаанд. Ва Саврнозро ба Бартанг фирис-

---

[104] Ғорҷвин ва Вуж деҳаҳое, дар тарафи Шуғнони Бадахшони Афғонистон ҳастанд ва чунин деҳаҳо дар Шуғнони Тоҷикистон – дар водии Ғунд низ мавҷуданд.
[105] Кутал бо талаффузи шиддатноки овози “а”, яъне “кутāл” маънои бидуни савора лаҷоми чорпо (гов, хар, асп...)-ро гирифта аз пушти худ бурдан дорад.
[106] “Явм” калимаи арабӣ, ки дар забони тоҷикӣ “рӯз” аст.

тонда, дар парин[107] партофтаанд. Ва навкароне, ки ҳамроҳи шаҳ Юсуфалихон ба Бадахшон ғариб рафта буданд ва занони онҳоро шаҳ Муҳаббатхон ҷабран ва зулман ба шавҳарони дигар дода будааст, шаҳ Юсуфалихон боз ҳукм медиҳад, ки ҳар кадоми шумоён зани худро вопас талабида, тасарруф шавед. Ва он занон кадоме, ки як бача ва кадоме ду бача то се бача аз шавҳарони ҳозирин ба худ доранд ва ин шавҳарони кӯҳна, ҳар кадом занони худҳоро вопас гирифта ва шавҳаронашро чунон азоб мекунанд, ки ҷони онҳо андак мондаст. Ва барои Шоҳдаврон шаҳ асп бахшида додааст, ки ин хиёнатгори амонат набудааст. Ва аз ҳар кадом заноне, ки аз як бача то се будааст, ин шавҳарони кӯҳна ба он падарони худаш вопас додаанд.

Ва хоҳари мир Ҷаҳондоршоҳ - мири Бадахшон ба дасти шаҳи Шуғнон Юсуфалихон буда, муддати панҷ сол шаҳӣ карда буд, ки Мирмаҳмудшоҳ аз қавми мирҳои Бадахшон омада, Файзободро гирифта ва Мирҷаҳондоршоҳ гурехта ба роҳи Зебок омада ба кӯчаи Вахон баромада, тарафи Уш[108] фирор шуда рафт. Ва Мирмаҳмудшоҳ Бадахшонро тасарруф шуда, қарор гирифта аст. Ва шаҳи Шуғнон Юсуфалихон, ки ба салом ва муборакбод кардани мири Бадахшон Мирмаҳмудшоҳ нарафта буд, мири мазкур қаҳр карда, лашкар гирифта омада, ба Демурғон фаромадаст ҳамроҳи лашкари бисёр.

Вақти тобистон будаст, кишти деҳқонии раияти Демурғонро лашкари Бадахшон даравида ба аспҳо андохта, чулу нест кардаанд, ки ному нишони сабза ҳеч намондааст. Аммо хаёли Мирмаҳмудшоҳ чунон будааст, ки Шуғнонро ҳам гирифта, зери ҳукми худ намоем. Шаҳи Шуғнон ҳамроҳи мири Бадахшон суханҳои сулҳомез фӣ мобайн кашокаши ҷангро бартараф намудаанд. Баъда шаҳи Шуғнон Юсуфалихон аз ба-

---

107 “Парин”, яъне баландӣ, теппа, ҷарӣ.
108 Уш – имрӯза ш. Оши Ҷумҳурии Қирғизистон.

рои потақсии Мирмаҳмудшоҳ – мири Бадахшон одамро фармуда, аз қишлоқи Хуф адади чиҳил мардинабача ва чиҳил духтарина - ҷамъи ҳаштод нафар ҷабран ва зулман гирифта, падарону модарони он асирон рӯйкандаву мӯйканда мотамкунон ҳамроҳи писарону духтарони худ омада, ба Барпанҷақалъа расидаанд. Баъда шаҳ Юсуфалихон ҷамъи ин ҳаштод нафар асиру аҷносҳои ҳархел аз назари Мирмаҳмудшоҳ пора гузаронид. Ва мири Бадахшон тортиқи[109] худро гирифта ва Шуғнонро боз барои шаҳ бахшида рафт. Ва шаҳи Шуғнон Юсуфалихон рафта-рафта монанди аждаҳо гашта, ба тоқа фурӯхтани бачаву духтар дилаш эмин нашуда, кучбунаро[110] кӯчонда, фурӯхтонда ибтидо кард. Ва хоку хонаро ба навкарони худ инъом карда бахшида дод, ё ба раияте, ки шабу рӯз аз ҷангал ҳезум барои пухтани нону шӯрбои ошхонаи шаҳ мекашид, ба ҳамчунин одамон бахшиш мекард. Дар ин хусус мардум аз зиндагонии худ безор шуда, ба ҳузури Сайид Фаррухшоҳ - падари Юсуфалишоҳ ҳама ҷамъ шуда гуфтанд, ки хоҳари шаҳ Юсуфалихон дар никоҳи шумо мебошад, аз ҳама оқсақолону ҳамнишинони шаҳи Шуғнон шумо пешқадамтар мебошед ва ҳам қадру хотири шумо ба ҳузури шаҳ аз ҳама пеш аст. Умед мекунем аз моён нагузаред, рафта ҳамроҳи шаҳи Шуғнон Юсуфалихон ҷанҷоли сулҳомез дар миён андохта бимонед. Бинобар илтимос намудани мардум, Сайид Фаррухшоҳ савор шуда, ба саломи шаҳ рафт.

---

[109] "Тортиқ" – туҳфа, ҳадя, дастовез; калимаи туркӣ аст, ки имрӯзҳо ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил мебошад.

[110]"Кучбуна" аз калимаҳои тоҷикии "кӯч" ва "буна" таркиб ёфтааст, ки дар асар ба маънои аз фурӯхтани мардум ба таври алоҳида ба фурӯхтани бунаҳо гузаштан омадааст, яъне ба таври кӯчондани хоҷагиҳои бутун бо тамоми аҳли оилаашон аз манзили зист барои фурӯхтан.

Тамоми оқсақолҳо ва одамони муътабару баъзе аз навкарон ҳамроҳи шаҳ ихтилот[111] карда, қарор гирифтанд ва Сайиди мазкур ҳам даромада нишастааст, ҳама қарор кардаанд. Шаҳ ва Сайид Фаррухшоҳ бо ҳам аз ҳар хусус нақл мекунанд. Хело ба ҳамин тариқ аз ҳар хел сухан фӣ мобайн кардаанд ва Сайиди мазкур васияти мардумро пеш карда гуфт: хизмати шуморо арз расонидан зарур аст, ки фиғони раият баланд шудааст, аз ҷиҳати ин ки аз фурӯхтани бачаву духтар ва кучбуна. Шуморо лозим аст, ки аз ин баъд аз одам фурӯхтан ва одам куштанро даст боз доред, ки хонаи падарро чулу чаппа накунед, ки ҳама ба шумо бакоранд, ба каси дигар на. Агар мамлакат чулу одам набошад, албатта ба шаҳ зиёну зарар мекунад. Ободии мулк хуб аст ё вайронӣ?

Баъд шаҳ аз ин сухан варам карда[112], қаҳраш чунон ҷӯшидааст, ки аз қаҳр ларза гирифтааст. Аммо ду нафар, ки ҳамроҳи Сайид Фаррухшоҳ, ки аҳд кардаанд, ҳанӯз ба аҳди худ маҳкам - яке Авазбеки сучонӣ ҳамроҳи шаш бародари худ ва яке Авазбеки шидвудӣ. Баъд Сайид аз ҳузури шаҳ Юсуфалихон мураххас шуда, ба пеши мардуми Поршинефу мардуми Сучон ва аз дигар қишлоқҳо раияти бисёр ба маърифати Сайид Фаррухшоҳ дар қишлоқи Тем ҷамъ шуда.

Ва Сайид гуфт: чизе ки мақсади шумоён буд, ҳамроҳи шаҳ гуфтугӯ кардам, ки қаҳр карда чизе нагуфт. Ҳоло шумоён дар ин маслиҳат чи мегӯед? Ҳама ба як овоз гуфтанд, ки мо ҳама баъд аз имрӯз дигар зиндагонӣ наметавонем кардан, зеро ки зиндагонии одам бо аҳлу авлод аст, онҳоро шабу рӯз аз ҷ-

[111] Калимаи “ихтилот” дар луғат ба маънои “омехтан”,”дар ҳам будан”, “бо ҳам омехтан” омадааст ва дар дар асар он бешатари вақт ба маънои “дар суҳбати ҳам будан”, “ҷамъ будан”, “бо ҳам будан” истифода шудааст.

[112] Истифодаи ибораи “варам кардан” дар чунин маврид ҳамчун ибораи рехта, ба мафҳуми “аз қаҳр рангу рӯй кабуд шудан” ва “қовоқ дохтан” истифода мешавад.

игари моён зулман кашида мефурӯшанд. Дигар тоқати зиндагонӣ дар ин мамлакат надорем, ба ҳар мамлакати дигар бошад, гурехта биравем. Ба ҳамин тариқ сухан қатъ карда тамом карданд.

Ба рӯзи дигар оқсақол Муборак ҳамроҳи чанд нафар аз ҳузури шаҳ ба қишлоқи Тем омада, мардуми бисёре ба ҳамроҳи Сайид якҷо ҷамъ шудаанд. Баъд оқсоақол Муборак тарафи мардум гашта гуфт, ки кадомоне, ки тарафи Сайид ҳастанд, ба тарафи ӯ равед ва кадомҳое, ки тарафи шаҳ ҳастанд, яктараф шавед. Ҷамъи мардум аз тарси шаҳ ба тарафи Сайид ҳеҷ кадом нагаштаанд, ба ҷуз Авазбеки сучонӣ ҳамроҳи шаш бародарони худ ва ҳамчунин Авазбеки шидвудӣ - ҷамъ ҳашт нафар ба аҳди худ - ба маслиҳати аввал ҳамроҳи Сайид яқин мондаанд. Баъда Сайид Фаррухшоҳ дид, ки мардум яке ба аҳду сухани худ устувору маҳкам намондаанд, Сайид донист, ки беҳбуд намонда, аз Тем ба Хоруғ рафтааст. Дар Хоруғ ҳам касе аз тарси шаҳ ҷунбидан мумкин набудааст.

Сайиди мазкур шаб дар Хоруғ монда ва рӯзи дигар тарафи Вер гузаштааст, ки мардуми Вер ҳам ҳамчунин, аз тарс аҳде ба ҳузури Сайид наёмаданд. Аз тарсу бими шаҳ Юсуфалихон шаб аз Вирҷунд[113] ба роҳи Шева ҳамроҳи он ҳашт нафар гурехта рафт. Шаҳро аз ин воқеа хабар кардаанд.

Шаҳ оқсақол Муборакро ҳамроҳи сад нафар аз ақиби Сайид фармуда. Ҳукм намуд, ки изтироб кунед, ӯро гирифта ба назди ман бирасонед. Оқсақол Муборак ба маърифати он сад нафар савор шуда, аспҳоро тозонда аз ақиби Сайид Фаррухшоҳ рафтаанд. Сайиди мазкур аз қули[114]Шева ба Курангдашт[115] баромада, дар байни дашт мерасад, ки оқсақоли мазкур ҳам ба гӯшаи он дашт, аз қул боло шуда баромадааст. Ди-

[113] Вирҷунд номи деҳаест дар наздикиҳои кӯли Шева.
[114] “Қӯл” - шакли талафузи шуғнонии “кӯл”
[115] Дашти Куранг дар паси кӯли Шева ҷойгир аст.

дааст, ки Сайид ба мобайни дашт рафта истодааст. Баъд Оқсақол Муборак ҷилавтакя[116] карда, қасд намекунад. Як нафар аз байни нафарони оқсақол ба гирифтани Сайид аспро мондааст ва оқсақоли  мазкур онро дашном мекунад, ки маро барои асп зада шатта мезанӣ? Он одам аз тарси оқсақол ҷилави аспро ақиб гардонда, тамоман он нафарон ӯро дашном доданд, ки оқсақолро барои асп мезанӣ. Чунки оқсақол Муборак муриди Сайид буд ва ҳам одами калон буд, талош ба гирифтани Сайид накард.

Ва Авазбеки Сучон ҳамроҳи шаш бародарони худ ва Авазбеки шидвудӣ камонҳои худҳоро пур карда ва Сайидро пеш андохта ва худҳо аз ақиб гирифта, меравանд ва аз дунболи онҳо бош-бош карда, то Дуоб[117] рафта ва аз он ҷо оқсақол ҳамроҳи он сад нафар одамони худ вопас гаштааст. Ва одамони ҳамроҳбудагиҳоро таҳдид кардааст, ки кадоме аз шумоён ба ҳузури шаҳ сухани беҳуда нагӯед. Агар мешунавам кадоме аз шумо барои шаҳ гуфта бошед, он вақт касе аз ман гилаву озор накунед.

Дар он замон Сайид Фаррухшоҳ ба Зардефи Сарғулом муддати як соли комил ба Зардеф ғариб монда буд. Ва шаҳ ҳамроҳи шоҳи Зебок-шоҳ Абдураҳим қаҳр карда, ба чанд пушаймонӣ одамро фармуд Сайид Фаррухшоҳро ба хушӣ аз Зардеф оварда, ба ҳудуди Шуғнон расида, мардум аз хушӣ рубобу сетор, танбӯру даф ҷур карда, ба маърифати Сайид сурудхонии тантана намоиш дода, ба саломи шаҳ дохил шуданд. Ва шаҳ ҳам бисёр хушҳол шуда, хеле ширингӯиву ширинзабонӣ бо ҳам ихтиллот намуда, рухсат карда.

116 Ҷилавтакя, яъне ҷилави аспро дудаста кашида бо ду оринҷ ба китфони асп такя задан.

117 Номи маконест, аз дар он ҷо ду шохаи об ҳамроҳ ё ҷудо мешаванд. Дар ин ҷо ба макони Дуоби пас аз дашти Куран ишора шудааст.

*Ҳоло боз қисса аз тарафи мири Бадахшон нақл мекунем.*

Вақте ки Мирмаҳмудшоҳ асирони шаҳ додагиро гирифта ба Бадахшон мерасад, муддати се сол гузашта, ки амакбачаи Мирмаҳмудшоҳ – Муҳаммаданбархон омада Бадахшонро тасарруф шуда ва Маҳмудшоҳ фирор шуда гурехт. Шаҳ Акбархон писари Амирхон, бародарзодаи шаҳ Юсуфалихонро Муҳаммаданбархон гирифта лашкар карда, ба ҷанги шаҳ Юсуфалихон омада. Шаҳи Шуғнон аз камҳаракатии худ як рӯз ба Муҳаммаданбархон рӯ ба рӯ шуда, ҷанг бо ҳам намуданд, ки шаҳи Шуғнон тоқат накарда, шикаст хӯрда, ба қалъа даромада, дарвозаҳоро маҳкам карда, тӯпхонаҳоро гирифта қарор намуданд.

Муҳаммаданбархон ва Акбархон ҳамроҳи чанд нафар одамони муътабар тарафи Баҳшор - Ричистак гуфтанӣ баландӣ, ба он ҷо баромада, чодар зада, қарор гирифтанд. Чунки аз Ричистак ба қалъа ҳам ба тамошо кардан ривоҷ буду ҳам ба тир андохтан сарнишеб буд. Ва лашкари Муҳаммаданбар рӯ ба рӯи қалъа ба қарибӣ ҳуҷум шуда, қарор гирифтанд. Дар ин қарор гирифтан чизе манфиат набахшид.

Мир Муҳаммадамбархон ба шаҳ Юсуфалихон маслиҳати сулҳомез давом намуд. Дар муддати шаш рӯз маслиҳат фӣ мобайн давом буд. Ба рӯзи ҳафтум Муҳаммадамбархон Акбархонро ба Шуғнон шаҳ қарор дода ва Юсуфалихонро ба маърифати худ гирифта, тарафи Бадахшон бурда. Шаҳ Акбархон, ки ба шаҳии Шуғнон қарор гирифт, Давлатшаҳ амаки шаҳ Муҳаммадакбархон, тарафи Бухоро ғариб будааст, одамонро тайъин карда, ки рафта амакам Давлатшаҳро шӯрида гирифта биёред. Одамон рафта Давлатшаҳро ёфта ба ҳузури шаҳ оварда расониданд. Чанд рӯз бо ҳам зиндагонии хуб кардаанд. Магар хаёли Давлатшаҳ чунон будааст, ки ман дар Шуғнон шаҳӣ карда ҳукмдор бошам ва бародарзодаам Муҳаммадакбархон шамшергузори ман бошад. Дар ин хаёли амаки худ Муҳаммадакбархон розӣ нашуда.

Дар айни лойу гандагии баҳор Давлатшаҳ қаҳр карда, ба роҳи Зебок баромада тарафи Бадахшон мурочиат карда рафт. Аммо Акбархонро, ки Муҳаммаданбархон ба шаҳии Шуғнон қарор намуда буд, мавсими тобистон будааст. Ва тобистони оянда Юсуфалихон аз Бадахшон лашкар гирифта омада ва Муҳаммадакбархон аз тарси амаки худ ҳамроҳи чанд нафар гурехта, тарафи Дарвоз рафт. Ва шаҳи Шуғнон омада дар қалъаи Барпанҷа бе ҷанҷол даромада, қарор гирифт. Ва лашкари Бадахшонро рухсат намуд. Ва писари калони худ Қубодхонро шаҳ карда, ба қалъаи Вомар фиристонид ва худ дар Барпанҷа қарор ёфт. Боз ҳамон одати пешинаро давом карда, аз тоқа фурӯхтани бачаву духтар то кучбуна ҳеҷ дастбардор нашуда, бал кам бештар ба фурӯхтани раият роғиб шудааст. Агар дар хона се бача буданд, аз он яке монда ва ду нафар аз онҳоро фурӯхт, ҳамчун ки навбати борро бузу гӯсфанд аз раиятшиканӣ мегирифтанд. Бачаву духтар ҳам ҳамчунин зулман гирифту фурӯхт. Шабу рӯз аз байни раият мотаму фиғон ҳеҷ қатъ намебуд, мудом давом буд. Ва кучбунаро бад-ин восита фурӯхтааст, ки Абӯзар ном баҳшорӣ пеши шаҳ Муҳаббатхон дамдор ва пешқадам будааст. Он сӣ нафарро, ки шаҳ Муҳаббатхон монанди нишона ҳамаро ба тири сӯзон зада ҳалок карда буд, аз нишондодагии Абӯзар, ки ба ҳузури шаҳ Муҳаббатхон он нафаронро ном ба ном ҳисоб дода ба қатл расонид. Шаҳ Юсуфалихон аз ҳамчунин одамони бадахлоқро ба кӯч фурӯхтаст. Ва Абӯзари баҳшориро бад-ин восита кӯчонда, тарафи Ёрканд фурӯхтааст. Шаҳ Юсуфалихон кӯчбунаро бад-ин сабаби бадкориву бадроҳӣ фурӯхта, ки ҳамчунин одамон дар мамлакат набошанд. Ва боло аз ин, шаҳи мазкур духтари худро ба мири Қундуз Султонмуродхон дод. Адади бист нафар духтарони шавҳардор то духтари хона зулман аз раият гирифта, ба духтари худ каниз дода, ба Қундуз фиристонда. Ва дигар духтари худро ба писари Амонмалики меҳтари Чатрор дода буд. Ва писари Амонмалик ҳамроҳи

шаст нафар аз бозингар то одамони калону муътабар ба маърифати шоҳмард ба ҳазор дабдаба бозикунон, ҳар хел сурнайҳо, ҳар кадом ба ҳар садову овоз ва ду нафар раққоси кордбоз омада, фаромаданд. Ва шаҳ Юсуфалихон чизе, ки байтхонҳо дар қишлоқҳои Шуғнон то Рӯшон буд, ҳамаро талабидааст. Муддати дувоздаҳ шабонарӯз тӯй будааст. Аммо гӯштворӣ то нону равған то ҳезуму ғайра, он чи будааст, тамоман зулман аз раият гирифта, ба мардуми Шуғнон то Рӯшон тӯёна додаст ва аз худ чизе харҷ накардааст. Адади даҳ нафар духтар аз духтарони деҳқонон ҳамроҳи дояҳо зулман гирифта, ҳамроҳи духтари худ ба Чатрор дода. Ва Миролим, хоҳарзодаи шаҳ Юсуфалихон омада, Муҳаммаданбархон фирор шуда гурехт. Ва Миролим ба ҳокимии Бадахшон қарор гирифт. Ва Юсуфалихон барои Миролим хат кардааст, ки бародарам Давлатшаҳро гирифта, барои ман бифиристонед. Аммо Давлатшаҳ ба қалъаи Растоқ будааст ва Миролим одамонро фиристондааст, ки тағоиям Давлатшаҳ ба ҳузури ман биёед.

Баъда Давлатшаҳ ба ҳазор шодӣ аз қалъа баромада, ки одамони ба дари қалъа истода ӯро гирифтанд ва хизматгорон ӯро баста банд карда, тарафи Хонобод равон кардаанд. Ва Давлатшаҳро ба ҳузури хоҳарзодааш Миролим ба Файзобод овардаанд. Дар ин воқеа хизматгорон то чошти рӯз роҳ мераванд, ки афғон аз пеш омада дучор мешавад, он ҳолатро дида, аз аҳволи онҳо хабар ёфта, халос карда, озод намуд. Агар Давлатшаҳро ҳам то ба чошти рӯз намебурданд, афғон мерасид онро ҳам халос мекарданд. Чунки дар Бухоро барои амири Кобул Абдураҳмонхон бисёр хизмат карда будааст. Амири мазкур як ғӯлак барои ӯ дода, ваъда додаст, агар Худованд тахти Кобулро ба ман медиҳад, Шуғнонро барои шумо медиҳам, то он ки зиндагии мову шумо бошад, магар қисмати Давлатшаҳ набуд. Миролим онро дар байтал савор карда, барои шаҳ Юсуфалихон ба Шуғнон фиристонидааст. Ва шаҳи Шуғнон бародари худ Давлатшаҳро нодида, ба Рӯшон

фиристонда, Бахтибек ва Хӯша номон аз фармоиши Юсуфалихон ӯро кушта ҳалок кардаанд.

Муҳаммадакбархон ин аҳволи куштани амаки худро шунидааст. Зеро, ки Акбархон дар Язгуломи Дарвоз ғариб будааст, зуд ин аҳволро шунида, ба роҳи кутали Бартанг аз Язгулом ба Бартанг дохил шуда, туғрӣ ба Рӯшон омада, Бахтибеку Хӯшаро кушта вопас боз ба роҳи Бартанг рафт.

*Ва қиссаи Миролим гуфта шавад.*

Фавҷи афғон омада ва Миролим гурехта, ажғолро пеш андохта ва худ аз ақиб ҷангкунон то ба манзили Тангрубот, боло аз Зебок мерасад, ки ба кумаки мири мазкур лашкари Шуғнон мерасад. Як рӯз байни афғону Миролим чунон ҷанги мағлуба шудааст, ки хеле нафарон кушта шудаанд. Он рӯзро шаб карда, гурехтаанд. Миролим ба ҳамон гурехтан дар Шуғнон омада, шаб монда ба рӯзи дигар таваққуф нокарда, тарафи Дарвоз гурехта рафт. Ва шаҳи Шуғнон дид, ки кор аз даст рафта, ҳамроҳи оқсақолони худ маслиҳат монда, ки вақт гузашта, лозим чунон аст, ки кӯчро пеш аз воқеа ба роҳи Бартанг ба роҳ андохта, равон кунем. Ҳар вақт, ки кӯч ба Рошорф[118] расид, моён ҳам ба роҳи Ғунд баромада тарафи Помир, ки расидем, аз хавфу хатар фориғбол шуда, ягон одамро бифармоем кӯчро аз Рошорф кӯчонда дар манзили Қаракул бо ҳампайваст шуда, ба Уш мебароем. Чанд вақт дар он ҷо дам гирифта, баъд ба давлатхонаи рус рафта, илтимос мекунем, ба кумаки давлати кабири рус боз хонаи падарро гирифта тасарруф шавем.

Ва ажғолро ҳамроҳи Қубодхон ва Асламхон - писарони худ аз қалъа кӯчонда ба роҳи Бартанг равон карда, ба роҳ андохта гуфт, ки ба Рошорф, ки расидед, то омадани ман дар он ҷо истироҳат кунед. Ҳар вақте, ки ба роҳи Ғунд баромадам,

---

[118] Деҳаи Рошорви водии Бартанг дар назар аст.

одамро пеши шумоён фиристонда, дар Қаракул бо ҳамдигар бирасем.

Ва дар он замон мардуми ҷабрдидаи Шуғнон тамоман ёғӣ шуда. Доробшоҳ писари Нуруллоҳбек аз гурӯҳи мирҳои Рӯшон адади сад нафар ташкил карда, ба худ лашкар тайёр намуда, аз Поршинеф то Тему Хоруғ то Сучон, шаб то рӯз Доробшоҳ дар ҳамин қишлоқҳо гашта, ҳамроҳи лашкари худ посбонӣ мекунад. Касе аз навкарони шаҳ, ё ки худ шаҳ ҳаракату заҳра надоранд, ки пеши Доробшоҳ биёянд.

Дар ҳамин кашокаш буданд, ки аз тарафи сардор Абдуллоҷон аз Бадахшон ба роҳи Шева биркат[119] омада, берун аз қалъа фаромада, ба меҳмонхонаи шаҳ омада, бо ҳам мулоқот шуданд. Ва хатро барои шаҳ пеш карда ва забонӣҳ - ам барои шаҳ гуфт, ки сардор Абдуллоҳҷон то Файзободи Бадахшон омада ва шуморо ба саломи худ металабад, ки омада якдигарро дида, боз вопас мураххас шуда, ба ҳукмронии худ муқаррар шавад. Ва барои биркит дар Сабдеҷ[120] ҷову макон дода таъйин намуд ва он чи харҷу хироҷ лозим буд, муқаррар карда фармуд. Ва биркит дар рӯз як бор ба саломи шаҳ омада меравад. Ва шаҳ ба маслиҳати пеш, ки ба роҳи Ғунд тарафи Қӯқан баромада меравем гуфта буданд, муяссар мумкин нашуд, чунки роҳро Доробшоҳ гирифта буд. Боз шаб шаҳ ҳамроҳи оқсақолон ба маслиҳат даромада, ки ба роҳи Бартанг баромада биравем. Дар ин сухан Сурхалишоҳи пидрудӣ розӣ нашудааст, ки кадоме аз зери девор, ё ки аз даруни кишти лашаки боқило шуморо ба тир мезанад, барои ҳамаи моён хеле шармандагӣ мешавад. Чунки фасли тобистон аст, камингарон

---

[119] "Биркит" ё "биргит" аз калимаи англисии "brigade" пайдо шуда, яке аз унвонҳои ҳарбии он давра дар артиши Афғонистон будааст. Унвони мазкур баробар ба генерали бригада ё генерал-майор будааст.

[120] Сабдеҷ, эҳтимол номи мавзеъе бошад, дар наздикиҳои Саройи Санг ё Барпанҷа.

дар ин фасл ҳамеша дар зери девору бехи киштҳо камин карда, қарор гирифтанд. Бояд ба рӯзи равшан шуморо мобайни худ андохта ва моён ҳама гирдогирди шумо бе тарсу бим, бебокона баромада рафтем.

Касе аз ин воқеа шабошаб бирқитро хабар карда, ки шаҳи Шуғнон аз фардо аз қалъа ҳамроҳи навкарону оқсақолони худ баромада ба роҳи Бартанг гурехта меравад. Ҳангоми субҳи рӯз биркит Каломуллоҳро бар сар гирифта, ба ҳузури шаҳ ҳозир мешавад. Ва мегӯяд, ки дар байни мову шумо ин Каломи Шариф шоҳид аст, ки шуморо ҳеч зиёну зарар нест, якбор ба саломи сардор рафта, онро дида, вопас омада хотирҷамъу беғам боз ба ҳокимии худ машғул шавед. Сардор ба шумо ҳеҷ ғараз надорад.

Боз шаҳ аз оқсақолон пурсид, ки дар ин сухан кадом маслиҳат медиҳед? Шодмонбеки шидхудӣ розӣ ба рафтани шаҳ нашуда ва гуфт, ки ман онро дидаам ҳамроҳи шаҳ, чашми онро бад дидааму на нек. Ва дигарон ҳама розӣ буданд ба салом рафтани сардор. Баъд шаҳ Юсуфалихон ҳамроҳи оқсақолону навкарони худ ба рӯзи дигар аз қалъа баромада ба саломи сардор тарафи Бадахшон мурочиъат карданд. Дар манзили Зағирчии Файзобод расиданд, ки харҷу хуроҷи шаҳ, он чи лозим аст, аз биринҷ то равғану гӯсфанд, то коҳу ҷаву ҳезум ва ғайра он қадар ҷамъ кардаанд, ки яксола харҷро нишон медиҳад.

Шаҳи Шуғнон ба рӯзи дигар ҳамроҳи оқсақолону навкарони худ ба саломи сардор Абдуллоҳҷон рафта, сардорро ба маърифати шаҳ дида, салом кардаанд. Ҳамаро ҷурпурсӣ[121] карда ва шаҳро ба болохона талабида. Сардор ҳамроҳи шаҳ ихтилоти ширингӯӣ ва нармзабониву меҳрубонӣ чунон ҷорӣ намуд, ки ба дили шаҳ ҳеч биму тарс намондааст. Аз ин суханҳои шакаромези сардор, ки ҳамроҳи шаҳ ба зуҳур омада

[121] "Ҷурпурсӣ", яъне аҳволпурсӣ.

буд, ҳама оқсақолону навкарон шунидаанд. Ҳама бисёр хушу хуррам шудаанд, ки сардор хеле шакаррезӣ ҳамроҳи шаҳ карда, ҳоло ҳеҷ ғам надорем. Ва аз ҳузури сардор шаҳ ҳамроҳи оқсақолону навкарон мураххас шуда, ба қӯши худ ба Зағирчӣ баромаданд ва харҷу хӯрданиро диданд, ки аз ҳар гуна таом тайёр аст, ҳозир карданд. Агар дар рӯз се маротиб хӯрданӣ хоҳиш мекунанд, аз ҳеҷ кадом хӯрданӣ камӣ несту надорад. Баъд оқсақолон тарафи Шодмонбеки шидхудӣ гашта гуфтанд, ки ин зиндагонии хуб аст, ё ки ба маслиҳати шумо хуб буд? Шодмонбек ҷавоб мекунад, ки оқибат ба хайр бошад. Муддати чаҳор рӯз, ё ки панҷ рӯзи явмия ба саломи сардор меравандӯ меоянд. Сардор тарафи шаҳ гашта гуфтааст, ки барои ажғоли худ як хати саломатӣ навишта фиристонед, ки онҳо дар ташвиш набошанд. Баъда шаҳ хат мекунад, ки ман багир афтодам, шумоёнро бояд, ки ба расидани хат дигар таваққуф нокарда, кӯчро кӯчонда тарафи Уш муроҷиат намоед. Навкар хатро гирифта ба Дуоби Шева мерасад, ки одами сардор ба Дуоб шистаст.

Одами шаҳро гирифта, туғрӣ ба ҳузури сардор оварда, сардор хатро аз дасти навкари шаҳ гирифта ва онро дар бандихона фармуда бурданд. Ва муҳри шаҳро дар хати шаҳ дида, ба монанди он сардор фармуд муҳри шаҳро кандидаанд.[122] Сардор хати шаҳро монда ва аз худ навиштан фармуд, бад-ин мазмун, ки ба хайру хубӣ дар маҳали Файзобод ба ҳузури сардор расидем, бисёр баиззат мебошем ва Шуғнонро барои ман бахшиш карда, меҳрубонӣ намуд. Бинобар он шумоёнро хат навишта фиристода шуд, ки ба расидани хат ба хубии тамом вопас гашта, боз ба ҷову макони худ омада қарор намоед. Ва ман ҳам, мошоаллоҳ, ду рӯз пеш ё пас мураххас шуда, ба дидори ҳамдигар мушарраф хоҳем шуд. Зеро ки ҳозирин

[122] Калимаи “кандиданд” дар асар ба маънои “канда партофтан” омадааст.

вақт ҳеҷ хавфу бим нест, бисёр ба иззату ҳурмат ба ҳузури сардор мебошем.

Ҳамчунин, шаш маротиб шаҳ барои ажғоли худ хат навишта, кӯчонда бираванд. Аз манзили Дуоб одами сардор хатро ҳамроҳи одами шаҳ гирифта ба ҳузур ҳозир намуда, сардор одами шаҳро банд карда, аз тарафи шаҳ ба дигар мазмун навишта мефиристонад, ки ба зудии зуд кӯч карда биёед.

Алқисса, ба хати шашум аз Рошорфи Бартанг ажғоли шаҳ пас гашта, ба Шуғнон дар Барпанҷа расиданд. Ва писари шаҳ Исломхон кӯчро монда, савор шуда тарафи Бадахшон муроҷиат карда рафт. Шаҳ дид, ки писараш Исломхон даромада салом кард. Шаҳ писари худро дида, зиндагониро ба якбора аз даст дод. Чашмаш торик шуда, як соат аз сухан боз мондааст ва сарро дар пеш афканда забон аз сухан мондааст. Баъд аз соат сар боло карда, аз писари худ Исломхон пурсид, ки шумо аз чи сабаб омадед, тоқа ҳастед, ё ки ҳамроҳи ажғол? Исломхон ҷавоб додаст, ки ба ихтиёри худ омадан ба хаёл надоштем, магар хатҳои шумо пай дар пай фиристонда будаед, аз қарори хати шумо кӯчида омадем. Агар бовар надоред, он шаш хатро бароварда, ба ҳузури падари худ - шаҳ Юсуфалихон монд. Шаҳ онхатҳоро мутолиа намудаст, ки сухани Исломхон ҳама рост будаст, ки хатҳои шаҳро табдил додаанд. Ва сардор Абдуллоҳҷон чанд нафар рисоларо[123] барои ажғоли шаҳи Шуғнон таъйин намуда фиристонид. Ва устоҳои оҳангарро ба занҷиру завлона сохтан ҳукм дода, ки шабу рӯз саъй карда, ба зудии зуд тайёр кунед. Дар муддати ҳафт рӯз ажғоли шаҳро ба Файзободи Бадахшон расонида, пайра[124] дар болои онҳо муқаррар кардаанд. Масалан, аз шаҳ то оқсақолону навкария, ҳама дар зери назорати қаровул банд шуданд.

---

[123] Рисола ба маънои "савор"
[124] Пайра, яъне посбон, қаровул.

Рӯзи дигар сардор ба болохона баромада, болои курсӣ қарор гирифт. Фармуд шаҳро ҳам ҳамроҳи оқсақолон ва навкарон ҳам фарёд кунед. Баъд шаҳ омада, ба болохона онро талаб карда, Додхудои Сучонӣ ва Марсеи ясовулбошии шаҳро ҳам ба болохона талабида, мазкурон баромада, аз ақиби чапу рости сардор истодаанд. Ва шаҳ аз як гӯшаи болохона ба замин нишаста ва сар дар пеш афканда қарор гирифтааст. Ва оқсақолону навкаронро ба ҳузури сардор ҳозир карданд ва як-як оварда, аз назари мазкур гузаронда мепурсанд, ки ин кист ва чи амал дошт?

Додхудову Марсаъ ҷавоб мекунад, ки ин фалонӣ оқсақол аст. Ҳамчунин, ҳар кадоми оқсақолон то навкарон як-якӣ аз назари сардор гузаронда, мазкур ҳукм мекунад, бибаред. Аз назар гузаронда, дар устохона бурда, адади шаш нафарӣ ба як занҷир завлона мекунанд. Ва ҳамчунин, аз бародарони шаҳ ном ба ном нишон дода, ҳамаро завлона карда, тамом карданд. Алқисса, аз бурдани шаҳи Шуғнон Юсуфалихонро аз Шуғнон то ба Кобул аз Бадахшон равон кардан, ба адади сиву ду рӯз рисола пешопеш андохта, ҳамроҳ равон карданд.

Абдураҳимхон муддати бист сол шаҳӣ кард. Муҳаббатхон ҳафт сол шаҳӣ карда ва Юсуфалихонро баъзеҳо ҳафдаҳ сол мегӯянду баъзеҳо понздаҳ сол мегӯянд. Ва Амирбек чаҳор сол дар Рӯшон ҳоким буд ва шаш сол ба Шохдара - ҷамъ даҳ сол.

# ДАФТАРИ III

## Т А Ъ Р И Х И  А Ф Ғ О Н И С Т О Н

аз навиштаҷоти
Қурбонмуҳаммадзода Охон  Салмон
ва
Муҳаббатшоҳзода Сайид Шоҳфутур

Давраи Афғонистон.

*Омадем ба қиссаи Афғонистон.*

Вақтеки шаҳ Юсуфалихонро, ки сардор Абдуллоҳҷон тарафи Кобул фиристонид, адади сад нафар хосадор[125] ҳамроҳи дафтардор[126], ҳамчун садбошии калон, он сад нафар ба қалъаи Барпанҷа муқаррар намуда, фиристонид. Ҳиҷрӣ-набавӣ санаи 1301 буд, фасли баҳор, хосадор омада, дар қалъаи Барпанҷа дохил шуда, қарор гирифт. Муддати як сол мондаанду ба соли дуюм фасли баҳор санаи 1302 Мирманзаршоҳ аз мирҳои Рӯшон лашкар карда, ба Шуғнон омада, ҳамроҳи одамони беҳтарини Шуғнон ва Сайид Фаррухшоҳ маслиҳату машварат дар байн монда, бад-ин тариқ, ки барои ман кумаке карда, ин хосадоронро ҳуҷум карда, бартараф кунем ва қалъаи Барпанҷаро, ки тасарруф шудем, ягон сад нафар камондори тирандоз дар Сӯрохпарини Дарморахт ба роҳи афғон муқаррар кунем. Ва ҳамчунин, то вақти боридани барф ва банд шудани роҳи Шева, ба роҳи Шева таъйин кунем. Вақте ки роҳи Шева банд шуд, он вақт ба ҷуз аз роҳи Дарморахт роҳи дигар нест, дар ҳар моҳ навбат ба навбат якмоҳа сад нафарӣ одам ба роҳи Дарморахт муқаррар карда, таъйин мекунем. Боло аз ин, ҳамаи моён аз Шуғнон то Рӯшон даст ба даст гирифта, яқину иттифоқ, ки бо ҳам шудем, касеро мумкин нест, ки ба хоки Шуғнон заҳра кунаду нигоҳ тавонад кард.

Ба ҳамин маслиҳат Мирманзаршоҳ ҳамроҳи одамони беҳтарин ва умуми мардуми Шуғнон, ҳама боҳам муттаҳиду

---

[125] “Хосадор” ё “хоссадор” – сарбозон аз қабилаҳои афғон, ки хизмати худро ба ивази маоши муайян анҷом медоданд ва аксаран онҳоро барои таъмини бехатарии роҳҳо ва гузаргоҳҳои кӯҳӣ ҷалб менамуданд.

[126] “Дафтарбор” аз вазифаҳои ҳарбӣ буда, масъулияти иҷрои қайди воҳӯриҳо, ҷаласаҳо ва дигар чорабиниҳои ҳудуди хизматро ба уҳда доштааст. Дар ин ҷо ба маънои сардори гурӯҳи муайяни ҳарбӣ омадааст.

иттифоқ шуда. Хосадорон аз воқеа хабар шуда, дарвозаҳоро - маҳкам карда, қалъабандон шуданду тӯпхонаро гирифта, қарор карданд.

Мирманзаршоҳ – сипаҳсолори лашкари Рӯшону Шуғнон, ҳарчанд ба тасарруф шудани қалъаи Барпанҷа кӯшиш мекунад, ки муяссар нашуд. Баъда қарор дод, ки чанд нафар рафта, аз ҷангал хорро бурида бикашанд, якҷо тамом кунанд. Вақти хуфтан шаб онро ба қади дарвоза тал зада, оташ монда, дарвозаро сӯзонда, шабошаб дохил шуда, аз хосадорон як тан зинда намонда, ҳамаро ҳалок мекунем. Баъда он рӯз хорро аз ҷангал кашида тамом карданд. Ва рӯз ба шаб мубаддал шуда, вақти хуфтан шуд. Он хорро ба дарвоза кашида, сарришта карда, оташро монда, ба ним соат оташ чунон дар гирифтааст, ки монанди рӯз, бал кам аз рӯз зиёдтар равшанӣ медиҳад.

Болои дарвоза тӯпхона буд, хосадорон аз он тӯпхона ба равшании оташ тирборон карда, ба ду нафар тир расида, кушташуданду яке захмдор шуда ва боқӣ гурехта, ба ҳар тараф худҳоро паноҳ кардаанд. Он кушташудагиҳо - яке аз Поршинеф Муҳаммадкарим ном ва яке аз Баҳшор Додихудо ном ва захмшудагӣ аз Демурғон Қадамшоҳ ном. Ва дарвоза ҳама сӯхта шуда, андак тахтапора мондааст.

Алқисса, он шаб рӯз шуда, Мирманзаршоҳ - сипаҳсолори лашкар ба маърифати Сайид Фаррухшоҳ ва одамони беҳтару муътабар якҷо шуда, боз ба маслиҳату машварат даромаданд. Дар охири сухан қарор додаанд, ки Сайид ба ҳузури дафадору фавҷи қалъа даромада, машварат карда, бе ҷанҷол аз қалъа баромада, ба хубӣ улав[127] ба онҳо дода, бирванд. Инҳо ҳанӯз дар ҳамин маслиҳату машварат буданд, ки яке аз хосадорон аз болои тӯпхона фарёд кард, ки роҳи моёнро мон-

[127] “Улав” дар луғат ба манои ҳайвоноти баста ва маҳоршуда аст. Дар ин ҷо ба маънои асбобу анҷом ва ҳайвонот барои сафар истифода шудааст.

да, ба хубӣ аз қалъа баромада меравем. Аз шунидани ин овоз Сайидро ба ҳузури дафадору фавҷ ба қалъа фиристондаанд. Сайид дар байни фавҷ даромада, сардори фавҷ-дафадор сипоҳи худро талаб карда, ҳама ҷамъ шуда гуфтанд, ки моён лоиқи ҷангу душманӣ нестем, чунки ҷову макон ва мамлакат аз шумоён аст, аммо моён ҳам калон ба сари худ дорем. Сардор Абдуллоҳҷон ҳукм дода, ки рафта, Шуғнонро посбонӣ карда, ба сарпарастии раият тайёру ҳозир бошед. Моён хизматгору фармонбардори калони худ ҳастем, омадем. Ҳоло умед мекунем, ки барои моён ҳеҷ ғараз нокарда, роҳро монда меравем.

Сайид Фаррухшоҳ зиммабардор[128] шуда гуфт, ки аҳдеро мумкин нест, ки барои шумоён дахлу ғараз шавад. Дафадор аз ҷиҳати якрангиву эътиборӣ аз ҷо хеста, барои Сайид қуллуғи хурсандӣ карда. Баъда Сайид аз қалъа баромада, Мирманзаршоҳ ҳамроҳи одамони муътабару беҳтари Шуғнону Рӯшон ба маърифати лашкари худ, ҳама берун аз қалъа як ҷо ҷамъ шуда, назорати Сайид доранд, ки мазкур баромада, ба ҳузури он иҷмоъ расида гуфт:

«Фаразандони ҷамъи хурду бузург, агар ҳарчанд нолоиқу ҳақир мебошем, ки якум, Мукии шумоён ҳастем, дуюм маро имрӯз барои худ мӯйсафед гирифтаед. Ман аз рӯю хотири шумоён набаромадам, сари худро барои шумоён бахшида додаям. Имрӯз аз тамоми шумоён умед мекунам, ки барои ин хосадорон дахлу ғараз нашавед. Ба ҳар хубӣ улав дода рухсат кунед. Чунки ман ҳамроҳи дафадору фавҷ аҳд кардаам, ноэътибориву бадномӣ ба сарам нисор накунед”. Ҳама гуфтанд, ки аз тариқи кори бетартибию бемаззагӣ хотири худро ҷамъ доред. Сайид аз шунидани ин сухан хурсанд шуда, қуллуғбоди

[128] Зиммабардор, яъне шахсе, ки масъулиятеро ба зимма, ба уҳда мегирад.

бисёр ба онҳо карда ва гуфтаст, ки ҳоло сарриштаи улав карда, аз фардо онҳоро рухсат дода, ба роҳ андозем.

Алқисса, рӯзи дигар Сайид дар қалъа даромада, дафадорро гуфт, ки улав тайёр аст, ҳоло бетарсу бим баромада, мураххас шавед. Баъда дафадор ба маърифати фавҷи худ аз қалъа баромаданд. Он чи аҷнос дошта буданд, бор карда, аз Шуғнон алвидоъ карда рафтаанд. Ба қишлоқи Демурғон нишеб шуда, ки лашкари Рӯшон ба ишораи Мирманзаршоҳ мутааққиб карда, ба фавҷ худҳоро расонида, ҳамаро тору мор кардаанд. Баъзеҳоро курта, эзор дар бадан мондаанду баъзеҳоро ба ҷуз эзор куртаро ҳам аз тана кашида гирифтаанд. Ва он чи аҷносҳои дигар, ки бор карда будаанд, ҳамаро улҷа[129] кардаанд. На камон ба дасти онҳо монда ва на чизи дигар, ҳама ба ғорат рафт.

Сайид Фаррухшоҳ аз ҷиҳати ноэътибории Мирманзаршоҳ ва бадномии тамоми Шуғнону беқадри шудани худ, оби дидааш равон шуда мерафт. Ва мазоре, ки ба Демурғон Панҷашоҳ ном дошт, Сайид ба даруни он мазор даромада, бо овози баланд гиряро аз дидаҳо сард дод. Бисёр аз бисёр хафа ба Мирманзаршоҳ шуда, гуфтааст: «Офарин ба эътибориву диёнати шумо. Ҳоло маълум шуд, ки мири асл будаед, ки ман ҳам ба воситаи шумо сарафрозу некном баромадам». Мирманзаршоҳ ҷавоб дода, ки кори сипоигарист,[130] дар ин озору малолият нест ва нахоҳад буд.

---

[129] Дар дастхат ин калима ба шакли «улча” омадааст ва маънояш шояд “кашида гирифтан” бошад.

[130] “Сипоигарӣ” аз калимаи “сипоҳӣ” таркиб ёфтааст ва ба мазмуни “яке аз амалҳо ва ҳиллаҳои ҳарбӣ” истифода шудааст. Дар гурӯҳи забонҳои шарқи эронӣ, хосса забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ, то ба ҳол калимаи “сипойэ” нисбат ба одамоне, ки ғолибан худро аз ҳар кор бо баҳонае ё ҳиллае берун мекашанд ва ё ҳиллагариро ба кор мебаранд, мустафод мегардад.

Баъд Ҳоҷихон писари Абдулазизхон аз наслу насаби Қубодхон буд, дар қалъаи Барпанҷа ҳоким қарор додаанд. Мазкур Ҳоҷихон ба сарпарастии раияти Шуғнон муқаррар шуда, қарор гирифт. Ва Мирманзаршоҳ ба маърифати лашкари худ, ҳамроҳи асирони хосадорон кӯч карда, тарафи Рӯшон муроҷиат кардаанд. Ва асирони афғонро аз Рӯшон то Бартанг ба қишлоқҳо тақсим карда, кӯҳнапӯстину чакман ва кӯҳначамус[131] барои баъзеи онҳо дода, пӯшондаанд. Ва барои баъзеи онҳо соҳибхона пӯшоки тозатару навтар аз рӯи инсофи худ пӯшонда, кор ба сари онҳо мекарданд. Бекора як дам онҳоро намонда, мудом зери кор буданд. Ва Мирманзаршоҳ ба Рӯшон ҳоким шуда қарор гирифт. Муддати ҳашт моҳ Ҳоҷихон ба Шуғнону Мирманзаршоҳ ба Рӯшон ҳокимӣ кардаанд, ки охирон моҳи тирамоҳ, қарибі зимистон аҳвол омад, ки ҷарнайл[132] ба маърифати карнайл[133] ва каминдон[134] ҳамроҳи шашҳазор нафар фавҷ ба ҷанги Шуғнон дар Зебок расиданд.

Ҳокими Шуғнон Ҳоҷихон ба тариқи ҷосус як нафар ба Зебок фиристондаанд, ки ба зудӣ рафта, ин аҳволро таъйин карда, ки рост аст, ё дурӯғ. Алқисса, он нафар рафта омаду гуфт, ки ин хабар рост будаст, лашкари азим омадааст. Ва мукии Зебок Шоҳабдураҳим ба маърифати бародараш Саидсодиқшоҳ, ҷарнайл Саидолхон ҳамроҳи худ гирифта, ки ба Шуғнон ҳам муриди бисёр аз шумо будааст, ҳукман ҳамроҳи ман ба Шуғнон меравед.

Мукӣ Шоҳабдураҳим маъа бародараш лоилоҷ шуда, ба маърифати ҷарнайл ҳамроҳи лашкар муроҷиат карда, ба Шуғнон омадаанд. Аз шунидани омадани лашкари афғон ҳокими шуғнон Ҳоҷихон ададі сад нафар тирандоз ба Сӯрох-

---

131 "Чамус" навъи пойафзор, ки ба тариқи дастӣ аз пӯсти ҳайвонот дӯхта мешуд ва дар забонҳои помирӣ онро "пэх" мегӯянд.
132 Генерал.
133 Полковник.
134 Комендант.

парини Бознав[135] муқаррар карда фиристониду гуфт: «Ҳушёр бошед роҳи худро маҳкам гирифта намонед, ки ин тараф гузар кунанд». Ва навкарони худро ба қишлоқҳо фиристонда, ки раиятро яке дар қишлоқ намонда, кӯчонида ба Рӯшон фирор кунед. Агар иқболи моён баланд бошад, афғонҳоро шикаст дода, боз раияти худро ҳама аз Рӯшон пас гашта, ҳар кадом ба ҷои худ омада, зиндагонӣ намоянд. Ва ҳар гоҳ афғон ҳаракат карда, моён шикаст хӯрдем, дар қишлоқ мурғ набошад, на ин ки раият ҳамроҳи ажғоли худ. Бояд, ки қишлоқ чул бошад.

Баъд маҷбуран раиятро аз хонаҳояшон кӯчонда, он чи орду анбор буд, ҷо ба ҷо дар ганҷурҳо ҳамроҳи боқӣ анҷоми хона монда ва мамлакат чул шуда, аммо барф зада буд. Муддати рӯз гузашта, дар байни як рӯз лашкари Шуғнон тоқат ба ҷанги афғон накарда, гурехтаанд. Афғон омада, Шуғнонро тасарруф шуда гирифт ва роҳи Рӯшонро аз ин тарафи дарбанд гирифтанд. Ҳамчунин, аз он тарафи оби Панҷ ҳам гирифтаанд.

Муддати вақт ба ҳамин тариқ гузашта, ҷарнайл ҳамроҳи Шоҳабдураҳим маслиҳат пеш карда, гуфт: «Шумо ба маърифати бародари худ Саидсодиқшоҳ ба Рӯшон рафта, аз барои қарор додани мамлакати Шуғнону Рӯшон. Чунки Шуғнон тамоман чул шуда, ҳамаи одамони беҳтару хубтар ба Рӯшон якҷо мебошанд. Ҳамроҳи мукиҳо ва одамони беҳтару хубтар ва ҳам муридҳои шумо ҳам ҳама дар он ҷо ҳозиранд,ҳамроҳи онҳо маслиҳату машварат карда, дар байн дӯстию якрангӣ қарор дода, ҳар кадом раияти Шуғнон бе тарсу бим омада ба хонаҳои худ қарор намоянд.

Алқисса, Шоҳабдураҳим ба маърифати бародари худ Саидсодиқшоҳ тарафи Рӯшон мурочиат карда рафтаанд. Дар манзили Пастхуф расиданд, ки роҳи дарбандро лашкар ги-

---

[135] Шояд “Вазнаwд” бошад, ки деҳае дар поёнии водии Рӯшон аст.

рифта, роҳ намедиҳанд. Шоҳабдураҳим дар Пастхуф қарор гирифту Саидсодиқшоҳ ҳамроҳи шаш нафар савор шуда, тарафи дарбанд муроҷиат карда, ба наздикии дарбанд омада, ки аз байни лашкар фарёд карданд, ки наёед, наёед, ки Саидсодиқшоҳ қабул накарда, шамшерҳо ҳар шаш нафар кашида, рост дар қалби лашкар дохил шуданд. Ва Шоҳабдураҳим ҳам савор шуда, ба ҳузури лашкар расида, баъзе аз муридҳо дар он лашкар ҳозир буданд, мукии худро дида, шинохтанд. Ҳама зиёрати мукии мазкур карданд. Хеле насиҳат онҳоро карда, туғрӣ ба қалъаи Вомар гузашта. Зеро ки мукӣ Мирзоашраф аз Сучон ва Сайид Фаррухшоҳ аз Поршинефу Шоҳзодаҳасан мукии Рӯшон ва Манзаршоҳ то Ҳоҷихону одамони беҳтарин ҳама якҷо даруни қалъаи Вомар ҷамъанд. Ва Шоҳабдураҳим ҳамроҳи бародари худ даромада, қарор гирифт. Баъд шоҳи мазкур сухани маслиҳатомез дар байни маҷлис монда, ки Шоҳзодаҳасан ҷавоб дод, ки аз мардуми афғон ҳеҷ эътиборе нест, зеро ки ба чашми худ дидаем, ки барои шаҳ Юсуфалихон кадом эътиборе кардаанд, ки моён ҳам аз афғон эътибор шавем. Тамоми сухани афғон ба макру фиреб аст. Қатъан аз онҳо эмину эътибор нестем ва қабул ҳам ба ин маслиҳат надорем.

Баъда Шоҳабдураҳим қаҳр карда, ба қаҳр ба Шоҳзодаҳасан гуфт, ки бародари ман Сайид Фаррухшоҳ ҳаст, маслиҳат ҳам ҳамроҳи Сайид дорам ва ҳамроҳи шумо дигарҳо надорам. Аз ҷиҳати ин, ки ба мамлакати Рӯшон Дарвоз наздик аст, метавонед ба Дарвоз кӯч кардан. Ва ажғоли фарзандони Шуғнон ба ҷое пои гурезу рафтор надоранд. Аммо зиммаи бародар ба тамоми Рӯшону Шуғнон ҳастам, ки агар андак зиёну зарар ба касе бошад, ман ҷавобгар мебошам. Аммо афғон монанди сиёсат, оби ҷӯй тоқати сел надорад. Моён назар ба лашкари афғон оби ҷӯй ҳастем, балки оби ҷӯй ҳам нестем. Чаҳор нафар кӯри Шуғнону Рӯшон ҳамроҳи шашҳазор лашкар ба кадом далел рӯ ба рӯ шуда ҷанг мекунанд? Аммо бародари худро Сайид Фаррухшоҳ ҳамроҳи ажғоли хурду калони Шуғ-

нонро кӯчонда, ба Шуғнон равон мекунем ва шумоёнро дар хусуси зиёну зарар зиммадор ҳастем, ки зиён ба касе нахоҳад буд. Боқӣ ихтиёр аз шумоёнаст. Ва барои раияти Шуғнон эълон шуда, ки аз имрӯз то фардо гиру маътал ношуда, ҳар кадоми шумоён маъа аёлу атфоли худ аз Рӯшон кӯч карда, ба ватани худҳо, яъне Шуғнон, бе тарсу бим мурочиати рафтан бинамоед. Ва Ҳочихонро таъйин карда, ки шумо ҳам бетарс ба Хуф рафта, хотирчамъ ба оромӣ зиндагонӣ намоед.

Алқисса, раияти Шуғнон аз Рӯшон кӯчида ба Шуғнон, ба ватани худҳо равон шуда истодаанд. Ва дар он вақт барф боло аз зону буд, зеро ки ғурури чиллаи зимистон буд. Ва Ҳочихон ба Хуф рафта истиқомат намуд. Ва Мирманзаршоҳ ҳамроҳи ажғоли худ тарафи Дарвоз гурехта рафт ва боқӣ раияти Рӯшон чо ба чо орому барқарор мондаанд.

Ва андар он замон лашкари афғон аз рӯ ба рӯи Чоснуд, поён аз Сохчарв то қишлоқи Бунӣ моломолу чодарро аз тарафи дасти росту дасти чап дар он барфи азим зада ва роҳ дар байни чодарҳову кӯчбуна дақиқа маътал[136] нест, омада байни чодарҳо мегузаранд. Ва лашкари афғон аз чодарҳо баромада, тамошо мекунанду чизе намегӯянд.

Алқисса, Шоҳабдураҳим ба маърифати бародари худ Саидсодиқшоҳ мамлакати Рӯшону Шуғнонро қарор дода, мукӣ Сайид Фаррухшоҳ ва мукӣ Мирзоашраф ҳамроҳи худ маъа ажғоли онҳо гирифта ба Шуғнон омада расиданд. Ва мазкуронро ҳамроҳи чарнайл Саидолхон баладу рӯйдид карда, чарнайл хеле хушгӯиву ширинзабонӣ ҳамроҳи онҳо карда рухсат намуд. Ва фавчро ҳам аз Сохчарву Бунӣ кашида якчо кардаанд. Фасли зимистон баҳор шуда, ададди саду панчоҳ нафар сипоҳӣ ба маърифати каминдон, чарнайл ба қалъаи Вомар муқаррар карда, фиристонид. Ва хосадоронро, ки Мирманзаршоҳ ҳамроҳи лашкари худ тору мор карда ва ба Рӯшон

---

[136] Маътал, яъне интизор.

бурда, ба қишлоқҳо тақсим карда буд, талаб намудаанд. Баъд ҳамаи хосадоронро аз қишлоқҳо ҷамъ карда, ҳозир намуданд. Каминдон онҳоро як-як,ҷудо ба ҷудо ҳақиқат карда, ки шумо чанд пора пӯшока дар бадан дошта будаед ва чанд рупия ба даст дошта будаед ва чанд туфанг доштаед. Ҳар кадоми онҳо ҷавоб додаанд, ки ин қадар накду ин қадар пӯшок, як дона туфанг, фалонӣ маро торумор карда гирифт. Кадом аз онҳо рост гуфтанду баъзеҳо бар бухтон шумурданд.

Боз каминдон пурсид, ки соҳиби хона ба чӣ тариқ шуморо парвариш карда. Баъзеҳо хурсандӣ кашидаанд ва бештарин гила кардаанд.

Баъд каминдон он одамони ғораткунандагонро талаб карда, ҳозир карданд. Баъда чунон бар зулм аз онҳо бадали аҷносҳои торумор кардагиҳоро гирифтаанд, ки дар бадали сӯзан табар ҷавоб кардаанд. Тамоми хосадорон ба ҳақ расонида хурсанд шуданд. Чунки дучандон аз ҳар кадоми он ғораткунандагон гирифта, тасарруф шуданд. Ва кадомоне, ки аз хосадорон ба Шуғнон ба дасти ҳар кӣ асир монда буданд, онҳоро аз ҳар тараф бозхост кардаанд, ки бисёр озодӣ ва хурсандӣ кашидаанд, ки чизе аз моён нагирифтаанд, монанди гул моёнро парвариш кардаанд.

Саидолхон ҷарнайл барои мардуми Шуғнон бисёр қуллуғ карда, хурсанд шуд. Ва ҷамъи хосадорон ба фавҷ пайвастанд. Ва Гулзорхон номро сардор Абдуллоҳҷон ба ҳокимии Шуғнон қарор дода, фиристонид. Ва берун аз қалъаи Барпанҷа барои худ ба наздикии қалъа иморат карда, ором нишаст. Ва ҷарнайли мазкур ба қишлоқи Нимдеҳа[137] нишаста ва фавҷ даруни қалъа қарор гирифт. Гулзорхон милкӣ[138] шуда ва ҷарнайл фавҷӣ. Ва бори подшоҳӣ аз раият бад-ин тариқ гирифтаанд, ки ҳар кадом раият, ки ба маърифати оқсақолу ар-

---

[137] Нимдеҳа – номи деҳа дар наздикии қалъаи Бахрпанҷа.
[138]“Милкӣ” ё “мулкӣ”, яъне мудир оид ба корҳои мулкӣ/гражданӣ.

боб ҳарчанд тухмбар кам, ё туғрии замини худро гуфта, иқрор намуд, аз иқрори он деҳқон тухми он заминро ушр гуфта, гирифтаанд. Масалан: кадом деҳқон замини худро шаш улоғ иқрор карда буд, шаш улоғ ушр мегирифтанд. Ва агар кадоме се улоғ, ё ки ду улоғ гуфта буд, онро гирифтаанд. Ва дигар агар шаш нафар, ё ки се нафар ва ё як нафар кадхудо буд, маблағи чаҳор рупия аз калони он хона гирифтаанд ва се рупиягӣ аз он дигарҳо. Ва кадоме, ки аз деҳқонон писари худро аз нав ихтиёри кадхудо кардан буд, қозӣ як коса равған ҳақи худро гирифта ва ҳафт рупия нав никоҳ гуфта, қозӣ ба подшоҳӣ[139] гирифт.

Ва Гулзорхон раиятпарвар буд, касеро озор намедод, ба ҷуз аз ушри замин ва никоҳпулӣ чизи дигар раиятро чандон озор намедод. Ҳамеша ба оромӣ зиндагонӣ мекард, чунки Гулзорхон аз худи Кобул омада буд, ба ҷарнайл Саидолхон ҳам чандон мутобеат намекард. Ва моли ҳар кадом деҳқонро фармуд ба ҳисоб гирифтан, ҳеч кадоми деҳқон ба туғригӣ ҳисоботи бузу гӯсфанди худро надодаанд. Кадомҳо аз даҳ то понздаҳ гуфтаанд ва баъзеҳо, ки бисёр нармол доштаанд, аз бист то сӣ ҳисобӣ додаанд. Аз ин зиёдро иқрор касе наёмада, ба чи тариқе, ки деҳқон забонӣ гуфта буд, қабул карданд. Ва аз ҳар кадом сар бузу гӯсфанд маблағи сӣ пулӣ гирифта. Ва ҳар вақт, ки гушнагӣ дар Шуғнон падид шуда, Гулзорхон фармуд бар ҳар кадом деҳқон навқон[140] додаанд. Вақти тирамоҳ он ғалаи навқон маъа ғаллаи ушр ҷудо-ҷудо деҳқон бурда, дар анбор холӣ карда, супорид, хоҳ пок буд, хоҳ нопок, ҳеҷ бозхост накард.

Соли гӯсфанд санаи 1303 Гулзорхон ба ҳокимии Шуғнон омада муқаррар шуд. Ва ба соли муш дар санаи... [141] фас-

---

[139] "Пошоҳӣ", яъне андозе, ки барои пур кардани хазинаи давлат ситонда мешуд.
[140] "Навқон", ғаллае, ки ҳангоми дарав дар замин мерезад.
[141] Ин сана дар дастхат нишон дода нашудааст.

ли баҳор буд, ки навкар Гулзорхон ба ҳар кадом қишлоқҳо муқаррар карда, тамоми раиятро эълон карда, ки ҳезумро ҷамъ карда, ба ҷои баландӣ ҳар кадом нафарон ҳезуми худро ҷудо-ҷудо, андак тоқа аз ҳамдигар қатор монда, вақти хуфтан ҳар кадоми шумоён ҳезуми худро гирон карда, то нисфи шаб оташро якранг чорчароғон бисӯзонед. Аз ин тарафи дарё аз ҳадди Сочарв то ҳадди Хоруғ ва аз он тарафи дарё аз ҳадди қишлоқи Шидҳуд то ҳадди Вер деҳқонон аз аввали хуфтан то нисфи шаб чорчароғон сӯзондаанд. Он шаб рӯз шуда, ду рӯзи дигар ошкоро карданд, ки давр-даври Муҳаммадисохон Саидолхон ҷарнайл ба маърифати каминдон карнайл ҳамроҳи ҷамъи сипоҳи Шуғнону Рӯшон будагӣ, ҳама тарафдори Муҳаммадисохон шудаанд. Ва чорчароғонро ҳам аз ин ҷиҳат фармудааст.

Алқисса, саррииштаи худҳоро карда[142], Шуғнону Рӯшонро қатъан монда, кӯч карда рафтаанд. Мардуми Шуғнону Рӯшон бесарпараст мондаанд. Одамони беҳтару хубтари Шуғнону Рӯшон ҳамроҳи мукиҳои Шуғнону Рӯшон машварат кардаанд, одамро тарафи Дарвоз барои шаҳ Акбархон фиристонем, ки омада хонаи падар тасарруф шуда, соҳиб шавад. Одамро хат навишта дода, фиристондаанд. Дар миёнаи роҳ он одам рафта буд, ки шаҳ Акбархон ҳамроҳи бародарони худ Мансурхону Темуршоҳхон омада, дучор шудаанд. Он хатро барои шаҳ пеш гирифта, шаҳ он хатро мутоила кард, ки онро талаб кардаанд, бисёр хурсанд шуда.

Фасли тобистон шуда буд, ки Акбархон ба қалъаи Барпанҷа омада, расиданд. Мардуми Шуғнон ҳам бисёр шодиҳо кардаанд. Темуршоҳхонро ба қалъаи Вомар ҳоким карда ва Мансурхон дар пеши худ монда.

[142] Ибораи "саришта" ё "сарришта кардан" дар забони шуғнонӣ ба маънои "чизу чораи худро омода кардан" истифода мешавад.

*Ҳоло қиссаи Саидолхон ҷарнайл нақл кунем.*

Амир Абдураҳмонхон хабари Муҳаммадисохонро шунида, ки барои гирифтани салтанати Кобул лашкар карда, то Балх омада, тасарруф шудааст. Амири Кобул Парвонахонро ба ҷои худ муқаррар карда ва худ лашкар гирифта, тарафи Балх ба ҷанги Муҳаммадисохон мурочиат карда, дар Балх расид. Тирум[143] кашида, ҷанг давом карданд. Ва Саидолхон ҷарнайл ба Хонобод расида, тарафи Балх ҳамроҳи лашкари худ рафта, муқобили лашкари амир саф зада, тирум кашид. Муҳаммадисохон, ки садои тирумро шунида, чандон хуб нафаҳмида, ки Саидолхон тарафдори ман шуда ҳамроҳи амир ёғӣ шуда, ҷанг мекунад. Магар гумон кардааст, ки ин кадом фавҷ буд, ки ба кумаки амир расид. Дилаш шикаст хӯрда ихтиёри гурехтан ба дил қиёс карда, ки аз лашкари амир Фарҳодхон ном ҳаволадор[144] будааст, дастҳои ӯ чандон ёрирасон ба ӯ набуда, чунки шал будааст. Баъда бӯйҳои аспи бегона ба димоғи аспи Фарҳодхони ҳаволадор мерасад, бетоб мешавад. Ҳарчанд Фарҳодхон мекунад, ки дастҳои ӯ ҳаракат надоранд. Аз байни лашкар ӯро гирифта, рост тарафи лашкари Муҳаммадисохон бурда. Тамошо мекунанд, ки як нафар савор чунон бераҳмона давонда омад, ки нишон надорад. Муҳаммадисохон дигар тоқат накарда, гурехта ба Омударё гузашта, ба хоки Бухоро дохил шуд. Ва Фарҳодхон аз қалби лашкари душман баромада, батоз ба лашкари амир боз дохил гардид. Амир хаёл карда буд, ки албатта Фарҳодхони ҳаволадор ҷонфидо буд, ин дигарҳо тарсида, захра накардаанд. Ин кас намаки маро ҳалол кард, фармуд: Фарёд кунед. Фавран ҳозир карданд. Амир Абдураҳмонхон хеле шаҳбош карда, гуфт: «Чи амал дорӣ»? Гуфт: «Балогардон ҳаволадор». Амир гуфт: «Муборак бошад барои шумо мансаби карнайлӣ», давида

---

[143] Табли ҷанг.

[144] Сардор, хӯҷаин.

пойи амирро бӯса дод. Ва боқимонда лашкари Муҳаммадисохон барои амир саломӣ гирифта, ҷонбахшиш намуда, ба Кобул вопас омада, қарор гирифт. Ва Саидолхон ҷарнайл ҳамроҳи камидон ва ҳарчанд амалдорони дигар ҳамроҳ дошт, фармуд куштанд ва баъзеҳоро дар бандихона андохтанд. Аммо дар ҳар ҷо, ки аз фавҷи Саидолхон баромад, зинда намонда, талаф кард. Баъда амири Кобул аз барои сарпарастӣ ва қарор додани мамлакати Шуғнон, Қулмуҳаммадбеки Баҳшорӣ ва Хуҷаназари Верӣ ба Шуғнон фиристонид.

Алқисса, мазкурон омада, ба Шуғнон расиданд, ки шаҳ Акбархон ба сарпарастии хонаи падари худ омада, қарор гирифтааст. Онҳо рост ба қалъа ба ҳузури шаҳ омаданд.

Шаҳ Акбархон онҳоро пурсид, ки чанд вақт шуда, ки аз Кобул омадаед.

Хуҷаназару Қулмуҳаммадбек ҷавоб додаанд, ки ҳозир расидем, ба хонаҳои худ ҳам ҳанӯз нарафтаем. Аз ҷиҳати ин, ки моёнро мири Кобул ба сарпарастии раияти Шуғнону Рӯшон муқаррар карда, фиристонид.

Акбархон тарафи одамони беҳтар гашта: «Чи маслиҳат медиҳед»?

Оқсақол Тайиби Баҳшорӣ ҷавоб дода, ки барои амири Кобул аризаи шикастагӣ бикунем, ки аз насли шаҳон мо мардум, як шоҳбача монда, омадааст. Умеду илтимос мекунем амир аризаи мо камбағалони раияти Шуғнонро мадди назар гирифта, раиятнавозӣ карда, шоҳбачаи моёнро ба сарпарастии мо бечорагон бахшиш намоед.

Ва Муҳаммадризобеки Баҳшориро пурсид, ки шумо чӣ мегӯед?

Муҳаммадризобек ҷавоб дод, ки чизе, ки амакам оқсақол Тайиб, ки гуфта буд, ман ҳам ба сухани амакам ризо додаам.

Баъд Темуршоҳхон гуфтааст, ки валлоҳ биллоҳ чунон шамшер ба гарданат мезанам, ки сарат аз тан ҷудо шавад.

Баъд Темуршоҳ тарафи одамони Демурғон гашта гуфт, ки ман шумоёнро мепурсам, шумоён чӣ мегӯед?

Одамони Демурғон ҷавоб доданд, ки роҳи Шуғнон аз ҳар тараф нест, ба ҷуз роҳи Дарморахт роҳи дигар нахоҳад буд. Онро метавонем, Сурохпаринро маҳкам гирифта, душманро мумкин нест ба Шуғнон гузар кардан. Ин сухан Темуршоҳро бисёр писанд омада, офарин гуфт. Ба ҳамин маслиҳат - муттафиқ шуда, қарор додаанд.

Дар санаи соли Бақар фасли баҳор тамом шуда буд. Ва мавсими тобистон даромада, ки Саидшоҳхонҷарнайл ба маърифати Фарҳодхонкарнайл ҳамроҳи лашкари бениҳоят дар маҳолии Файзобод ба гирифтани Шуғнон расиданд. Шаҳ Акбархонро хабар карданд, ҷамъи оқсақолонро талаб карда, омаданд. Омадани лашкари афғонро ба онҳо гуфта ва онҳоро маслиҳат пурсид, ки чи маслиҳат медиҳед? Ҷамъи оқсақолону навкарони ҳозирбудагӣ, ҳама ба як забон гуфтанд, ки имрӯз сари худро фидои сари шумо дода, пиҳил[145] карда, бахшидаем. Якбор мурдан аст, магар бе ному нишон мурдан ганда аст. Ду бандар аз моён сахт бандаранд: яке Сурохбандари Дарморахт ва дуюм бандари Чоснуд. Дар ин ду бандар худҳоро тамоман қатл мекунем, баъд аз моён аъмол шумо медонад.

Боз маслиҳати Қулмуҳаммадбеку Хуҷаназар дар байн монда, ки онҳо ҳар ду хизматгори амири Кобул мебошанд, чунки онҳоро амир аз Кобул ба сарпарастии мамлакати Шуғнон фиристонида буд. Онҳо омаданд, ки ман ин мамлакатро тасарруф шудам, ҳаракат кардан натавонистанд.

Темуршоҳхон ҷавоб дод, ки онҳоро пеш аз воқеа гум кардан лозим аст, чунки онҳо ҳам аъзои афғон мебошанд. Баъзе оқсақолон ҳарчанд далолияти хайр дар бораи онҳо кардаанд, ки Темуршоҳ қабул накард. Ҳамроҳи баъзе шарикон Хуҷаназарро ба Бартанг фармуд, бурда ҳалок карданд. Ва

---

[145] “Пиҳил”, яъне “биҳил”.

Қулмуҳаммадбекро дар Бунӣ бурда, санг дар пӯшоки тана пур карда, ба дарё партофтанд. Ва аҳволи лашкари афғон наздик расид.

Навкарони худро тарафи Шоҳдара ва Ғунд то Сучону Дарморахт то Шуғнон, яке намонда кӯчонда, равон кунед. Алқисса, баъзеҳо ба Сарақул ҳамроҳи ажғол баромада ва баъзеҳо тарафи Уш рафта ва боқӣ ҳама ба Дарвоз кӯчрон карда, ба роҳ андохтаанд. Шуғнон якбора чулу чаппа шуд. Аммо айни хубии тобистон буд, ки тамоми меваҳо пухта буд ва кишти ғалла ҳам айни хӯшаву гул буд, ки кӯчрон шуда буд. Авқоти яксолаи тамоми деҳқонон дар он сол нест шуда ва чизе, ки одамони камондор то бекамон, ки бачамарди хубу лоиқ буд, аз ҳадди Шоҳдара то Ғунд, Сучону Шуғнон то Рӯшон, якеро ҳамроҳи ажғол намондаанд. Бад-ин сабаб, ки нафарони тирандозу камондор чибу[146] бандарро маҳкам гирифта, соҳибӣ намоянд. Ва кадомоне, ки тирандоз набошанд, аз сарак[147] баромада, сангҳои чарха сарришта намуда, тайёр бошанд. Вақте ки лашкари душман зери онҳо омада сангчархаро чарха кунанд ва тирандозон тирборон карда, душманро намонанд.

Ин маслиҳатро тамом карданд, сад нафарро ба тариқи қаровул ба Сӯрохпарини Дарморахт муқаррар кардаанд, ки ҳушёр бошед. Ҳар вақт, ки лашкари душман қариб омад, моёнро хабар карда, то ба кумаки шумоён, ҳарчанд нафар бакор бошад, фиристода шавад.

Дар он вақт роҳи Шева ҳам хушк шуда буд. Лашкари афғон нисф ба роҳи Шева омада ва нисфе ба роҳи Зебок омада. Аммо роҳи Шева ба Шуғнон наздик буд, дар байни ду рӯз лашкар аз роҳи Шева омада.

146 “Чиб”, чуқурие, ки аз он тир меандозанд, хандақ. Аммо аз тасвирҳои мавҷуда маълум мешавад, ки чиб маънои деворе, ки аз пушти он ба душман тир меандохтанд, низ доштаст.

147 Баландӣ.

Лашкари Шуғнон ҳамроҳи шаҳ Акбархон тоқат накарда, гурехта дар бандари Чоснуд якҷо шудаанд. Нафароне, ки камондор будаанд, дар бандар монда ва кадомоне, ки дасти камон надошта буданд, онҳоро ба сари сарак муқаррар карда, фармуданд. Он рӯз гузашта ва ба рӯзи дигар лашкари афғон нисф ба воситаи кема[148] дар гузари Теми Поршинеф гузашта, чодар задаанд. Ва ба рӯзи чаҳорум ба Сочарв кӯч карда, ҳамчунин аз он тарафи дарё кӯч карда, ба Шидҳуд чодар задаанд. Ба рӯзи панҷум лашкари Шидҳуд кӯч карда, рӯ ба рӯи Сочарв омада, тирум зада ва лашкаре, ки дар Сочарв буд, тайёр шуда, равон шуданд. Вақти нимчошт ба майдони ҷанг, баробари бандари Чоснуд, монанди сел омада қарор гирифт. Ва лашкаре, ки аз он тарафи дарё буд, он ҳам рӯ ба рӯ омада, тарафайн тируми ҷанг бар лашкари Шуғнон шуда ва лашкари Шуғнон ҳам худро тайёр кардаанд.

Ва Бухорӣ ном ба Кобул калон шудааст, мақсади тирумро медонист, гуфт, ки ҳушёр бошед, ки тируми ҷанг давом шуд. Сад камондор якбора камонро тарафи бандар, ба лашкари Шуғнон холӣ мекунанд, фоида намедиҳад. Аз ҷиҳати ин, ки лашкари Шуғнон чибро ба худ девор карда, паноҳ гирифта, ҳар чанд тирборон кардаанд, ки ба девор мерасаду ба одам не. Ва лашкари Шуғнон, ки аз даруни чиб ба лашкари афғон тир равон мекунанд, абас намешавад, ба одам расида меғалтонад, лашкари Шуғнон аз даруни чиб ҷеғ мезананд. Ва лашкаре, ки аз тарафи Шидҳуд буд, ба рости бандар омадаанд, ки аз боло чарха партофтан давом шуд. Чунон тирборони чарха шуд, ки лашкари афғон бисёр кушта шуда. Ва аз ин тараф тирум шуда, Бухорӣ гуфт:

«Рафиқон ба тирум инҳоро гуфтанд, ки ақиб гашта, зери ин кӯҳ хушкӣ ҳаст, ба танаи кӯҳ гузашта, рост ба Чоснуд ба-

---

148 Қайиқ.

ромада, ба бандар ҳуҷум кардан осон аст. Аммо вақт гузашта, гурехтан лозим аст».

Баъдан бандарро монда, роҳи гурез гирифта, ба дараи Чоснуд афтону хезон лашкари Шуғнон гурехта, нисф роҳи гурез ба дара гирифта ва нисф рост ба қишлоқи Чоснуд гурехта рафта, ки лашкари афғон ба қишлоқи Чоснуд баромада, бо ҳам дучор шуда тирборон шуда. Аз лашкари Шуғнон бисёр кушта шуда ва ба ҷони зинда ҳам хело ба воситаи наҳру чуқурӣ худро аз офати тиру шамшер халос карда, якатоз давида рафтаанд. Ва нисфи лашкари афғон, ки ба бандар баромада дидаанд, ки дар бандар касе нест, магар аз ҷиҳати шикаст аз касе чакману аз касе пӯстин партофта мондааст. Ва ба дара тамошо мекунанд, ки одамони бисёр рафта истодаанд, тирборон ба онҳо давом кардаанд. Ва хело нафарони афғон онҳоро дунбол карда, ба дараи Чоснуд рӯболо шуда, аз ақиб тирборон карда мераванд. Вақте ки афғонҳо ба он гурехтагиҳо наздик мешаванд, онҳо ақиб гашта чанд тир барои онҳо андохта, боз хело бад-ин восита дуртар боло мераванд. Ва афғон боз аз ақиб тирборон карда, ки ба Насиллобек ном хоруғӣ тир расида, ғалтид. Чанд нафар ҳамроҳони хоруғӣ ва боқӣ ҳама бародарони Шуғнон Насуллобекро даст ба даст гирифта, ҳамроҳи худ бурдаанд. Ва чанд нафар як бори дигар ақиб гашта, ба афғонҳо тир андохтаанд, ки ёрони ҳамроҳи захмшудагӣ хело боло рафтаанд. Ва афғонҳо ҳам пас гаштаанд.

Ва лашкари Шуғнон будагӣ аз хавфу хатар амон ёфтаанд ва аз дара ба саҳро омадаанд. Ва Насиллобек ҳам рафта-рафта оҷиз мешавад ва мегӯяд, ки рафиқон замони зиндагӣ гузашта, ҳоло маро дар зери як санг монда ва шумоён биравед. Хело нону обро дар пеши ӯ монда рафтаанд.

Ва аз мардуми Рӯшон, ки дар қишлоқи Чоснуд кушта шуданд, сарҳои онҳоро бурида, се дона сарро ба як таноб маҳкам карда ва кадоме, ки мӯйсафеду нобакор шуда, ясир монда буд, он сарҳоро ба гардани ҳар кадом андохта, пайраҳо

онҳоро пеш андохта. Аз Шидҳуд болотар Усто элчӣ ном мӯйсафед аз беқувватӣ тоқати он сарҳо, ки ба гардан андохта буданд, оҷиз омада, монда шуд, онро ҳам тир зада куштаанд. Ва он сарҳоро ҳам ба гардани дигар одамон монда, ба қалъаи Барпанҷа ба ҳузури Саидшоҳхон ҷарнайл расониданд. Ҷарнайл он сарҳои буридаро дида, пайраҳоро бисёр дашномҳои носазо дода, гуфта: «Аз пеши чашмам ин ифлосиҳоро гум кунед!».

*Ва қисса аз лашкари ин тарафи дарё нақл кунем.*

Боло аз Пастбаҷу тангии роҳ буд, чунонки поён аз роҳ дарё буд ва боло аз роҳ пуштаи қирум буд. Аз гӯшаи дарё то бехи кӯҳ чиби баланд девор карда будаанд. Ва лашкари Шуғнон аз бандари Чоснуд будаанду лашкари Рӯшон аз бандари Пастбаҷу будаанд. Ва шаҳ Акбархон ҳам аз лашкари Рӯшон, поёнтар аз Пастбаҷу буд. Баъд лашкари Шуғнон, ки шикаст хурда, аз бандар монда, гурехтаанд, лашкари афғон монанди сел аз Сочарв боҷахонаро давом карда, тарафи Рӯшон равон шуда. Ба дашти Сиздлахш[149] расида, тамошо кардаанд, ки ба наздикӣ чиб задаанд.

Тирум зада, он чи рисола, яъне савор буд, пеш омада ва пиёда аз ақиб гузашта. Карнайл фармуд, ки ҳоло рисола пеш шуда ва пилтан аз ақиб. Қариби чиби бандар рафта, рисола якбора аспро монда, болои чиб он тараф парронда, задану куштан бигиред ва пилтан аз дунболи шумо тирборон карда, ғалаба кунанд. Суханро тамом карда тируми ҷанг заданд. Ва рисола якбора равон шуда, аспҳоро нимдавон монда ва пилтан, яъне пиёда, аз ақиби онҳо ба тезӣ равон шуда. Ва рисола аз чиб ҳанӯз дуранд, аспҳоро тозонда, ба дақиқа дар бандар

[149] Дар нусхаи чопӣ ин макон дар шакли "дашти сабзи Далхаш" (саҳ. 150) омадааст, вале дар ин ҷо шакли дар дастхат омада истифода шуд. Гумон меравад, ки ин макон аз номи меваи таҳҷоии "сизд", яъне синҷит гирифта шуда бошад.

расида. Мумкин болои сангар паррондан набуда, Абедуллоҳхон ном ба дарё парронда, аз он тарафи чиб баромада, шамшерро кашида, наздиконро шамшер задан давом карда ва ин дигарон ҳам ба об парронда, аз он тарафи бандар гузашта. Ва пилтан ҳам расида, чунон ҷанги мағлуба шуд, ки тарафайн бисёр аз бисёр кушта шуда. Ва нафарони мондагии лашкари Рӯшон шикаст ёфта, гурехтаанд.

Ва шаҳ Акбархонро пештар хабар карда буданд, чунин гуфтаанд, ки ба як пой чамус пӯшида буд ва ба пои дигар пӯшидан ихтиёр карда, ки хабар ёфта, ба як по чамусу ба пои дигар аз бим фурсат наёфта, савор шуда гурехт. Ба тезӣ аз оби Вомар гузашта, дигар ақиб нигоҳ накарда, рост ба Язгуломи Дарвоз расида қарор гирифту чой хӯрд. Ва лашкари афғон аз Шуғнон то Рӯшон гирифта, тасарруф шуданд.

Ҷанг бартараф шуду мамлакати Рӯшону Шуғнон чулу хароб. Ва раияти Рӯшон чандон ба Дарвоз ғариб нарафта буданд. Аз қишлоқ ба айлоқҳо худро паноҳ карда, рӯзона ҳар кадом деҳқон кишти деҳқонии худро об дода, вақти бегоҳӣ тут аз барои аёлу атфол гирифта, ба айлоқ мебароянд. Кишти худҳоро талаф накарданд.

Тарафи Сӯчону Ғунд ҳам баъзеҳо ба Уш рафтаанду ҳам ба Дарвоз. Ва баъзеҳо ба дараҳо баромада, рӯзона омада кишти худро об дода ва бегоҳӣ боз рафтаанд. Ва аз Хоруғ поён тамоми кишти деҳқонӣ аз он тарафи дарё то аз ин тараф, ҳама сӯхта нест шуд. Баъда ҷанг, ки бартараф шуда тамом шуд, каминдон ҳамроҳи дусад нафар дар қалъаи Вомар муқаррар шуда, монда. Ва Фарҳодхон карнайл ҳамроҳи шашсад нафар дар қалъаи Барпанҷа муқаррар шуда. Ва ҳокими мулкӣ дар Шуғнон Абедуллоҳхон қарор гирифт ва ба Рӯшон Бозорбой ном ҳоким шуда. Ва номи ҳокимӣ аз Абедуллоҳхон буд, магар Ниёзхонро ба ҷои худ дар Шуғнон ҳоким муқаррар намуд ва

худ ҳамроҳи ҷарнайл Саидшоҳхону кордорони[150] Файзобод банду баст карда ва гоҳе ба Кобул рафта омад. Ва ба Шуғнон гоҳ-гоҳ омада як моҳ, ё ду моҳ монда, аз чакману пӯсти саги обӣ ва рӯбоҳву далахафак ва пӯсти гургу паланг то равғани зард бор карда рафт. Ва аз қишлоқҳо мосали[151] афғон холиву мунқатеъ намебуд. Ҳамеша чаҳор нафар мосал дар қишлоқҳо мегаштанд. Яке ба гирифтани пули боқиёт[152], дуюмӣ аз барои гирифтани никоҳпулӣ, саюмӣ аз ҷиҳати бор кардани коҳи сафед барои аспҳои тӯпхона, ки ба ҳар тараф ҷанг оғоз шуд, ба он аспҳо тӯпҳоро бор карда мебурданд. Ва баъзе солҳо аз ҷиҳати бор кардани тӯпҳо барзаговони калон-калон аз Кобул оварда буданд. Аммо чунин гуфта буданд, ки инҳоро аз Ёғистон овардаанд. Чорумӣ аз боиси бор кардани ҳезум барои ҳоким.

Дунафарӣ одам ҳамеша дар хона набуданд, яке коҳи сафедро бор карда рафт, он дигар ҳезум бор карда рафт. Агар касе дар хонаи худ тоқа буд, мудом дар хона набуд. Агар як рӯз ҳезумро бор кард, рӯзи дигар коҳро бор карда, ҳама бепул ва гӯсфанд беротӣ гуфта, шикан кардаанд. Аммо кам аз ду пис[153] нагирифтаанд. Ва пули онро ба ҷуз аз сӣ пул зиёд надодаанд. Аммо никоҳпулиро ҳар чанд деҳқонҳо додаанд, ҳеҷ тамом нашуд. Ва агар касеро қавми наздик, яъне амак, ё амакбача, ё ки бародари ҷиддӣ дар кӯчрон тарафи Дарвоз, ё Уш рафта монда, ба ду солу се сол. Ва баъзеҳо ба чаҳор солу панҷ сол ба ғарибӣ монда буданд, ҳарчанд никоҳ аз онҳо дар хона

---

[150] Мансабдорон.

[151] “Мосал” – ҷамъкунандаи андоз.

[152] Бақияпулӣ.

[153] “Пис” яке аз воҳидҳои ченак аст, ки дар миёни мардумони Помири Ғарбӣ ва Бухорои Шарқӣ барои муайян намудани андоз, арзиш ва қимати молу ашё, мисли маводи ғизо, ҳайвоноти хонагӣ, амволи хоҷагӣ, пӯшока... истифода мешуд (барои мисол, як барзагов аз 15 то 20 пис ва як гӯсола то 4 пис ченак/қимат дошт).

буд, аз ҳар никоҳи онҳо се рупиягӣ ва калони хона чаҳор рупия, то оне ки ба ватан наёмада буданд, никоҳпулии онҳоро боқиёт гуфта, аз қавми қариб, ё ки бародараш ба ватан омадагӣ ҷабран ва зулман мосал азоб карда, ҳарчанд сол ба ғарибӣ монда буданд, никоҳпулии онҳоро дар ин ҷо мегирифтанд. Аммо то ба тайёр кардани пули боқиёт, ду баробари он қӯшӣ гирифта аз гӯсфанд то равған, ҳарчанд бақуввату фарбеҳ буд, ҳукман дар равған доғ кардан фармуду ҳамроҳи оқсақолу арбоб ва чанд нафари беҳуда дар рӯз се маротиб гӯштро доғ карда, ҳамроҳи чунин одамон хӯрданд. Аз ду рӯз баъд як гӯсфанду як равған гирифта мехӯрд бепул, то оне ки он пул, яъне рупияи боқиёт тамом нашуда буд, он мосал аз он хона ба ҷое нарафта.

Дар он вақт ба ҷуз сипоҳ ва қассоб каси дигар як пули сиёҳ ба даст мавҷуд надошт. Аз ҷиҳати ин ба сер[154] ҳафт тоқина панҷ сер гандум як рупия, як аспи миёна понздаҳ рупия, байтали буғуз понздаҳ рупия, модагови гусоланок панҷ рупия, барзагови калони бақувват ҳафт рупия, чакмани сиёҳи навқулоч чаҳор рупия, чакмани бӯру сафед се рупия, нархари роҳгард ҳафт рупия, мочахар шаш рупия, гӯсфанди калону бузи калон аз панҷоҳ пули сиёҳ зиёд набуд. Молиёти деҳқонро ба чунин арзонӣ дар никоҳпулӣ ва боқиётпулӣ гирифтаанд.

Ва ушри заминро анбордор чунин гирифта буд, ки дасти худро дар об тар карда ва даруни гандум буд, ё лашак, зада ба ҳар тараф он ғалларо шӯронда даруни қоб[155], ё ки саноҷ[156] ва дасти худро аз даруни ғалла кашида, агар андак гард-ғубор ба дасти ӯ олуда буд, он ғалларо вопас дода, нагирифт, ки инро бурда хуб тоза карда, гирифта биёр. Ду бора пок кардани ғал-

---

[154] "Сер" – ченаки паймоиш аст, ки асли баромадаш форсӣ мебошад. Як сер ба 40 мана баробар буда, он асосан дар ҳудуди Шуғнон мавриди истифода қарор гирифта ва баробар ба 10, 12 ва 18 кг буд.
[155] "Қоб"- қоп ё қап, яъне ҷуволи майда.
[156] Саноҷ

лаи ушр фармуданд. Агар ба зиммаи касе ду улоғ ғаллаи ушр буд, чунон ба зулм ба сери Кобул гирифтаанд, ки аз ду улоғи ушр чаҳор улоғ гирифта шуд. Аз ҷиҳати ин, ки сери Кобул чаҳор тоқина буд. Магар анбордорбанди шоҳинро каҷ гирифта, деҳқони бечора як паймона ғалларо дар он холӣ мекард, аз як тарафи он монанди об мерафт ва аз тарафи дигар ҳанӯз пур нашуда, нима монда. Мухтасар гӯем, он як паймона ғаллаи ушр як сери Кобул баромад. Мумкин набуд, ки деҳқон чизе сухан кунад.

Аммо дар ҳокимияти Гулзорхон деҳқон дар хусуси ушри замин ва никоҳпулӣ ҳеч зулмеву золимӣ надидаанд. Ҳамеша деҳқонҳо зиндагонии худро ба хушиву оромӣ мегузаронданд. Ва дар замони ҳокимияти Абедуллоҳхон чунон зулмҳову ҷабрҳо дидаанд, ки ҳеҷ нишон набуд, зиндагонӣ барои деҳқонҳо талх шуда гузашта.

Аммо чан сол шуда, ки рус ҳудуди Мурғоб то Рошорв гирифта будаст, касе аз ин аҳвол хабар набуду надониста, ки кадом сол рус дар ҳудуди Помир омадааст. Чунки дар он замонҳо тарафи Мурғоб равандаву оянда набуд, надонистаанд. Агар афғон аз ин воқеа хабардор будаст, ба деҳқон нагуфтаанд. Ва деҳқон аз ин аҳвол ҳеч хабар надошт. Ва дар соли мори ҳиҷрӣ, мелодӣ санаи 1888 буд, ки кифтон ҳамроҳи панҷоҳ нафар сипоҳи афғон аз ҷиҳати гирифтани роҳи рус тарафи Помир баромадаанд. Аммо кишти деҳқонӣ бештар шуда, кабудӣ мекарду камтар монда, тахминан охири моҳи апрел буд, ки аҳвол барои афғон омада буд, ки рус омада, аммо кишт баланд шуда  ва барф боридан гирифт. Кифтон ҳам ҳамроҳи ин нафарон дар қишлоқи Боғефи Сучон рафта расид. Аз ҷиҳати боридани барфи бисёре понздаҳ рӯз дар Сучон мондаанд. Ва панҷоҳ нафар ҳамроҳи аспҳо аз барои улав ва ҳамчунин пиёда аз барои бисёрии барф ҳамроҳи худ гирифтаанд, то ба Сардеми Ғунд расидаанд, ки барф роҳ надода, як моҳ мондаанд.

Баъд аз як моҳ аз роҳи Бадшор ба Суманқул баромада, дар Оқчаҳри Аличор ба роҳи рус қарор гирифтанд.

Вазирбача барои каминдон - сардори фавҷи Шуғнон хат карда, ки аз ин тарафи оби Панҷҳ удуди ман аст ва аз он тарафи об ҳудуди шумост. Ҳудуди маро ба ҳар хубӣ монда, ба ҳудуди худ гузашта, ҳар кадоми моён ба ҳудуди худ истиқомат кунем. Он хатро тамом карда, ба тариқи элчӣ ба дасти Саидмаъсум дода, ба каминдони Шуғнон фиристонид. Мазкур омада, ба қалъаи Барпанҷа, ба ҳузури каминдон даромада, дақиқа гузашта, хатро ба каминдон пеш мекунад. Каминдон хатро мутолиа карда, фавран ин аҳволро ба Файзобод мефиристонад.Ҷавоб омад, ки он одами хатовардагиро ба ин тараф фиристонед.

Ду нафар рисола ба тариқи бандӣ, яке аз пешу яке аз пас ва Саидмаъсум мобайни онҳо, ба Файзобод бурдаанд. Ва кифтон то вақти тирамоҳ дар Оқчаҳри Аличор монда ва он улавчиҳои баҳор бурдагиҳоро ҳам кифтон рухсат надода, намонда. Дар вақти охирони хирман баъзе улавчиро аз ҷиҳати хирман рухсат карда ва баъзеҳоро намонда. Ин баъзеҳоро, ки рухсат карда, ба рӯзи дигар Тӯра ҳамроҳи чанд нафар қазоқ ва Улуғбек ном ғундӣ ҳамроҳи Саидмаъсум, ки дар кӯчрон ғариб монда буданд, вазирбача ин ҳар дуро аз барои роҳбаладу ҳам тилмоч[157], ба маърифати худ ба Помир овард. Онро Тӯра аз боиси тилмочӣ гирифта, аз ҷиҳати сулҳ кардан ҳамроҳи кифтон. Баъд Улуғбек гуфт:

«Ба Аличор омадем, кифтонро хабар кардаанд, ки русҳо омаданд, моён ҳам наздик расидем. Кифтон ба фавҷ иҷозат дода, ки бизанед, намонед. Тирборон шуд. Тӯра ҳарчанд ба ишораи даст манъи тирандохтан кард, ки онҳо қабул накарданд. Ба дасти як нафар қазоқ тир расид, захмдор шуд. Тӯра ҳам ба қазоқҳо иҷозат дода, тирборон карда кифтонро ҳамро-

[157] Тарҷумон

ҳи як нафар зада, ҳалок шуданд. Ва ду нафар захмдору дигарҳо дастболо карда, амон ёфтанд. Тӯра ба пеши инҳо омада, гуфт:

-Шумо дигарон биравед, дигарбора наёед, ки аз он тарафи оби Панҷ ҳудуди шумоён аст, аз ин тараф ҳудуди ман аст.

Баъд онҳоро ба хубӣ рухсат карда ва он ду нафар захмдорро ҳамроҳи худ ба Мурғоб бурда, ба духтур супорид. Муддати рӯз захмҳоро хуб карда, рухсат намуд. Ва афғон Муҳаммадтавурро дар Сардем қаровул монда, ки ҳар вақт аҳволи омадани рус шунудӣ омаданд, моёнро хабар кунед. Ва ҳамчунин, аз тарафи Шоҳдара халифа Қадамшо ва Худоёр аз роҳи Ҷавшангоз қаровул таъйин карданд. Он зимистон гузашта.

Вақти тобистон, охири июни соли асп ҳиҷрӣ, санаи 1889 дар моҳи июл ҷандрол[158] ҳамроҳи фавҷ аз роҳи Шоҳдара омада ва Бинковс[159] гуфтанӣ тӯра[160] аз роҳи Ғунд ҳамроҳи фавҷ омада. Ва ҷандрол ба каминдони Барпанҷа хат карда фиристонида. Шоҳусайн аз қишлоқи Хабост он хатро дар салла зада, омада дар қишлоқи Тем аз киштин гузашта, ба қишлоқи Демурғон мерасад, ки халифа Қадамшоҳ дучор мешавад. Шоҳусайн онро пурсидааст: «Куҷо буда, пас гаштаед»? Халифа Қадамшоҳ ҷавоб медиҳад, ки Абедуллоҳхон маро талаб карда буд. Аз аҳволи рус маро пурсида, ки аҳволи онҳо дар кадом ҷову макон аст? Гуфтам: ҳанӯз маълум нест, ки онҳо дар Мурғоб ҳастанд, ё ки пас гашта ба шаҳр рафтаанд, маълум нест. Боз маро таъйин карда, ки шабу рӯз орому хотирҷамъ набошед, ҳамеша дар ҷустуҷӯи аҳвол ҳушёр бошед.

---

[158]Дар дастхат он ба тарзи "ҷандрол" сабт шуда ва дар нусхаи чопӣ онро "ҷанрол" ва баъзан "ҷенрол" навиштаанд. Ба рутбаи ҳарбии "Генерал" ишора дорад.
[159] Банковский В. – сардори отряди Помир дар давраи солҳои 1896-1898.
[160] "Тӯра", яъне началник, сардор.

Шоҳусайн ханда зада, он хати ҷандролро ба халифа Қадамшоҳ нишон медиҳад, ки лашкари рус ба Шохдара пур шудааст. Халифа барои Шоҳусайн гуфтааст, ки маро ба кушт мадеҳ, ягон ҷо дам гирифта, то ман аз киштин он тараф гузашта, ба тезӣ биравам, то дохили кӯчаи Шохдара шавам. Баъда халифа аспро тез карда, ба дақиқа ба гузари киштин расида, соҳиби киштинро фарёд карда, ки ба зудӣ омада маро бигзарон, ки хон маро кор фармудаст. Киштинбон ҳозир шуда, халифаро ҳамроҳи асп дар киштин монда, ин тараф гузаронда, савор шуда, ба тезӣ аспро ронда, аз Хоруғ гузашта, дохили Шохдара рафт. Ва Шоҳусайн расида, хатро ба каминдон пеш гирифта. Каминдон хатро ило[161] карда, дид лашкари рус ба Шохдараву Ғунд даромадаст. Тирум шуда, фавҷ ҳозир шуд. Ва Чоршанбе номро аз ақиби халифа то лаби гузари киштин давонда, омада пурсид, гуфтанд: «Он ҳоло аз Шохдараи поён ҳам гузашта», вопас гашт. Каминдон дусаду - панҷоҳ нафар тарафи Шохдара фиристонда ва ҳамчунин ба роҳи Ғунд фиристонид.

Ва лашкари рус аз тарафи Шохдара дар қишлоқи Амбав фаромада ва аз тарафи Ғунд дар қишлоқи Ривак то Сиж фаромада. Ва лашкари афғон аз тарафи Шохдара дар қишлоқи Сорҷ фаромада ва аз тарафи Ғунд ба дашти Зӯрзимоӣ то Вийиб[162] қарор гирифт. Ва дар Кӯшхор[163] чиб зада, қарор гирифтанд.

Муддати бистуҳашт рӯз ҷонибин ҳар чанд хатбозӣ кардаанд, мақсад ҳосил нашуд. Баъд ҷандрол аз Шохдара барои Бинковс хат карда, ба дасти як одам дода, фиристонидаст. Он

---

[161] Калимаи “ило”, ки нисбати кушодани хат (мактуб) дар дастхат истифода шудаст, дар луғат пайдо нагардид. Калимаи ҳаммонанди он “яла” аст, ки то андозае ба маънои “кушодан” истифода мешавад.

[162] Вийиб яке аз деҳаҳои водии Ғунд.

[163] Кӯшхор номи маҳале дар водии Ғунд будаст.

одам кӯҳ ба кӯҳ гашта, ба Чандиндара[164] омада, рост ба қишлоқи Ривак ба ҳузури тӯра расид. Хатро дода, ҷавоби хатро гирифта рафт.

Тӯра хатро мулоҳиза карда, ҷандрол навиштааст, ки аз фалон рӯз соати фалон чаҳор нафар рӯ ба рӯи лашкари афғон тамошо карда, баъд аз ақиби санг, ё кандаке чанд тир андохта пас гарданд. Ва рӯзи дигар обпошро рост карда, тирборон кунед. Чунки ман ҳам аз ин тараф дар ҳамин рӯзҳову фалон соат ҳамчунон мефармоям.

Алқисса, рӯзи аввал рафта тамошо карда ва чанд дона тир тарафи лашкари афғон андохта, савор шуда, пас гашта рафтаанд. Ва фавҷи афғон бе манфиат тирборон мекунанд. Ба рӯзи дуюм Бинковс тӯра ҳамроҳи фавҷ обпошро бор карда, рӯ ба рӯи лашкари афғон аз тарафи қишлоқи Танг омада, макон гирифта, обпошро рост карда, чунон тирборон кардаанд,ки фавҷи афғон яке ҳаракат накардаанд, ки камони худро ба рус холӣ кунад. Аз тарс худҳоро ба замин ҳамвор карда, қарор кардаанд. Аз тарафи Шохдара ҳам ҳамчунин тирборон шудааст. Ба ду соат намоиш барои фавҷи афғон дода, пас гашта рафтаанд. Он рӯзро лашкари афғон шаб карда, гурехтаанд, ба нимчошт рӯз ба Хоруғ омада.

Пеш аз омадани лашкари афғон, деҳқонони Хоруғ ажғоли худҳоро ба дараи Хӯфак, аз қишлоқ канора карданд. Ва онҳо омада, дар полезҳо даромада, харбузаро тамоман ба корд майда-майда карда гузаштаанд. Ва ба ним рӯз фавҷи Шохдара ҳам омада гузашт. Ба намози пешин фавҷи рус ҳам омада, дар боғи Муҳаммадназар фаромад. Ва чаҳор қазоқ ба тарафи Тем ҳамроҳи Улуғбек аз ақиби фавҷи афғон рафта, ба гузари киштин расидаанд, ки охирон фавҷ чанд нафар даруни киштин мобайни дарё рафта. Русҳо тамошо карда, то кишти-

[164] Чандиндара дар тарафи рости дарёи Шохдара қарор гирифтааст ва деҳаҳои Чандин ва Падйӯд дар ин дара ҷойгиранд.

ни онҳоро аз он тараф бароварда, пас гаштан намондаанд, ба зери қалъа бурда, банд кардаанд.

Баъд ҷандрол аз ҷиҳати Саидмаъсум барои ҷарнайл хати талабнома навишта, ба каминдон фиристонда, ки ин хатро ба Файзобод фиристонед. Дар муддати чанд рӯз Саидмаъсум омада расид. Муддати се моҳ ҷандрол дар Хоруғ мондаанд. Ва дар охир, моҳи ноябр,ҷандрол ҳамроҳи фавҷи худ якбора ин тарафи Шуғнонро монда, бархоста рафтаанд. Аммо касе надониста, ки аз чи сабаб мамлакатро монда рафтаанд. Баъзеҳо ба тахмин гуфтаанд, ки подшоҳ фавт шудаст, аз ин ҷиҳат рафтаанд ва баъзеҳо гуфтаанд, ки қоидаи рус чунин аст, ки ҳар мамлакатро, ки гирифтаанд, он сол онро монда мераванд ва ба соли дигар омада истиқомат намоянд. Аммо намедонем аз ин ду калима сухан кадом рост асту кадом дурӯғ. Ва Азизхонро ҷандрол мингбошӣ карда буд, аз барои нигоҳбонии мамлакати худ. Саидмаъсум ва Азизхону Улуғбекро монда, ки ба сарпарастии мамлакат то раият мустаҳкам бошед, инчунин супоришот пеш аз рафтан карда буд.

Алқисса, рус, ки якбора рафт, ин одамони русро афғон ба назар нагирифта ва хиёле ҳам накарда, боз Шуғнонро тамоман ба дасти худ гирифта. Аз Хоруғ поён боз ҳамон ҷабру ҳамон зулм, бал кам зиёдтар шуда. Аммо аз қишлоқи Танг поён ҳам рафтомад ва ҳамчунин, аз Тусён, Табдем поён рафтомад буд, магар монанди Хоруғу Поршинеф набудаанд.

Дар охири тирамоҳ аз Саидмаъсум ва Азизхону Улуғбекро назарбанд кардаанд. Гулбеку Чаҳоршанбе номон навкарони ҳоким Абедуллоҳхон болои онҳо пайра дар қишлоқи Миденшор, дар Поршинеф як хонаро холӣ карда истиқоматгоҳ ба онҳо. Рӯзона рӯи қишлоқҳо ҳамроҳи Гулбеку Чаҳоршанбе сайл кардаанд ва бегоҳӣ омада, дар он хона хоб мекунанд. Чанд рӯз ба ҳамин тариқ зиндагонӣ карданд. Вақти охирини тирамоҳ дар хона як ҷо ҷамъ шуда, ҳар шаб дасту пойи ҳамдигарро маҳкам баста, гуфтаанд ҳоло кадом аз моён

метавонад худро халос кунад. Гоҳе аз онҳо яке худро халос кунад, гоҳе ҳеҷ кадом натавонистанд худро халос кардан. Аммо гоҳе Гулбеку Чаҳоршанбе Саидмаъсуму Улуғбекро мебастанд ва гоҳе Саидмаъсуму Улуғбек Гулбеку Чаҳоршанберо бастанд. Ҳар шаб ба ҳамин бастану халос кардани ҳамдигар машғулият доштанд.

Тирамоҳ тамом шуда буд, дар охири зимистон, аммо барф ҳанӯз бисёр буд. Баъд як шаб боз ба одати бозӣ ҳамдигарро баста ва шаб ҳам як пос гузашта, Гулбеку Чаҳоршанберо хуб маҳкам баста баромада, дарро аз берун занҷир карда, тарафи Бартанг гурехта рафтаанд. Се нафари он бандиҳо ва Мусайобу Олимшоҳ аз қишлоқи Хоса, ҷамъи панҷ нафар то рӯз мешавад, ки онҳо дар қишлоқи Шуҷанди Рӯшон мерасанд. Гулбеку Чаҳоршанбе ҳанӯз бастагиву дар занҷир аст, як аврат ба паҳлӯи он дар омада, ки аз даруни хона садои ҷонхудоӣ мешунавад. Он аврат рафта, Элбон номро хабардор мекунанд, аммо офтоб нимчошт шуда, мазкур дар хона даромад, пайраҳо бастагиву бандиҳо нестанд. Онҳоро халос карда, ба қалъа рафта хабар бурда, ки нимрӯз шуда, кифтон Грандил фавҷ гирифта, аз ақиби бандиҳо тез шуда рафт. Аммо Саидмаъсум барои ноиб Муҳаммадрозиқи Барзуд хат фиристонда ва худҳо ба Бартанг рафтаанд. Ба андак замон ба вазирбача дар қишлоқи Йемс пайвастаанд. Ва кифтон Грандил ҳам ҳамроҳи дусад нафар сипоҳ дар Шуҷанд расиданд. Сад нафар тарафи Йемс рафтаанд ва сад нафар тарафи Вомар рафтаанд. Ва ноиб Муҳаммадрозиқ то майдони қишлоқи Рузз[165] омада, ки лашкари афғон омад. Пас гашта тарафи хона, қишлоқи Барзуд гурехта. Чанд нафар аз ақиб карда, қариб ба гирифтан шуданд, ки он ҳам дар ҳавлӣ даромада аспро партофта, дар хона да-

[165] Номи ин деҳа (қишлоқ) дар дастнавис ба шакли “Рузз” (саҳ. 113) ва дар нусхаи чопӣ ба шакли “Раз” ё “Руз” (саҳ. 161) сабт шудааст.

ромада ба дари дигар баромада, рост ба қишлоқи Шиз[166] рафта. Афғонҳо дар хона даромаданд, ҳарчанд шӯриданд наёфтанд, баромаданд мардуми Барзудро чунон танг кардаанд, ки ранг ба рӯи мардум намондаанд. Ноибро наёфта пас гашта, ба қалъаи Вомар омаданд. Ва онҳо, ки тарафи Йемс рафта буданд, вазирбача ҳамроҳи чанд нафар ҷойдорию рус ва Саидмаъсум дар Йемс буданд, хабар шуданд, роҳи афғонро гирифта, ба Йемс намонда, ҷанг шуда хело тирборон бо ҳамдигар карда, ҳар ду шикаст хӯрдаанд. Афғон гурехта ба қалъаи Вомар рафта, вазирбача шикаст хӯрда, ба Сипонҷ гурехта. Ва ноиб Муҳаммадрозиқ лашкар карда омада, ҷанг шуда, ду нафар аз лашкари Рӯшон тир зада ҳалок шуданд ва афғон дар қалъа даромада, дарвозаро маҳкам кардаанд. Муддати шаш рӯз кифтон ҳамроҳи фавҷ дар Рӯшон монда ва аз ҷиҳати ёғӣ шудани мардуми Рӯшон аз тарс ба қишлоқ баромадан натавонистанд. Ба рӯзи ҳафтум аз қалъа баромада, ба Шуғнон омад. Чанд рӯз гузашта буд, ки Ҳоҷӣ Хайримуҳаммад як хатро дар чӯби кафондагӣ маҳкам карда, аз тарафи Рӯшон баромада, дар Поршинеф, дар қишлоқи Бувид фаромад. Фармуд: «Азизу Ғуломшоҳро фарёд кунед». Мазкуронро ҳозир карданд, гуфт: «Барои ман буйруқ[167] омада мӯҳр кардагӣ». Ба онҳо нишон дода, ки аз тарафи дарё Шуғнонро аз ҷиҳати муҳофизат кардани мамлакату раият ба ман вазирбача супориш карда, то имрӯз афғон хурду бурд, гузашт. Аз имрӯзу фардо афғононро ин тараф нигоҳ кардан намемонем. Чунки ин тарафи об ҳудуди рус аст. Баъд ҳарчанд мосал аз афғон ва ҳоким дар қишлоқҳо будаанд, ҳамаро рухсат карда гуфт: «Баъд аз имрӯз дигар ин тараф омадан ҳавас накунед. Ин буйруқро

---

[166] Шидз, деҳае аз деҳоти хушманзари н. Рӯшони Тоҷикистон.

[167] "Буйруқ" низ калимаҳои туркӣ аст ва маънояш "фармон" мебошад.

Оқподшоҳ аз чи сабаб барои ман фиристондааст? Аз сабаби ин, ки мамлакату раияти маро хуб нигоҳубин кунед».

Алқисса, бистушаш нафар чаққони зӯровар ба ӯ навкар шуда, аз Хоруғ то Поршинеф назорат мегашт. Тамоми раият аз чанголи афғон халос карда, чунон хушиҳо дар қишлоқ шуда, ки касе дар пӯсти худ намеғунҷад. Баъд, як рӯз Қозиҷозатшо ин тараф Хайрмуҳаммад хабар шуда, ҳамроҳи навкарони худ ҳозир шуда, фармуд: «Қозиро дастгир кунед». Қозӣ гурехта, то лаби гузар онро дунбол карда, нарасондаанд. Ва навкари ӯро, Сафар номро гирифтанд, чунон азоби ӯ кард, рамақи ҷон монда, фармуд: «Ӯро ба гузар парронидан». Баъд аз Поршинеф омада дар Хоруғ истиқомат кард. Ва гоҳе ба тариқи саёҳат ба Сучон шаш рӯз мондаву гоҳе Шохдара рафта, аз Тусён ин тараф панҷ ё шаш рӯз сайл карда омад ба Хоруғ расид. Ва дар моҳи июл хабар омад, ки Бинковстӯра ҳамроҳи фавҷи қазоқҳо ва Саидмаъсум ҳамроҳи тӯра омадаанд. Хайрмуҳаммад дар қишлоқи Питов, дар ҷои Давлатшоҳ авқот фармуда ва худ пешвоз ҳамроҳи рафиқон баромада. Қариби пули Боғеф рафта, тӯра дучор мешавад. Баъд Хайрмуҳаммад аз ёрон мепурсад, ки чӣ тариқ салом ба тӯра бикунем. Ҷавоб доданд: «Салом карда ва дастро баробари пешонӣ бурда ва аз асп нафароед». Хайрмуҳаммад ҳамчунон карду дигарҳо аз асп фаромада, ҳамроҳи Саидмаъсум даст гирифтанд. Тӯра мепурсад, ки ин кист? Гуфтаанд, ки ин ҳоким аст мегӯяд, ки мулкро ман гирифтаам. Тӯра қаҳр карда, якбор гирди ӯ гашта, қамчин назада ва фармуд аз асп фаромада ва дар Питов ӯро банд кард ва дигар суроқ накард. Шаб монда ва рӯзи дигар ба хона рафта қарор гирифт. *Тамом.*

# ДАФТАРИ IV

аз навиштаҷоти Охун  Салмон
ва
Сайид Шоҳфутур

# З А М О Н И   Н И К О Л А Й

*Омадем ба қиссаи Николай.*

Дар соли асп, дар моҳи август ҷандрол ва Бинковстӯра ҳамроҳи лашкар ва Туқур мингбошии Помири Мурғоб ва Мӯсо ном қарғиз дохили Хоруғ шуда, Азизхонро аз Шохдара то Шуғнон мингбошӣ кардаанд ва Шоҳсабоӣ ном аз қишлоқи Чарфем тарафи Ғунд то Сучонмингбошӣ карда. Ва қарғиз Мусоро падари Абдуллоҳ - Ниёзмуҳаммад дар кадом замон барои худ писархон гирифтааст. Бо ҳам монанди ҳамхонагӣ будааст. Туқур ба воситаи Мусо Абдуллоҳро дар Хоруғ оқсақол карда. Ва охири моҳи ноябр рус якбора аз Хоруғ кӯчида рафт.

Ва дар соли гӯсфанд, дар моҳи июли ҳиҷрӣ, мелодӣ 1894 буд, ки Бинковстӯра ҳамроҳи камтар фавҷ омада, дохили шаҳри Хоруғ шуда, қарор гирифт ва ҷои иморат талаб карда. Ба дашти поён ба ӯ нишон дода будаанд, хуш наёмада қабул накард. Ва ҳамчунин, ба дашти Бархоруғ вайрона қалъа буд, онро нишон додаанд, он ҳам хуш наёмада, қабул накард. Дар ин шаҳри Хоруғ, ки иморати конагии[168] рус, ки ҳозир воқеъ аст, ин ҷову маконро нишон дода, ки дар ин ҷо иморат мекунем. Ва гуфт: «Ба соҳиби ин ҷову макон маслиҳат карда, розӣ намуда, то ман иморат бино намоям». Аммо деҳқонони Хоруғ ҳама пахтакор буданд, аз баъзеҳо дар он ҷо замин буд. Ба ҷуз аз кишти пахта чизи дигар дар он ҷо кишт накарданд.

Алқисса, Давлатбек номро розӣ карда, замини ӯро барои иморати атрат[169], барои тӯра тасарруф карда, иморат бино ниҳод. Якуним сол ба истиқоматкардани началник гузашта, ки аҳвол омад кӯҳистони Бадахшонро Оқподшоҳ, ба ғайр аз Помири Шарқ, дасторхон барои амири Бухоро бахшида

---

[168] Тарзи талаффузи таҳҷоии калимаи "кӯҳна".
[169] Тарзи талаффузи калимаи русии "отряд" аз тарафи мардуми таҳҷоӣ.

дод. Ба соли дуюм Эшонқул ишағабошӣ[170] ба Рӯшон мулкӣ шуда, қарор ёфт.

Ва Акбархонбӣ аз насли шаҳҳои Шуғнон ба Хоруғ ҳ-окиммулкӣ омада, аз Шуғнон то ҳадди Вахон, бародари худ Мансурхонро ба Ғорону Ишкошим то Вахон ҳоким карда фиристонид ва худ дар шаҳри Хоруғ қарор гирифт. Ва Мирзоҷӯрабек маҳрам - болобини ҳокими мазкур буд, ба наздики ҳаволии Акбархон истиқоматгоҳ гирифта, тамошо мекард, ки ҳоким Акбархон ба чи тариқ зиндагонӣ мекунад ва аз деҳқонон чи чиз мегирад. Ба ҳар тавре, ки Акбархонбӣ паҳлӯ гаштааст, ҳамаро рӯихат Мирзоҷӯрабек гирифта, воқеа карда, ба амири Бухоро фиристонид. Бо умеди ин, ки инро маломат карда ва худ ба ҷои ин ҳоким шавам.

Ва Азим ишағабошӣ ҳамроҳи панҷоҳ нафар сарбоз дар шаҳри Хоруғ омада, муддати як сол истиқомат карда рафт. Ва эшонҳое, ки мурид доштанд, яъне Юсуфалишоҳ ва монанди он ҳар чанд эшонҳо, ки дар Шуғнон буданд, ба онҳо мансаби авроқӣ[171] дода, дар сол аз амири Бухоро барои ҷамъи амалдорони Бадахшони Кӯҳӣ аз авроқҳо ва мирохӯрҳову қаровулбекиҳо ва ҷибачиҳо[172] хилъат омада.

Барои авроқҳо ба ҳар кадом ду ҷома, яке таҳпӯш ва яке болопӯш  ҳамроҳи понздаҳ газ дастори саллаворӣ маъа садушаст тангаи бухорӣ. Ва мирохӯрон, яъне мингбошиҳо ҳарчанд, ки дар Бадахшони Кӯҳӣ буданд, як чакман болопӯш, сездаҳ газ дастор, саду сӣ танга бухорӣ. Ва қаровулбекиҳо як ҷома, дувоздаҳ газ дастор, шаст танга ва ҷибачиҳо як ҷома,

---

170 “Ишағабошӣ” ё “ишоқобошӣ” – болотарин масъули чорабиниҳо; дар ин ҷо ҳамчун яке аз унвонҳои онвақтаи намояндагони Аморати Бухоро фаҳмида мешавад.

171 Унвони динӣ, ки хусусияти ифтихорӣ дошта, масъулияти мушаххасро барои иҷро ба уҳда надошт.

172 Инҳо аз зумраи гумоштагони мирон дар сатҳҳои гуоногуни ҷомеа буданд.

дувоздаҳ газ дастор, панҷоҳ танга. Ва кадоме, ки баъд аз ин қаровулбекиҳо ва ҷибачиҳо ба тортиқ гирифтаанд, як ҷома, даҳ газ дастор, чиҳил танга ба қаровулбекӣ додаанд. Як ҷома, даҳ газ дастор, сиву панҷ танга. Аммо кадомоне, ки ба тортиқ қаровулбекӣ шуд, маблағи сесад рупия, ду чакмани навқулочӣ, як қичқори калон, ё як нарбузи калон ба Эшонқул тортиқ дода, қаровулбекӣ шуд. Ва ҳар вақт, ки аз Рӯшон ба Хоруғ омад, ё гӯсфанди калон, ё як нарбузи калон ба саломӣ ҳукман[173] меовард. Ва агар кадоме ба тортиқҷибачӣ кардаанд, дусад рупия, ду чакмани навқулочӣ, ё қичқори калон, ё бузи калон тортиқ дода, то ҷибочӣ[174] шуд. Ва кадомоне, ки дар аввал қаровулбекӣ ва ҷибачӣ шуда буданд, чизе надодаанд, бе тортиқ навкар шуда буданд.

Ва Акбаршоҳбӣ тобистон ба ҳокимии Шуғнон омада, дохил шуд. Ва ба тобистони дигар Мирзоҷӯрабек ӯро маломат карда, амири Бухоро Акбархону Ҷӯрабек, ҳар дуро аз Шуғнон кашид. Ба тамоман мамлакати Кӯҳистони Бадахшон Эшонқул ишағабошӣ ҳоким шуда, тасарруф шуд. Ва як нафарро амлокдор[175] дар шаҳри Хоруғ қарор дод ва иморат қурған кашида, дарвоза нишондаанд. Ва як нафарро ба Вахон, Ишкошим то Ғорон амлокдор қарор дод ва худ дар Рӯшон ба қалъаи Вомар истиқомат кард. Дар сол ду маротиб ба Шуғнон, шаҳри Хоруғ омада. Яке фасли баҳор, вақти гулшукуфти мева аз барои сару по додани эшон, авроқ ва мирохӯру навкария, яъне қаровулбекиҳо ва ҷибачиҳо, муддати се рӯз ид гу-

---

173 Синоними калимаи “ҳатман”. Ба назар мерасад, ки “укман” ё “укманд” аз ҷиҳати маъно, мазмун ва баромадаш сирф тоҷикӣ буда, аз ду ҷузъ: исми “ҳукм” ва пасванди “ан” ё “анд” сохта шуда, мафҳуми таҳтуллафзиаш “таҳти ҳукм”, “таҳти амр”, яъне “таҳти иҷроиши бе чуну чаро” мебошад.

174 Шакли дигари талаффузи “ҷибачӣ” аст, ки яке аз унвонҳои поёнии хизматгорони Аморати Бухоро будааст.

175 Мансабдоре, ки вазифааш ҷамъоварии андоз, асосан андоз аз ҳосили заминҳо, буд.

заронид. Рӯзи аввал сару по дода ва ба дашт пога давонидану бузкашидан. Ва ба тамошогоҳ началик ҳамроҳи фавҷи худ ва деҳқонон аз хурд то калон, аз қишлоқи Сохчарв то қишлоқи Барсеми Сучон ва аз қишлоқи Тусёни Шохдараи поён ин тараф ва аспдору байталдор аз ҳадди Ҷавшангоз то Хабост ва аз ҳадди Бадшор то Бидур тамоман ба тамошо ҳозир шуданд. Ва деҳқонони Поршинефро Саидюсуфалишоҳ тартиб дода, зуғомҳо, яъне рубобу сеторва ғижжаку даф, ҳамаро соз карда, зуғомчиҳо пешу аспакбоз ва калтакбозу раққоси махсус, ду нафар пешопеши нағмачиҳову Сайид дар ақиби бозигарон ва боқӣ мардуми хурду бузург аз ақиби Эшонаврок ба чандин тантана намоиш омада.

Мобайни дашт Эшонқул суфача фармуда буд. Началику Эшонқул то Сайиду мингбошиҳо ва қозиҳо ба он суфа баромада, қарор гирифтанд. Ва тамошогар аз тарафи Афғонистон то ин тараф чунон ҷамъ шуда буд, ки замона ларза кард. Баъд аспҳои погаро се тақсим карданд, баъзе аз қазоқҳо ҳам дар сафи пога даромаданд. Ба якум асп ҷомаи бухорӣ, ба дуюм ҷомаи чити астарнок маъа чанд сӯм ба сеюму чаҳорум аз сӣ сум то биступанҷ. Ба тақсими дуюму сеюм ҳам ҳамчунин. Баъд аз пога бузкашӣ давом карданд. Касе тавонист аз байни ғалабаи савор бузро якбор баровард пата[176], даҳ сум, ду маротиба понздаҳ сум, агар се маротиб баровард, ҷомаи чити астардор.

Рӯзи дуюм ва сеюм гӯштингирӣ давом карданд. Раияти Афғонистон як тарафу раияти тавобеи рус як тараф. Агар касе се нафарро дар гӯштин зад, як ҷома чит беастар гирифт ва агар аз паҳлавонҳои миёна, агар касе се нафарро зад як ҷома

---

[176] Ба ҷойи муайяншуда, ки маънои ғолибиятро дорад, баровардан. Худи калимаи “пата” маънои нуқтаи охири давидан ё пойгаҳи аспҳоро дорад, ки дар забони варзиш онро “финиш” мехонанд.

астардор гирифт ва агар паҳлавонҳои зӯру номдор яке аз яке зад, ҷомаи хуб пӯшонданд...

Аммо дар он се рӯзи ид ба ҷуз аз мингбошиҳо ва эшонҳову қозиҳо ва оқсақолҳову навкария, яъне қаровулбекиҳо ва ҷибачиҳо, ба каси дигар хӯрок надод. Ва дигар дар қишлоқ касеро ба тӯҳмат, ё барости[177] кори бачагӣ гирифтор карданд, ҳашт рӯз онро банд карда ва сесад танга ӯро иштироб[178] кард.

Касе нотавону кабағал буд, аз ҷиҳати қимат будани пул хонаи падари худро фурӯхта, сесад тангаро мавҷуд карда, оварда ба мир супорид ва бист танга касе, ки мосал буд, он мосалона мегирифт. Агар байни ду нафар деҳқон дар хусуси замин, ё боғ бо ҳам ҷанҷол доштанд, яке аз онҳо тавоно ва яке камбағал, аз он тавоно ду чандони он ҷанҷол пора хӯрда ва ҳақ аз он камбағал буд, аммо аз ҷиҳати пули накд он нотавонро хориҷ аз хонаи падарӣ карда ва ҳакро ба ҷониби он тавоно кардаанд. Сад танга пора хӯрад, дусаду панҷоҳ танга аз ҷанҷол талабида, як мосал аз барои ҳосил кардани пули мирӣ маблағи даҳ рупия ғайри пули мирӣ он навкар мосалонаи худ аз он деҳқон гирифта, панҷ рупия қозии васиқа дода мӯҳрона[179] гирифт. Ҳарчанд андак ҷанҷол буд, ду баробари он ҷанҷол мир Эшонкул пул мегирифт. Аз ҳар деҳқони камбағал, ки мероси ҳаққӣ буд, қатъан замин ё боғ, ё хонагоҳ, ё коҳдарав, ё ғайри инҳо чизи дигар буд, ҳамеша аз ӯ ҳаққу мероси падарӣ набаромада ва ҳақ мудом ба ҷониби тавоно буд, на аз камбағал. Ва камбағали бечора дарбадар шуд.

Яке аз он ҷумла нишон медиҳем ва исбот мекунем, ки Ғарибмуҳаммад ном поршинефӣ аз қишлоқи Буведи Кунҷак буд, фавт шуда, духтараш Давлатбахт ном бародар надошт,

---

[177] “Барости...” калимаи шуғнонӣ буда, дар ҷумла он ба маънои “дар муқобили...”, “дар баробари...”, “барои кори...” омадааст.
[178] Шакли дар забонҳои маҳаллӣ шикасташудаи “штраф”-и русӣ аст, ки маънояш “ҷарима” мебошад.
[179] Ҳаққи мухр.

хокхонаи падари худро гирифта, қарор гирифт. Усто Шанбе ном аз алоқаи Шохдара, аз қишлоқи Роҷқалъа бе ғайри ҳақ ба он заифаи бечора хокшарик баровардаанд, аммо ҳеҷ санаду субот[180] надошт, магар тавоно буд. Он аврати бенаворо лоборис[181] баровардаанд. Ҳарчанд доду фарёд карда, касе он мазлумаро бозхост накарду напурсид. Миқдори шаш улоғ тухмбар аз боғ то замин ва як сер тухмбар аз ҳавлӣ то иморати ободонӣ, ҳамаро хонаи падарии Усто Шанбеи Роҷқалъа бароварда, қарор додаанд. Ва он духтари Ғарибмуҳаммади мутаваффоро аз хоку хона то боғи мероси падарӣ як порча ҷо надода, ноумед намуда, бадрақаи[182] куллӣ карда, кӯчондаанд. Он аврати беғамхор ҳамроҳи фарзандони хурдсолони худ ба чандин мотаму сӯз рафт. Ва он ҷову макон аз замин то боғ Саид Юсуфалишо ба қимати як байталу сад рупия, ба хату мӯҳри қозӣ қатъан хариду писари худро, Сулаймоншо ном фавран дар он хоку хонаи мавзеи Кунҷак оварда нишонид. Аз боғ то замину ҳаволӣ тасарруф шуд. Ҳар гоҳ ҳамчунин нишон дода мешавад, аз мақсад боз монем.

Агар ду муддаӣ бо ҳам заминҷанҷол доштанд, яке аз онҳо тавоно ва яке нотавону камбағал буд, он тавоно ба ришвату пора хотирҷамъ буд ва он номуроди камбағалро аз се сол боло напурсиданд. Ва боло аз ин, ҳокиммулкӣ, яъне Эшонқул чунин гуфт, ки аз раият миқдори боқилоро бепул на ман мехӯраму на рус. Чизе ки барои моён заруру бакор шавад, магар онро аз деҳқон талаб мекунем, пул медиҳем.

Баъд Азизхон мингбошӣ ва оқсақол Абдуллоҳ бо ҳам машварат карда, кадомро, яъне гӯсфанду равған навбатӣ, қарор додаанд. Чунончи, даҳ рӯз панҷаи[183] Шохдара харҷи миру рус гӯсфанду равған дода буд, даҳ рӯз панҷаи Ғунд дода, ҳашт

[180] Яъне “собит”, “исбот”.
[181] Бе фарзанд.
[182] Бадраға.
[183] Воҳиди ченаки ҳудуди маъмурӣ.

рӯз панҷаи Поршинеф. Гӯсфанд қимати ним сӯм додаанд ва қимати як коса равған миқдори чаҳор қадоқ[184] аз як танга то якуним танга додаанд. Ва арбоб, дар навбати аввал, агар аз деҳқон гӯсфанд гирифт, дар навбати дуюм аз он деҳқон равған.

Як сабади калон улчак кардаанд аз ҷиҳати гирифтани коҳи сафед. Ду ҷувол коҳ як сабад баромад, ним сӯм. Аз ҷиҳати сарчин[185] шохчаи якуним қулоч ҷӯбро чаҳор паҳлу тарошида, улчак кардаанд ва шохчаи сарчинро монанди суфа чаҳор паҳлу задаанд. Баландӣ ва дарозиву паҳноӣ ба он улчак дуву ним сӯм, сарчини ғавс арра задагӣ дарозӣ чаҳор метр, баландӣ якуним олчин[186], паҳноӣ ним олчин аз се то чаҳор сӯм ва сарчинии аъло, яъне мевагӣ ва хори ғавс аз панҷ то шаш сӯм.

Пут[187] гандум шаш танга, пут ҷав як сӯм, лашак-пут чаҳор танга, коҳи ришқа, агар дарзаи калон буд, се дарзаро як дарза ҳисоб карданд ва агар майда буд, панҷ дарзаро як дарза ҳисоб кардаанд, дарза се пулӣ.

---

[184]“Қадоқ” ё “қудоқ”- ченаки вазн.

[185] “Сарчин” яке аз он калимаҳои маъмули забони шуғнонӣ аст, ки дар талаффузи имрӯза аксаран дар шакли “сарҷим” омада, тӯдаи ҳезумеро дар назар доранд, ки бо як тартиби муайян чида ва баста шуда бошад. Чун тайёр намудан ва супоридани ҳезум қисме аз қисматҳои андоз маҳсуб мешуд, “сарчин” ба як шакли ченаки андози ҳезум табдил ёфта буд. Аз ҷумлаҳои боло маълум мегардад, ки муаллифони асар маҳз ҳамин шакли андозро дар назар доштаанд.

[186] Ченаки дарозӣ, ки аз калимаи “аршин”-и русӣ ба забони тоҷикӣ омадааст, вале асли он форсӣ аст. “Араш”, ки дар забони форсӣ маънои “оринҷ”-ро дорад, дар водиҳои кӯҳистони Тоҷикистон дар охирҳои асри 19 паҳн гардида, ҳамоно ченаки дарозӣ аз оринҷ то нӯги ангушти ишоратро дар бар мегирифт, ки ба 40 – 45 см рост меомад.

[187] Шакли дурусташ “пуд”, ки ченаки вазн дар забони русӣ аст ва як пуд ба 16,38 кг баробар аст.

Пут пиёз ним сӯм, ин ҷамъи нархи атрад буд. Ва нархи мири Бухор, яъне Эшон Қулбек забонӣ ба ҳамин нарх буд. Аммо арбобҳо гуфтаанд, ки ба қурғани мири Бухор, ки кадом медиҳем, пули онро на мири калон медиҳад ва на амлокдор. Ва агар арбоб дар бораи хироҷ додани гӯсфанд ё равған андак таъхир карданд, азоб карданд ва овезон ҳам мекарданд. Агар гӯсфанди кадоме як пайса буд, онро ҳеҷ нагирифтанд.

Арбоб ду гӯсфандро ба деҳқони Хоруғ дода, як гӯсфанди калон оварда супорид, пули онро як танга додаанд. Коҳи сафед ба он сабади улчакӣ гирифта, як танга додаанд. Ва баъд аз ин деҳқонони шаҳри Хоруғ бисёр полезкори харбузаву тарбуз то пиёз буданд. Саллотҳо[188] шаб омада уздида бурданд. Касе полезбон буд, хабар шуда садо баровард, чунон азоб ӯро карданд, ки аз тарс дигар садо накарда, ҳарчанд харбуза ва тарбуз ба ихтиёр  худ, он полезро лош карда, гирифта рафтаанд. Полезкориро деҳқонони шаҳри Хоруғ то Баҳрхоруғ тамоман бас карданд.

Ва мири Бухор андози ушри заминро ба раияти тавобеи худ қарор дод. Аз навкарияи худ, яъне қаровулбекиҳо ва ҷибачиҳоро дар сари кишти деҳқонон мушриф  қарор дод. Вақти охирон дарав навкарони худро ҷамъ карда ва ба ҳар кадоми онҳо қишлоқҳоро тақсим карда, муқаррар намуд. Ва насоеҳ кард онҳоро, ки як шаб деҳқони раият, ҳар кадоми шумоён ҳушёр бошед ва назорати хуб намоед, ки надузданд. Ва бе ҳозир будани ҳар кадоми  шумоён дастро ба ғалла набаранд, агарчи даҳ рӯз ҳозир набошед. Ва ғалларо деҳқон бод карда, аз коҳ бароварда, покиза карда бошад. Ба он дастур бимонад, то ҳар кадоми шумоён ҳозир нашавед, ба он ғаллаи деҳқон ғарз накунанд. Вақте ки ҳозир шудед, ба сари он ғалла нишаста, соҳибаш онро санҷида ва шумоён ҳисоб намуда, ҳарчанд улоғу сер ва мушт барояд, рӯихат кунед. Ва ҳамчунин, коҳи

[188] Шакли талаффузи калимаи "солдатҳо" дар забонҳои маҳаллӣ.

сафедро дар ҳар қишлоқ як сабадро улчак карда, ҳамаи деҳқонони он қишлоқ ба он сабад коҳи худро бисанҷанд, аз ҳар кадом деҳқон аз ҳар хирман чанд сабадӣ барояд, ҷудо-ҷудо рӯихат кунед, ки ҳар кадом деҳқон ба пои худ чанд хирман доштааст ва ҷамъи чанд сабад коҳ барояд. Ва дар ҳар қишлоқ он сабади улчакро нишонӣ карда, ба назар гиред, ки бадал накунанд. Ва ҳамчунин коҳи сабзро дарзаҳисоб карда, ба қалам биёред. Аммо ришқаро ришқа ҳисоб шавад ва коҳи сабзро коҳи сабз, якранг ҳисоб накунед. Ва ҳамчунин, туту зардолу ва чормағзро, ҳар кадом ҷудо-ҷудо санҷида, рӯихат кунед.

Ва боло аз ин, ҳар кадоми шумоён ҳушёр бошед, ки касе дар қишлоқ ҷанг шавад ва ё дуздӣ кунад ва ё касе болои зан багир афтад ва ё занон бо ҳам ҷанг кунанд ва ё аз зани беваи бешавҳар авлод ба вуҷуд ояд, пинҳонӣ барои ман маълумот бидиҳед, ки касе нафаҳмад, ки ин аҳвол барои мир кӣ гуфта бошад. Ин ҳама фармоишро ба ҳамаи мушрифон фаҳмонда, ҳар кадомро ба участкаи онҳо мураххас карда, фиристонид. Мушрифҳо ба участкаи худ рафта, қарор гирифта, машғул шуданд.

Аммо бештар дар қишлоқҳо хирман тайёр шуда буду ҷоҷо ягон хирман монда буд, хат расид, ки андози ушр бахшиш шуд. Мушрифҳо аз қишлоқ кашида шуданд ва кишту кори деҳқон боз ба тасарруфи деҳқон монд.

Ва Абдуллоҳи Хоруғ муддати панҷ сол оқсақолӣ карда буд, аммо зӯровар буд, ҳам мири Бухор аз ӯ ваҳм дошту ҳам Азизхон мингбошӣ.

Аносуф[189] ном началик омада, бисёр тунд буд ва ҳам газмол аз ҳар хел читу сон, зард то сафед, аммо мол аз худ набуд, моли подшоҳӣ буд. Ҳам началики Шуғнон буд ва ҳам савдо мекард. Баъд оби Барҷефи Хоруғ аз ҷиҳати атрад ва ҳам

---

[189] Капитан Аносов П.С. – сардори отряди Помир дар давоми солҳои 1898 -1900.

аз ҷиҳати таому чой, ҷӯйро сарпӯш карда, то мобайни қурғани рус. Дар он мобайн шаршара карда, аз он шаршара об гирифта мехӯрданд ва ҳам ба таому ҳам чой аз он об буд, на аз оби дарё. Баъд рафта-рафта кам шуда, банд шуд, аммо вақти ришқадарав буд.

Алқисса, Аносуф началик оқсақол Абдуллоҳ ва Саидмаъсумро гирифта, ба сари чашмаи оби Барҷеф баромаданд. Ба сари чашма расиданд, мардикор ба он чашма кор мекарданд, ки чарха омада, ҳар кадом ба як тараф гурехтаанд ва Абдуллоҳ оқсақол ба як тараф. Ва он чарха барости ӯ омада ва ба пӯшоки танаш печ хӯрда, дигар ҷудо ношуда, печопеч хело бурда, ҷудо мешавад, ки ҳаракати зиндагонӣ намондааст. Гирифта оварда, дар хона як шаб рӯз монда фавт шуд. Ва ба ҷои ӯ бародари калонаш Сулаймонро оқсақол карданд.

Ва давраи мир Эшонқул шаш сол тамом шуда буд.

Як рӯз амлокдори Хоруғ Давлатбек ба саломи началики Хоруғ рафта, ки началик барои ӯ гуфтааст, ки ба ҷои мир Эшонқул Мирзоюлдошбӣ аз Бухоро баромадааст. Амлокдор барои Эшонқул хат карда, ки началик барои ман чунин аҳвол гуфта, ки ба ҷои мир Эшонқул Мирзоюлдошбӣ баромадааст. Ҷавоби хат фавран ба амлокдор фиристонда, ки чунин аҳвол барои ман наёмадаст. Аммо ин аҳволро хуб тайъин карда, ба зудӣ барои ман маълум намоед, мабодо рост бошад. Аммо аз шунидани ин аҳвол, он чи муомила лоиқ будаст, ба сарришта кардани он машғул шудааст. Баъд аз панҷ рӯз аз роҳи Дарвоз хат омада, ки рост будааст. Дар ин сурат, то ба расидани Мирзоюлдошбӣ он чи моли зарурӣ буд, ҳамаро сарришта карда, пеш аз расидани Юлдош саъй карда, шабу рӯз бор карда, ба Дарвоз фиристонид ва боқӣ аҷносу мол ҷо ба ҷо монда.

Ва муддати даҳ рӯз гузашта, ки Мирзоюлдошбӣ ба роҳи Дарвоз омада, дохили қалъаи Вомар гардид. Он чи он ҷо буд Эшонқул барои Юлдош тасарруф карда супорида ва ба рӯзи дуюм мураххас шуда рафт. Ва Мирзоюлдош як нафар шаҳри-

ро ба ҷои амлокдори Хоруғ – Давлатбек фиристонда ва Давлатбекро гирифтаанд. Муддати чиҳил рӯз Мирзоюлдош дар қалъаи Вомар дам гирифта ва ба саломи началики Хоруғ омада, ҳамдигарро дида ба қурғани мирӣ омада қарор гирифт. Муддати понздаҳ рӯз дар қурғани Хоруғ монда ва он нафари шаҳрӣ, ки ба ҷои Давлатбек амлокдори Хоруғ фиристонида буд, онро аз қурғани Хоруғ гирифта, ба Вахон амлокдор карда фиристонид. Ва дар Хоруғ Каримхон номро амлокдор муқаррар карда ва худ боз ба Рӯшон мурочиат карда рафт.

Аммо Юлдош бисёр одами тезу тунд буд. Ва мир Эшонқул айёру ҳушёр буд, дунёро дар шаш сол бисёр хӯрда, аммо касе аз ӯ гиламанду додгӯ набуд ва касеро алам намедод, ба ширинзабониву нармгӯӣ гузаронид. Мирзоюлдош як сол монда ва ба соли дуюм андози закоти ҳайвонот, яъне бузу гӯсфанд ва гов ба раият андохта, як нафар аз навкарони шаҳрӣ ва чаҳор нафар ҳамроҳи Таваккали темӣ - панҷ нафар ҷойдорӣ, ҷамъ шаш нафар ба закоти ҳайвоноти Шохдара баромада рафтаанд.

Закотро бад-ин тариқ гирифтаанд, ки аз чиҳил бузу гӯсфанд як гӯсфанди миёна, ё бузи миёна, аз шаст сар бузу гӯсфанд яке калон ва яке хурдтар закот карданд ва аз ҳаштод ду гӯсфанди калон ва аз сад бузу гӯсфанд ду гӯсфанди калон ва яке миёна закот кардаанд. Ба ҳамин тариқ закот мекарданд. Ҷамъи закоти Шохдара сесад бузу гӯсфанд ва чиҳил гов то хишгов аз насли дусола то гови калон.

Аз тарафии Ғунд яксаду ҳаштод бузу гӯсфанд ва дувоздаҳ гов аз ду сол то се, то гови калон. Аз ин ҷумла сад бузу гӯсфанди калон ҳамроҳи худ оварда, ба қурғани мирӣ расониданд. Ду рӯз закотчиён дар қурғани мир мондаанд ва ба рӯзи сеюм аз қурған баромада ба закоти Вахону Ғорон ва Ишкошим мурочиат намуданд.

Мухтасари сухан ин, ки закотчиён аз Вахон гузашта ба айлоқҳо рафтаанд. Аз ҳадди бекати Харгӯшӣ ин тараф айлоқи

деҳқонони Вахон то йули мазор ва бикити Масто чангалак, ҳ-ама айлоқ буд.

Закотчиён ба айлоқҳо расиданд, ҳисоби молро ибтидо карданд, аз ҳар кадом буначудо ҳисоб карда, аз чиҳил сар бузу гӯсфанд як гӯсфанди калон, ё бузи калон чудо карда, ба чӯпони худ месупоранд.

Ба ҳамин тариқ, закоти Вахонро тамом карда, дар қишлоқи Зонг расида, ба қурғани мири амлок даромадаанд, ки мардуми Вахон дар он ҷо ҷамъ шуда, ба мири амлок дар бораи зулм гирифтани закот арз карда, ҷанҷол доранд. Бад-ин мазмун, ки дар закот гирифтан ҳеч кадоми моён мухолифу норозӣ нестем, аз қонун намегузарем, агар кор баинсоф бошад, дард надорад. Аммо кори зулму ноинсофӣ зиндагониро талх мекунад. Мебояд, ки аз чиҳил ҷондор, як ҷондори миёнаро ч-удо кунанд, ҳамаи моён розӣ ва қабул дорем. Аммо аз чиҳил ҷондор ҳар кадом гӯсфанд, ё бузи калон ва сарраи онро закот гирифта, чудо мекунанд. Ин роҳи инсоф нест, деҳқоноро ёғиву кӯбӣ накунед. Моён аз мамлакати хориҷия нестем ва гурезӣ ҳам ба ҷое намебошем, ҳама раият ва хизматгори ҳукумати худ ҳастем, аз ҷое наомадем ва ба ҷое рафтанӣ ҳам нестем. Магар умед мекунем, ки зулм бар моён накунед.

Баъд закотчиён гуфтанд: «Бародарон, аввал ин, ки ин кори шумоён нест. Дуюм чизе, ки мир моёнро фармудааст, ба фармоиши мир кор мекунем, на ба фармоиши шумоён.

Баъд Амонбек, мингобшии Вахон, чанд нафар одамони пурзӯрро фармуда, ки рафта ҳарчанд ҳаракат дошта бошед, хуб азоби сахт онҳоро карда, рухсат кунед, дақиқа намонед, ки оби Вахон бихӯранд».

Баъд чанд нафар пурзӯр вақти хуфтани шаб омада, чунон азоби сахт он закотчиёнро карданд, ки ҷони онҳо андак монда, аз нола ҳам мондаанд.

Таваккали темӣ гуфт: «Ба як вахӣ балад шуда, бо ҳам дӯст шуда будем. Тамошо кардаам, ки ба азоб кардани ман он

дӯсту рафиқи ман аст. Оҳиста гуфтам, ки ай дӯст, мову шумо бо ҳам лофи дӯстӣ зада будем, мурувват кун маро озор мадеҳ. Гуфт: «Нафаҳмидам, малол нашав». Баъд чунон задани сахт давом карда, ки ним дақиқа ҷон монда. Алқисса, ҷон бахшиш карданд, шабошаб онҳоро рухсат карда, гуфтанд: «Ба ҷое гиру маътал ношуда, аз алоқаи Вахон баромада биравед». Ин аҳволи Вахон ба Шуғнон омада. Баъд мардуми Шуғнон ҳам ба фармоишу иҷозати Саидюсуфалишоҳву Азизхон-мингбошӣ ҷамъ омада, ба ҳузури началик Арсенуф арз намуданд, ки моён ба закот гирифтани мири Бухор зиндагонӣ карда наметавонем. Аз ҷиҳати ин, ки аз чиҳил бузу гӯсфанд як гӯсфанди калон, ё бузи калон, ки аз он калонтар набошад, онро ба закот ҷудо карда мегиранд. Ва аз закоти гов, агар хурд то калон адади гов бист ба ҳисоб баромад ё понздаҳ, дар бадали он ҳам гӯсфанди миёна ба закот ҷудо мекунанд. Дар инчунин закот гирифтан мо деҳқонон тоқат надорем, агар аз инсоф закот мекунанд, гуфтугӯ надорем. Аммо ба зулм гирифтани закот зиндагонии моён дар ин ибтидои аввал бисёр талх шудааст, ки нишоне надорад. Имрӯз агар аз закоти ҳайвонот садои мо деҳқонон баромада, фардо ба андозаи ушри замин садои моён баландтар мешавад. Чунки закоти ушри заминро аз ин бадтару гандатар ҳисоб карда, мегиранд, ки тухм ҳам ба замин намонанд. Замини мо деҳқонон бура[190] мемонад, он вақт зиндагонӣ дучандон талхтар мешавад, на ширинтар. Ва аз коҳи сафед то сабз ҳам ҳамчунин, аз чорводорӣ ҳам тамоман халос мешавем.

Арсенуф началик ҷавоб дода, қабул накарда, гуфт, ки ин мамлакат аз мири Бухор аст, на аз ман, чунки ман қаровули мулк ҳастам. Агар қабул надоред ба гинероли Тошканд, ё ба амири Бухор ариза бидиҳед, шояд ба доди шумоён бирасанд, локин ман наметавонам.

---

[190] Замини санглохи беоб.

Алқисса, мардуми Шуғнон ҳамроҳи Саидюсуфалишоҳ ба Хоруғи боло ҷамъ шуда, ба генроли Тошканд аризаи шиква аз ноиби амири Бухор, Саиди мазкур ба дастхати худ, барои раияти Шуғнон навишта. Аризачӣ аз Шоҳдара Ҳақназари Бароҷ, аз Ғунд Давруқи Ғорҷвин. Аз барои харҷи роҳ ҳар кадоми раият ба рағбати худ аз чаҳор танга то се, аз дуву ним танга то ду барои аризачиҳо дода, ба роҳ андохта, ба Тошканд мураххас карда, рафтаанд. Ва ҷамъи мардуми Шуғнон ёғӣ шудаанд. Аз ҳар кадом панҷаҳо, яъне аз Поршинеф то Ғунду Шоҳдара навкари мири Бухор будаанд, яъне қаровулбекиҳо ва ҷибачиҳо, ҳамаро аз навкарӣ кашида, аз қурғани мири Бухор баровардаанд. Фақат навкарони Хоруғу Сучон ва Неъматуллоҳбек аз Поршинеф, аз қишлоқи Сочарв ба номи мири Бухор мондаанд. Аммо он чи мири амлок харҷ талаб карда буд, монеъ накарда, додаанд. Навкарони Хоруғу Сучон, ки аз навкарӣ набаромаданд, онҳоро ҳам манғитӣ ҳисоб карда гуфтанд ва онҳо, ки аз навкарӣ баромаданд, русӣ гуфта. Аммо навкароне, ки баноми мири Бухор мондаанд, ҳама мардуми деҳқон онҳоро бад медиданд ва ба хонаҳои худ ҳеҷ онҳоро роҳ надоданд, ки манғитӣ ҳастед.

Ҳақназару Давруқ, ки аризаи шикоят аз мири Бухор ба генроли Тошканд бурда буданд, зимистон монда, фасли баҳор омада гуфтанд, ки терговчӣ[191] меояд, аммо маълум нест, ки кадом вақт меояд.

Ва мир Юлдош ба Арсенуф началик гуфт, ки ё раияти маро барои ман бисупор ва ё аз мамлакати Шуғнон маро якбора ҷавоб дода, мураххас кунед. Началик ҷавоб дод:

«Аввал ин, ки раият аз шумост, аз ман нест, ман як қаровули муҳофизаткунанда ҳастам. Дуюм, раиятро ҳозир барои шумо супориш мекунам, қабул мекунанд, ман ҳам бисёр

---

[191] Терговчӣ – пурсанда, ки вазифаи прокурор (додситон)-ро иҷро мекард.

хурсанд мешавам. Ва ҳар гоҳ қабул надоранд, ба ман илоҷ нест».

Аммо ҷамъи раият ҳамроҳи Сайиду Мингбошӣ берун аз қурғани рус якҷо ҷамъ шуда, қарор намуда буданд. Мирзоюлдошу началик аз қурған баромада, ба ҳузури мардум омаданд. Началик гуфт: «Як дақиқа гӯш кунед, то ман як калима сухан ҳамроҳи шумоён дорам. Ин мири Бухор шумоёнро металабад, ман нододан шумоёнро қувват надорам, чунки мамлакат аз мири Бухор аст. Ман як қаровули мамлакат ҳастам ва молики мамлакат мир аст, на ман».

Баъд раият ҳамроҳи Сайид, Азизхон ба як овоз ҷавоб доданд: «Шумо, ки беғараз ҳастед, аз мири Бухор безор ҳастем. Ҳозир аз мамлакати худ фирор шуда, меравему ба мири Бухор раиятӣ наметавонем кардан. Ҳоло шумоён тамошо кунед ва моён ба хонаҳои худ ҳам намеравем, рӯ ба фирор карда, дигар зиндагонӣ кардан тоқат надорем».

Якбора бархоста ба тарафи Хоруғи Боло мурочиат карда рафтаанд. Сайид барои мингбошӣ гуфтааст, ки шумо рафта, ба Сучон анҷоми маро сарришта карда, то ман ҳам мерасам. Мингбошӣ рафта ба ҷои Давлатшоҳ фаромада гуфт, ки ҳозир Сайид мерасад, сарриштаи онро бикунед. Онҳо ба назорати омадани Сайид буданд.

Мазкур барои худ шом карда, аз Бидур ҳамроҳи одамони худ пас гашта, ба роҳи дашти Бархоруғ, дар поёни дашт ба Хӯфак баромада, пуштаҳоро тамом карда, дар қишлоқи Тем фаромада, ба тезӣ рафта, шабошаб кӯч карда, муридони наздик талҳоро баста, то рӯз шуд, ки Сайидро ба тавобеи Афғонистон, ба қишлоқи Дишор аз дарё гузаронидаанд.

Ва Азизхон ҳарчанд тамошо кард, ки Сайид маълум нест. Савор шуда ба ҷои Қурбоншоҳи Боғеф рафта, аҳволи Сайидро шунида, ки ба Афғонистон паридааст. Бисёр хафа шуда, ҳайрон мондааст. Рӯзи дигар Азизхон оҳиста-оҳиста тарафи Помир равон шуда рафт. Дар ҳудуди Помир расид, ки

терговчӣ, борон Чиркосуф[192] ҳамроҳи Мирзофозил ном тилмоч[193] дучор мешаванд. Он чи аҳволоти замона гузаштааст, тамоман Мингбошӣ барои ноиб маълум карда, пас гашта омада, дохили кӯчаи Ғунд шуданд.

Деҳқонони бимхӯрдагиҳо, ки вакили ҷамъи раият буданд, ҳамроҳи худ гирифта омада, дохили Хоруғ началникро дида, аҳволотро пурсида, он чигузашта буд, ҳамаро маълум намуда. Баъд ноиб барои Юлдош хат навишта, ки биёед якдигарро дида, боз биравед.

Ҷавобро мир Юлдош навишта, ки ба фалон рӯз ба Хоруғ дохил мешавем. Ба он рӯзи омадани мир ноиб он одамони ёғӣ шудагиҳоро, ғайри Азизхон, боқӣ ҳамаро ба пешвози мирбӣ фиристонда. Онҳо то қишлоқи Буведи Поршинеф рафтаанд, ки мир омада, онҳо аз асбҳо фаромада, барои мирбӣ салом кардаанд. Алайк ногирифта, ҳукм кард, ки бизанед ин шайтонҳоро.

Давруқ ном, ки заданро шинуда, фавран ба пушти асб парида, давонда ба Хоруғ омада. Ҳарчанд аз ақиби он давондаанд, ки натавонистанд, ки онро дастгир кунанд. Ва он дигаронро бисёр қамчин зада, дастҳошон ба ақиб маҳкам баста, асбҳои онҳоро гирифта ва онҳоро пиёда пеш аз дум[194] андохта, ба чунон тезӣ медавонданд, ки дигар ҳаракат намондааст.

Дар мазори Поршинеф барои мир Юлдошбӣ хӯрок карда, он ҷо фаромада ва бандиҳоро фармуд ба танаи дарахтҳо маҳкам бастанд. Хӯрокро хӯрда савор шуданд ва он гуноҳкорон боз пешопеш андохта, тез рафтанро вазифа карда, ба тезӣ омада аз қишлоқи Паҳшор андак гузашта, ки шаш нафар қазоқ ҳамроҳи Давруқ расида, аҳволи бандиҳоро дидаанд. Баъд ҳарчанд навкароне, ки буданд ба зарби қамчин задан ибтидо

---

192 Барон Черкассов.
193 “Тилмоч” – тарҷумон.
194 Пешандоз, пеш-пеш андохта бурдан.

карда, ба ҷуз аз мир боқиро чунон қамчин мезананд, ки далели тасалло нест. Ва бандиҳоро ҳамчунон даст баста, ба аспҳошон аз он ҷо савор карда, ба Хоруғ расонда, рост ба маҳкамаи рус гузаштаанд. Ва ноиб аҳволи деҳқононро дида, аз началник иҷозат талабида, ки фавҷ барои ман медиҳед, ё не. Началик иҷозат дода, ки фавҷ аз шумост.

Ноиб ҳукми сахт барои низомӣ дода, ки ҷигитҳои мири Бухорро қабал[195] гирифта, бизанед ва ба мир ғараз макунед. Баъд фавҷ онҳоро қабал гирифта, чунон қамчин заданд, ки ҳама хунолуд шуданд. Адади чиҳил нафар ҷигит, ки буданд, яке аз онҳо бе захм намонда. Ва ноиб тарафи мир Юлдош гашта гуфт, ки ҳарчанд шикваву доди бедод аз шумо, ки гуфтаанд, кам гуфтаанд. Арзи ин деҳқонҳои Шуғнон тамоман рост будааст. Дар пеши ман, ки инҳоро азоб карда ва дастҳошон ба ақиб бастаед. Аммо инҳоро ман базӯр барои шумо пешвоз фармудам. Ва ин ҳама аз шумо тарсиданд, ҷавоб доданд, ки моёнро мир дида, азоб мекунад. Ман боварӣ ба сухани инҳо надодам ва гуфтам мир одами калон аст, ба шумоён ҳеҷ ғараз намекунад, тарс нахӯред. Аммо ҳоло ба ман маълум шуд, ки шумо бисёр одами кутоҳву бефикр будаед. Ва ҳам ин бадномиро ба амири Бухоро кардаед ва ҳам маро шарманда кардаед.

Алқисса, рухсат карда омада, ба қурғани амлокдор қарор гирифт. Ва ноиб ончи моҷарои гузашта ва ҳоло бударо ба амири Бухоро навишта фиристонид. Ва Юлдош ду рӯз дар Хоруғ монда, ба рӯзи савум ба Рӯшон мурoҷиат карда рафт. Ва Саид Юсуфалишоҳ боз аз Афғонистон, шаб муридони қишлоқи Дишор ва ҳам аз ин тараф чанд нафар рафта, аз дарё ин тараф паррондаанд.

Муддати як моҳ гузашта, аҳвол аз амири Бухоро омада, ки як нафар ба монанди кунсул дар Шуғнон қабул кунед

---

[195] Иҳота кардан, муҳосира кардан.

ва боқӣ ҳамаро ҷавоб дода, аз Шуғнон рухсат намоед. Алқисса, Мирзокасир ном дар қурғани мирӣ, дар шаҳри Хоруғ иҷозат дода, қарор гирифт ва боқӣ ҳамаро аз Шуғнон якбора ҷавоб дода, рухсат намудаанд. Аммо аз хориҷия ҳарчанд савдогар омада буд, закоти онро ба Мирзокасир тааллуқ карданд, ки мулк аз шумост. Аз ҷиҳати ин, ки Шуғнонро ба амири Бухоро ҳисоб кардаанд,аз он сабаб Мирзокасир қабул намуданд.

Ва он зимистон гузашта, вақти тобистон Саидюсуфалӣ ва Азизхонмингбошиву Амонбекмингобошии Вахон, ин се нафарро генроли Тошканд талаб намуда. Алқисса, мавсими тобистон ин се нафар ба Тошканд муроҷиат карда рафтаанд. Ва ба фасли чиллаи зимистон омада, Саид Юсуфалишоҳ ҳамроҳи одамони худ ба роҳи Ғунд омада ва Азизхону Амонбек, ин ду мингбошии Вахону Шуғнон, ҳамроҳи Кавикас началик[196] ба роҳи Вахон рафтаанд. Ва Саид аз роҳи Ғунд омада, дохили шаҳри Хоруғ шуда, як ҷомаи кундули хилъатдодагии генроли Тошкандро пӯшида, ба намоиш гузашта. Ва Азизхон ҳам ба маърифати началик чанд явми дигар омада, ба чандин шодӣ дохили шаҳр шуданд. Ва муддати чанд рӯз Азизхон ба маҳкама наёмада, мардум гумон карданд, ки инро аз амал моқуф[197] карданд, чизе бадхизмат баромадааст.

Мардуми Поршинефро Сайид фармуд, ки рафта ба началик арз кунед, ки Азизхонро дӯст намедорем, ки болои моён мингбошӣ бошад. Ва ин аҳволро тарафи Ғунд ҳам фармоише рафта, аз он ҷо ҳам баъзе муридону чанд нафар дӯстони Сайид омада, онҳо ҳам ба ҳамин мақсад. Чунки Сайиду Азизхон дар Тошканд чизе бо ҳам хафа шуда буданд. Аз ин сабаб,

---

[196] Начальник Кивикес, полковник Кивикес дар назар аст, ки дар миёнаи солҳои 1901-1902 ва 1905-1906 масъулияти сардории отряди Помирро ба ухда дошта буд.

[197] Аз амал моқуф кардан, яъне аз вазифа, мансаб дур кардан.

баъзе муридон фармоишӣ будаанд, аммо ҷамъи раият ғараз накарда буд.

Баъд началик гуфт, ки касе, ки Азизхонро дӯст надоранд, як тараф шавед. Раияти ҳозирбудагӣ чанд нафар як тараф шуда ва боқӣ ҳама беғараз баромаданд. Баъд Азизхонро аз ҳар панҷа мардикор дода, ба ҷӯйбори дашти Хоруғи Боло аз қарори нақшаи кона: «Он ҷӯйро тоза карда, обро ба дашт ҷорӣ кунед».

Дар он вақт Кавикасначалик ба аризаи раият ҳамаи оқсақолҳоро аз нав карда. Чунончи: дар Хоруғ Залил, аз Поршинеф Аббос, дар Сучон Қурбоншоҳ, дар Ғунд Муродҳасейн ва Шохдара ихтиёрӣ буд.

Ва Кавикас ду сол монда, ба соли сеюм Мушануф[198] началик омада, Кавикас рафт. Ва Мушануф началик як сол монда ва ба соли дуюм Саид тарафи Ғунд рафта ва Муродҳасейн оқсақол ҳамроҳи ҷигитҳои худ ба чунон сомона ба саломи Саид даромада, барои Саид бисёр нофор шуда, ки сомонаро дида буд, оқсақол мураххас шуда, баромад. Саид раиятро шӯронда, ба оқсақол хезонида. Аммо бештари муридҳои худаш ва чанд нафари дигар аблаҳ ҳамроҳ шуда, ба началик арзӣ шуданд. Началик пурсид, ки аз шумоён чи чиз хӯрдааст, ҳисоб кунед, то ман онро аз он гирифта, ба шумоён медиҳам ва онро сазои сахт медиҳам. Гуфтанд: «Чизе аз моён нахӯрдааст, аммо дӯст надорем». Ва ҳамчунин, раияти Сучон аз оқсақоли худ додгӯ шуда ва раияти Поршинеф умуман аз оқсақоли худ шикваи нодӯст доштанд[199].

Аммо ҳама ин раиятҳо чизе хӯрдану гирифтан исбот накарданд, аммо ин ҳама баҳона буд ва мақсади куллӣ дар бекор кардани Азизхону Муродҳасейн. Ошкоро ба началик гуф-

[198] Подполковник Муханов, ки дар давоми солҳои 1908-1912 сардори отряди Помир буд.

[199] Яъне аз фаъолият ва муносибати оқсақоли худ розӣ набуданд.

танд, ки агар Азизхону Муродҳасейнро аз амал бекор мекунед хуб. Воло на,ҳамаи моён аз ҳузури шумо тарафи Тошканд арз меравем.

Началик ҷавоб дод:«Бисёр хуб аст, белат ман медиҳам, аммо инҳо аз амал бекор карда наметавонам. Аз ҷиҳати ин, ки аз шумоён аз яке санаду субут набаромад, беғайри ҳақ аз амал гирифтан қонун нест».

Баъд аз раияти Ғунд чанд нафар сарриштаи сафар карда, аз роҳи Помир аз барои бисёрии барф мумкин набуд, омада аз роҳи Дарвоз ба назар гирифта, аз началик белат гирифта, ба роҳи Дарвоз ба Тошканд мурочиат карда рафтаанд. Ба Рӯшон расиданд, ду нафар аз онҳо аз муридони Шогадо буданд, онҳоро Шогадо намонда, пас гардонид.

Вақти тобистон палковник Игеллоро[200] терговчӣ гирифта, аз роҳи Помир омада, дохили шаҳри Хоруғ шуданд. Алқисса, палковник ба тергов кардан раиятро талаб карда, ҳамаи муридҳои Сайид буданд ва камтар дигарон омаданд. Палковник ҳарчанд тергов карда, ки аз ҳеч кадоми онҳо чизе санаду субут набаромада. Муддати шаш рӯз палковник монда, ба рӯзи ҳафтум аробаро тайёр карда, савор шуда рафт. Мушануф началик онҳоро банд кардан фармуд, худ то Сучон ҳамроҳи палковник рафта, пас омад.

Муддати даҳ рӯз дар маҳкамаи рус банд буданд ва ба рӯзи ёздаҳум началик Азизхону Мирзокасирро фармуд, ки ин шайтонҳоро дар бозор бурда азоб кунед. Баъд Азизхону Мирзокасир онҳоро дар бозор бурда, пӯшоки танашро кашида, тойи (таҳи) эзор болои истол[201] ба шикам карда, ҳар кадоми онҳоро адади ҳафтодӣ қамчин ба танаи бараҳна зада, мондаанд.

---

[200] Полковник Ягелло, ки дар давоми солҳои 1914 -1917 сардори отряди Помир буд. Ин шахс баъдтар ба кори илмӣ пардохта, луғати сезабонаи форсӣ - арабӣ - русиро тартиб дода буд.
[201] Шакли шикастаи калимаи “стол”.

Муддати ду моҳ аз рафтани палковник гузашта, Шпилкоф[202] ба ҷои Мушануф омада ва ӯ мурочиат карда рафт. Ва соли оянда, тахминан дар понздаҳуми моҳи март, аз Тошканд номнависи ин одамон омад, ки началики Шуғнон Шпилкоф аз қарори ин хат: «Аз мамлакати рус муддати се сол ҳар кадоми онҳо ба хоки афғон ва ё ба алоқаи Хитой, ё ба давлати дигар фирор кунед, аммо дар хоки рус фирор набошанд. Ва Саиди Поршинеф ҳам фирор кунед».

Қурбоншоҳ ном ғундӣ ҳамроҳи аёлу атфол ва ҳайвонот якбора кӯч карда, омада белат гирифта тарафи Афғонистон гузашта, хоку хонаи Хустро ҳокими афғон ба ӯ дода, қарор гирифт. Ва боқӣ баъзе ҳамроҳи аёлу ду кӯдак ва баъзе ҳамроҳи аёлу як тифл омада, аз началик белат гирифта, ҳама ба хоки Афғонистон фирор шуда, гузаштанд. Ва Саид аз афғон тарсида, тарафи Сариқул ба хоки Хитой фирор шуда рафт.

Вақти тобистон Шпилкоф ба Мурғоб рафта, дер омада буд. Завҷаи Саид ҳар ҳафта барои завҷаи Шпилкоф началик ҳамдасти девонбекии худ Файзик ном аз ҳар гуна мева, яъне ангур ва амруду ношпотӣ мефиристонид. Як рӯз завҷаи началик аз девонбегӣ пурсид: «Зани Эшон чи аҳвол дорад ва чи тариқ зиндагонӣ дорад». Девонбегӣ ҷавоб дода, ки боқии зиндагонӣ ба ҳар тариқ мегузарад, аммо аз ҷиҳати Эшон хафаву малолхотир аст. Баъд Шпилкоф началик аз Мурғоб омада ва занаш аз зани Эшон, ки духтари шаҳ Юсуфалихон буд, бисёр озодӣ мекард, ки ҳар ҳафта аз ҳар гуна мева барои ман мефиристонид.

Ба рӯзи дигар ҳамчунин меваи аъло ҳамдасти девонбгии худ барои началик саломӣ фиристонид. Шпилкоф началик ба девонбегӣ гуфт: «Аз тарафи худ дар хусуси Эшон ба

---

[202] Полковник Шпилко – сардори отряди Помир дар солҳои 1912-1914.

генрол навишта будам, агар қабул кунад, ба қарибӣ озод шуда меоянд».

Дар соли оянда, дар моҳи январ аҳвол барои началики отрад омад, мужда барои зани Эшон дод. Ба иҷозати началик кадоме рафта, Эшонро аз Сарақул гирифта, аз ҷиҳати бисёрии барфи Помир аз роҳи Вахон омада расид. Ва ин дигар фирориҳо муддати се сол пур карда, омаданд.

Шпилкоф началик дар ҳиҷрӣ - мелодӣ соли 1914, палковник Игелло ба ҷои ӯ омада, чунки ҷанги ҷаҳон оғоз карда буд, ариза дода, ки агар қабул шавад ба ҷанг хоҳиш дорам. Аз он сабаб палковник омада ва Шпилкоф рафт. Ва дар моҳи апрел 1917 сол пучта[203] омада, ки Оқподшоҳро аз тахт партофтаанд. Ва он рӯз, ки пучта омада буд, ба ним рӯз Азизхону оқсақолҳо ва раият ҳама ҷамъ шуда буд. Палковник Игелло омада, дар маҷлиси умумӣ ба овози баланд гуфт, ки подшоҳ аз тахти подшоҳӣ фаромада, ҳозир подшоҳ нест. Магар вазир Кирин[204] ба ҷои ӯ қарор гирифта, ҳукми болшевик ҳисоб мешавад. Ҳозир мегӯем ба ҷои оқсақол кумитети[205] қишлоқ ва ба ҷои мингбошӣ кумитети облусной[206] ва ба ҷои ҳоким район кумитет[207]. Ҳоло раият аз байни худ кумитет интихоб кунанд.

Баъд Шоҳбулбул ном аз Сучони боло гуфт, ки ин ҳамаро қабул дорем, илло Азизхон мингбошӣ бар сари моён набошад. Началик гуфт, Азизхон бекор аст, ҳоло ихтиёр ба дасти шумоён аст. Баъд мардум кумитет бо ихтиёри худ аз байни худ интихоб карданд.

---

203 “Пучта” ё “пушта” - ба маънои “почта”, шуъбаи алоқа.

204 Керенский Александр Федорович, ходими сиёсӣ ва давлатии рус, ки вазири адлия ва баъдтар сарвазир ва Раиси Ҳукумати муваққатӣ дар солҳои 1917-1918 буд.

205 Комитет, кумита.

206 Областьной, вилоятӣ.

207 Районый комитет, кумитаи ноҳиявӣ.

Селсафетро[208] аз сад нуфус як нафар интихоб шавад ва облостной кумитет аз тавобеи ҳар кадом оқсақол як нафар интихоб шавад. Район кумитет, аз ҳар район як нафар омада, ба ҷои камисар кумитетҳо ҷамъи Белоф[209] ном котиби калон, ки дар қалъа буд, онро интихоб карданд. Ва аз тавобеи ҳар оқсақол як нафар қозии областной ва аз ҳар район қозии район гуфта, интихоб шуданд.

Палковник Игелло ин қоидаҳоро ба мардум фаҳмонда ва дар охири тобистон бархоста рафт. Ва ба ҷои ӯ аз шаҳр Финин[210] ба камандирии фавҷ ва Зарубин[211] ба камисорӣ омаданд. Финин ба началикии отрад, ба сари фавҷ қарор гирифт. Ва мобайни Зарубину Белоф кашокаш шуд, баъд ихтиёр ба раият андохтаанд. Эшони Шохдара ва Эшони Сучон тарафи Белов шуданд ва Эшони Поршинеф ҳамроҳи муридони худ тарафи Зарубин шуда. Кашокаш бисёр гузашта, аммо аз аввал ҳамин Эшони Поршинеф тарафи Белоф буд, вале аз номуси ин ду Эшонҳо тарафи Зарубин шуд. Баъд ин кашокаш дароз шуда, ба район кумитет ҳавола карданд. Дар ин сурат Ҳокимшоро ба тезӣ тарафи Вахону Ишкошим рафта ва Яқубалишо тарафи Рӯшону Бартанг рафта. Аз тарафи ҳар кумитет як вакил ба шаҳодатномаи кумитети он қишлоқ ба санади кумитети район ҳосил карда, омаданд.

Баъд Финин началик ва Зарубину Белоф ва тамоми вакилон ҷамъ шуданд. Вакилони Белоф як тараф шуданд, ва-

---

[208] Сельсовет, сельский совет, шӯрои деҳот.
[209] Белов А., поручик Белов – Раиси Кумитаи умумипомирии Ҳукумати муваққатӣ.
[210] Полковник Фенин В.В., сардори отряди Помир дар давоми солҳои 1917-1918. Ҷои қайд аст, ки дар чанд сарчашма насабаш дар шакли Фетин омадаст, ки соли 1918 ҳукумати нави Шӯроро қабул накарда, бо 32 афсару аскар ва молу анволи отряд ба тарафи Ҳиндустон фирор карда будаст.
[211] Зарубин Иван Иванович (1887-1964) – нахустин комиссари халқии Помир, яке аз асосгузорони помиршиносӣ дар Русия.

килони Зарубин як тараф. Шаҳодатномаҳоро тафтиш кардаанд, ки тарафи Зарубин зиёд баромад. Зарубин ба камисарӣ муқаррар шуда, Белоф бекор шуда, ба шаҳр рафт. Аз ин воқеа муддати як моҳ гузашта, Азизхонро оварда, Финин ӯро банд кард. Аз ҷиҳати ин, ки тарафи Қалъаихум барои мир Абутуроб Қулбек хат карда будааст.

Пас он аҳвол чунон маълум шуд, ки Абдулғаёсхон омада, ҳамроҳи Эшони Шохдара ва Эшони Сучон бо ҳам маслиҳат карда, ки аризаро, ки ба ҳокими Қалъаихум мекунед, ба ҳузури ман оварда, ман ҳам онро муҳр карда, ба дасти он одами шумоён дода, мураххас мекунам. Баъд Азизхонро ҳам эшонҳо талабида, он ариза аз тарафи раият навишта, тамом карданд, Азизхон онро муҳр карда ва эшонҳо ҳам муҳр карда ва боқӣ аз ҳама ангуштмуҳр буд. Ва Эшони Шохдара Муҳаммадсалими Шохдараро фармуд, ки ин хатро гирифта, покат[212] маҳкам нокарда, ба Абдулғаёсхон нишон дода, он ҳам муҳр мекунад, покат маҳкам карда, гирифта биравед.

Алқисса, Муҳаммадсалим ба қалъаи Вомар расид, он покатро ба Абдулғаёсхон дода, мазкур гирифта ба ҳарами худ даромада гуфт: «Шаб монда, рӯзи дигар покатро гирифта мураххас шавед». Баъд рӯзи дигар покатро гирифта рафт.

Мухтасари калом, покатро ба мир Абутуроб дода, ило карда, хатро дида, ки коғази сафеди нонавиштагӣ. Ва он аризаро Абулғаёсхон оварда, ба дасти Финин супорида, пас гашта ба ҷои Эшони Поршинеф.

Кумитети район Ҳайдаршоҳ ва кумитети облустной Саидҷалоли Ривак ба Поршинеф рафта, ба ҷои Азизбек ҳамроҳи Мирзоабулҳасани Шизӣ мулоқот карда, дастгир намуда, хеле онро шӯрида, ҳарчанд кофтанд чизе наёфтанд. Баъд бисёр онро тарсонда, субҳидам баромада гурехта, он тарафи дарё парида рафт. Ва китоби вай мондааст, онро гирифтанд ҳар

[212] Лифофа, конверт.

чанд дар он шуриданд, чизе наёфтанд. Аз он ҷо ба ҷои Эшон рафтаанд, порчаи коғази нонавиштагиро аз кадом ҷо мавҷуд карда, муҳри Азизхон дар вай аст. Аммо маълум набуд, ки он порча коғази чиркшудагӣ ва муҳри чап задагӣ ҷумла панҷ калима сухан навишта буд. Сухани дарозтар дар он нағунҷида, зеро ки коғаз хурд буд. Аммо Азизхон аз аризаи калон иқрор буд ва аз он парча мункир буд. Муддати даҳ рӯз, ё зиёдтар банд буд, баъд аз он ба тарафи Сариқул фирор карданд.

Баъд Эшон Саидмаҳмудшо ва Эшони Сӯчон Саидмурсал хостанд. Хело дар Хоруғ мондаанд, чунки Зарубин онҳоро бозхост карда, аммо касе нафаҳмид, ки онҳоро ба чи тариқ бозхост кард, ба ҷуз одамоне, ки ба ҳузури Зарубин буданд. Баъд аз чанд рӯзи дигар Эшони Сӯчонро ба Мурғоб фирор карданд ва Саидмаҳмудшоро рухсат кард.

Ҳиҷрӣ-мелодӣ 1918 дар моҳи фефрол[213] Эшони Поршинеф ҳамроҳи комитетҳо ва облустной ва комитетҳои отрад ва началик Финин дар қурғани рус яке шуда, ки Зарубин аз комсорӣ бекор ва озод бошад ва Эшон Саидмурсалро аз Мурғоб хоста шавад.

Аз байни комитетҳо Қурбонхони Роҷқалъа ва Саидҷалоли Ривак ва як духтари фершел[214] фармудаанд, ки рафта ба Зарубин ҷавоб дода, ки аз мансаб хориҷ ҳастед. Ду рӯзи дигар сарриштаи сафар карда, мураххас шуд. Ва ба воситаи пучта барои Эшон Саидмурсал хат карда, биёяд. Баъд Эшони мазкур аз Мурғоб ва Зарубин аз Хоруғ дар Сосиккул бо ҳам дучор шуданд.

Чанд явми дигар комитетҳои район ва облустной ба ҷои Эшони Поршинеф рафтаанд ва чанд нафар рус ба шӯриданим иморати Белоф рафтаанд. Чанд хонаро шуӯриданд ва зани Белоф Соҳибсултон ном ба ҷои Эшон рафта, арз намуда,

---

[213] Феврал.

[214] Фельдшер, бародари шафқат, ки дар отряди сарҳадбонони Помир ҳамчун корманди миёнаи тиббӣ адои вазифа мекард.

Эшон Ҳайдаршо ва Саидҷалол ҳамроҳи зани Белоф карда, ки рафта он русҳоро бигӯед: «Ин зани Белофи мазкурро қин накунанд». Мазкурон омада, чизе ҷанҷол байни онҳо шудааст, ки русҳо омада, бапои комитетҳои атрад гуфтаанд, ки Ҳайдаршоҳ моёнро мегӯяд, ки агар шумоён инчунин рӯи қишлоқ гашта беқонунӣ мекунед, Афғонистонро ба сари шумоён мебиёрем. Аз ин сухан комитетҳои атрад Ҳайдаршоро банд карданд.

Дар байни комитетҳои ҷойдорӣ ва атрад кашокаши бисёр шуда, бо ҳам сахт шуданд. Комитетҳои атрад гуфтаанд: «Агар шумоён Азизхонро аз Сарақул биёред, моён ҳам Ҳайдаршоҳро озод мекунем». Қарордод кардаанд, Азизхонро комитетҳои ҷойдорӣ талабидаанд ва Ҳайдаршоҳро комитетҳои атрад озод карданд ва Ҳокимшоҳро мингбошӣ қарор додаанд.

Финин началик вақти баҳор тарафи Тошканд барои фавҷ рафта ва фасли тирамоҳ дар моҳи август дӯстони худро, якеро муовин ва якеро хазиначӣ, мухтасар ҳафтод нафар ҳамроҳи худ гирифта овард. Ва Юнк[215] хазиначӣ ва Заимка[216] ба Мурғоб фиристонда ва комисари калон Гостуф[217] ном ҳамроҳи худ оварда буд, як моҳ монда рафт. Ва дар охири моҳи октобир Эшони Поршинеф аз Эшони Шохдара ба меҳмонӣ талабида.

Комитетҳо ва Ҳокимшо мингбошӣ ва Ҳақназар оқсақол, ин ҳама ҳамроҳи Эшони Шохдара ба меҳмонии Эшони

---

[215] Капитан Юнг, ки пас аз гурехтани полковник Фенин, муваққатан сардори отряди Помир таъйин гардида буд.

[216] Замика – Заёмкин, яке аз ҳамсафони Юнг ва духтури отряд Вичич, ки пас аз гурехтани полковник Фенин роҳбарии сохтори нав дар Помирро ба ухда гирифта буданд.

[217] Гостев, яке аз ҳамраҳони комиссари калон, ки ба Бадахшон омада буд.

Поршинеф рафтаанд. Финин началики пустаро[218] рӯзи пеш пинҳонӣ фармуда, ки камонҳои худро бурда, барои устоҳо дода, онҳоро аз назар гузаронда, ки кадомҳо чиркин шудаасту кадомҳо тоза. Аз фардо боз ҳар кадом камони худро тасарруф шавед. Аммо ба ҷуз аз камонҳои пайра дигарҳоро бурдаанд.

Нисфи шаб тӯпро дар даҳанаи казарма[219] рост карда, ки касе аз казарма набарояд. Баъд аспҳои милисҳо то аз худ сарришта карда, аммо бештар аз рӯи саворӣ ва камтар ҳамроҳи даҳ адад хар аз ҷиҳати бор, яъне чою қанду қамоч ва ҷуз ин бор карда, аз Хоруғ гузашта ба роҳи Шохдара баромада рафтаанд. Ва Финин ҳамроҳи ду нафар ҳанӯз аз қалъа набаромадаанд ва фавҷ аз тарси тӯп аз казарма намебарояд. Вақти савор шудан дари казарма то дари ҳар кадом иморат одам буд, ҳамаро қулф карда, савор шуда рафт. Ин аҳволро як нафар ҷойдорӣ ба Поршинеф расонда, Ҳокимшоҳ мингбошӣ ва Ҳақназар оқсақол давонда омаданд, ки онҳо рафтаанд. Баъд аз рафтани онҳо фавҷу милисаҳо[220] аз казарма баромаданд, ки камон нест. Давида ба дари устухона рафтаанд, ки дарро қулф задаанд. Қулфро канда диданд, ки тамоми камонҳо бе затвор[221] аст. Ҳайрон шуда мондаанд, гумон кардаанд, ки албатта затворро ба дарё партофтаанд. Муддати се рӯз шӯридаанд, наёфтаанд. Ба рӯзи чаҳорум дар им止рати хобгоҳи Финин даруни печкаи деворӣ ёфтаанд.

---

[218] Сардори пост, сардори дидбонгоҳ.

[219] Казарма - бинои истиқомат, дамгирӣ ва хоби аскарону афсарон.

[220] Милитсия (милиция), таъминкунандагони низому тартиби дохилии мамлакат дар замони шӯравӣ, ки таҳти вазорати корҳои дохилӣ қарор мегирифтанд. Ҳозир низ аскарон ва афсарони вазорати корҳои дохилии бархе аз ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (аз ҷумла дар мамлакати мо) бо номи “милитсия” фаъолият доранд.

[221] Қисмати камони тирхоликунанда, ки барои тирро дар тирдон мондан онро мекушоянд ва маҳкам мекунанд.

Ҳокимшоҳ фавран ин воқеаро навишта, ба дасти Бахтибек - милиси бархоруғӣ дода ва як нафар афтерис[222] ҳамроҳ карда, ба Мурғоб фиристондаанд, ки Заимка ва Юнк маътал ношуда, ба тезии тез биёед, ки Финин ҳамроҳи ҳафтод нафар аз шаҳр ҳамроҳи худ оварда буд, аз роҳи Шохдара гурехта рафтанд. Ба муддати понздаҳ рӯз Заимка ва Юнк аз Мурғоб омада расиданд.

Аҳвол омад, ки Финин аз роҳи ҳадди Вахони Афғонистон ба Чатрор баромадааст. Заимка ба кори мулкӣ муқаррар шуда ва Юнк ба кори фавҷ. Баъд аз як моҳ Халмакоф[223], Валовик[224] ва як нафари дигар ба мансаби секасон[225] омада расиданд ва хати ноибӣ барои Ҳокимшо овардаанд. Мазкур ба мансаби ноибӣ муқаррар шуда ва Ҳақназарро мингбошӣ кардаанд ва Панҷшанбеи Хоруғи Болоро оқсақол каранд.

Ҳиҷрӣ-мелодӣ 1919 дар моҳи апрел Халмакоф ва ноиб Ҳокимшо тарафи Вахону Ишкошим рафтаанд ва аз гашти сафар Халмакоф омада, ба ҷои Мирзосилмон фаромадааст. Ва ноиб Ҳокимшоҳ чизе ақиб ҳамроҳи се нафар ҷигити худ будааст ва ба дашти Мирзосилмон расида, асбҳоро сар дода, медавонад. Мобайни дашт асби ноиб Ҳокимшоҳ кӯл хурда[226], ноиб аз хонаи зин ҷудо шуда, ба шасти давондан, ба зарб аз асб дуртар меғалтад ва асб ҳам дар болои он зада, муаллақ

---

[222] Дар миёни намояндагони артиши сафеди Русияи пошоҳӣ дар Помир, инчунин маҳбусони ҳарбии австраягӣ низ дар хизмат буданд. "Австриетс", яъне "австрияги", гуфта муаллифони асар ба яке аз ҳамин намояндагон ишора намудаанд.

[223] Холмаков А. Сардори отряди иловагӣ, ки соли 1920 бо отряди Комиссияи ҳарбӣ-сиёсӣ ба Помир фиристонда шуд ва дар ҳайати ин комиссия 20 нафар коммунистон бо шумули Ш.Шоҳтемур буданд. Пас аз муддате Холмаков дар паи мубориза бо намояндагони артиши сафеди Русияи Подшоҳӣ ба қатл расида буд.

[224] Воловик П., - Сардори Кумитаи инқилобии Помир.

[225] "Секасон" ҳамон ҳайати "сегона" аст, ки дар замони Шӯравӣ бо номи "тройка" машҳур буд.

[226] Кӯл хӯрдан, яъне пешпо хӯрдан.

хӯрдааст. Ҷигитҳо омада дидаанд, нимҷон монда, аз ин ҷо гирифта ба қишлоқи Нуд расонда, мазкур фавт шуд. Ва Халмакоф ба Хоруғ омад.

Чанд явми дигар Халмакоф тарафи Мурғоб рафта. Ва дар Вахон дар қишлоқи Виранг чаҳор нафар мадйаҳир[227] аз тарафи Афғонистон омадаанд. Началик пустаи Вахонро хабар карда, омада дастгир карда, шаш камон ҳамроҳи худ доштанд, аз дасти онҳо гирифта, ба дасти як нафар улавчӣ дода, пеш рухсат карда. Ва онҳоро улав дода, аз ақиби милисаҳо равон карда, камонҳоро оварда расонид ва онҳоро ҳам он рӯз оварда расониданд ва дар казарма ҷой доданд. Ва як нафар ҳамроҳи аъзои секасон - Валовик дар як ҷо хоб карданд. Халмакоф ба як моҳ аз Мурғоб омада, чаҳор рӯзи дигар началики Вахон ба ҳузури Халмакоф вақти авқот хӯрдани бегоҳӣ буд, расид. Халмакоф ҳарчанд гуфта, ки биё авқот якҷо бихӯрем, началики пустаи Вахон қабул накарда, ки аввал барои ман ҷо бидиҳед ва баъд аз он омада бо ҳам авқот кунем.

Дар паҳлӯи маҳаллаи Валовик як иморати махсус буд. Халмакоф ҳамроҳи началики Вахон рафта, ки барои ӯ нишон бидиҳад, ки аз мадайҳирҳо се нафар камонҳоро гирифта, аз ҷои Валовик баромада, Халмакоф ва началики Вахон аз пеш ба назорати он маҳаллаи махсус омада, он ҳар дуро зада ҳалок намуданд. Он ду нафар мадйаҳир гир ношуда[228], гурехта рафтанд ва он як нафар мадйаҳир рост омада фершелро ҳам зада ҳалок кард. Ва як нафар рус омада, камонро аз дасти ӯ тоб зада гирифт, ки тир дар он камон намондаст. Ва он мадйаҳир давида ба як хонаи дигар даромада, падронтаҳаш-

[227] Мадйаҳир гуфта, қисмати аскарони сафедро меномиданд, ки аз асирони миллатҳои гуногун, мисли полякҳо, австрягиҳо, чехҳо ва амсоли онҳо иборат буданд. Ин калима дар дастхат дар шакли "мадайҳир" ҳам омадааст.

[228] "Гир нашудан" ба маънои "маътал нашудан", "наистодан".

ро[229] ҳамроҳи камон гирифта, тоқро шикастонда, аз роҳи тоқ баромада, ба хотирҷамъӣ рафт. Чунки фавҷ авқоти шом карда, ба қишлоқ қадам зада рафтаанд ва амалдорон ҳанӯз ба хӯрдани авқот дар исталов[230] буданд. Вақти шом буд, аз ақиби онҳо рафтаанд, ҳарчанд шӯридаанд, ки наёфтанд, чунки шаб шуда буд. Вақти субҳ аз оби дарё он тарафи Афғонистон гузаштаанд, зеро, ки оббоз будаанд. Ва он се нафар, ки парида рафтаанд, яке аз онҳо монда буд, онро тир зада ҳалок карданд. Аз ҷиҳати ин, ки камонҳоро аз пеши ӯ, аз ҷои Валовик гирифтаанд.

Фасли тирамоҳ палковник Тумафеюф[231] ва ноиб Алиюф омаданд. Алиюф ба кормулкӣ, барои Заимка муовин шуда ва Юнк камандир шуд ва ҳам хазиначӣ. Ва Тумафеюф сардори ҳамаи фавҷ ва ҳукмрон буд. Аммо харҷу хироҷ барои фавҷ ҳарчанд аз раият гирифтаанд, бе пул. Ва Азизбеки Наврузбекзода аз хусуси болшивекӣ чизе гуфта бошад, худ медонад. Як рӯз ба Хоруғи Поён, зери хонаи Набӣ, қариби дарё, Тумафеюф фармуда чоҳ кандидаанд. Баъд аз ним рӯз дидем, ки Тумафеюф савор ва бист нафар рус камондору Азизбек мобайни онҳо, камонҳо рост кардагӣ мазкурро пешопеш андохта бурдаанд. Аммо Заимка ва Юнк то ба дарвозаи қалъа омада, чизе барои Тумафеюф гуфта, пас гаштаанд. Ва Фичич-духтур[232] ва Карамхудои Элчибеки Хоруғ аз ақиби онҳо рафтаанд, то ба сари он чоҳ расиданд, ки Азизбекро ба сари чоҳ истода кардаанд. Ва Тумафеюф ҳукм кард, ки Азизбекро тирборон кунанд, ки духтури мазкур ба тарафи Азизбек, ба сари чоҳ омада, ил-

---

[229] Тирдон, патрон.
[230] “Исталов”- шакли талаффузи “столовая”, ошхона.
[231] Полковник Тимофеев аз намояндагони артиши сафеди Русия дар Помир, ки як муддати муайян (охирҳои соли 1918), пас аз ташкил шудани Кумитаи инқилобии Помир бо роҳбарии Воловик, ҳукуматро дар ҳудуди Помир забт намуда ба дасти худ гирифта буд.
[232] Вичич - духтури отряди Помир, ки ҳамроҳи Юнг ва Заёмкин дар идора намудани сохтори нав ширкат дошт.

тимос мекунад, ки аввал маро тирборон кунед, баъд Азизбекро. Бинобар узри шафоҳатхоҳии духтури мазкур Тумафеюф аз тир задани Азизбек вогузор шуда, аспро гардонда ба қалъа рафт. Ва фавҷ Азизбекро боз ба мобайн андохта, камонҳоро рост карда, ба қалъа бурда, банд кардан фармуданд. Ва ҳукм кард, ки он чи дар хона дошта бошад, ҳамаро зафт карда биёред. Давлат Душанбезодаи оқсақол буд, Ҳақназар мингбошӣ буд, он чи молу гову як асп ва кола буд, ҳамаро гирифта ва коларо ба асп бор карда, ба қалъа бурдаанд. Аммо Заимка чунин нафармудааст. Он чунин фармуда буд, ки чизу моли ҳаққи Азизбек бошад, онро гирифта биёред. Магар оқсақол нафаҳмида, моли бародаронро ҳам бор карда овардааст. Он чи ҳайвоноти чаҳорпо, яъне буз то гӯсфанду гов пас гардондаанд. Аспро ҳамроҳи коло ва ҳам чизе, ки пӯшокаи бадани Азизбеку аёлаш буд, ҳамроҳи кӯрпаҳову хобҷомааш, ҳамаро ғорат кардаанд.

Дар моҳи фефрали 1920 аҳвол аз Мурғоб омад, ки дуздон аз тарафи Уш ба Алай омаданд. Баъд Юнк ва ноиб Алиюф ҳамроҳи чанд нафари дигар тарафи Мурғоб баромада, муроҷиат карданд. Оқсақоли Ғундро таъйини харҷ карданд, яъне аз коҳ то ҷав ва хӯрокворӣ дар бекат[233] ҳо тайёра бимонед. Ва боло аз ин, дар ҳар бекат якнафарӣ милис ҳамроҳи пучтачӣ монда, таъйин намуданд: «Вақте, ки дуздон наздик омада, шумоён ҳарчанд ба тезӣ бошад, аҳволро ба Хоруғ расонда, то фавҷ ҳам аз он ба тезӣ ба кумаки моён ба Мурғоб бирасанд». Инчунин таъйин карда, ба Мурғоб гузаштаанд.

Дар 31 моҳи март Раҳимҷон аз Помир омада, пучтачӣ ба мазкур гуфтааст: «Онҳо тамоман дуздон зада ҳалок кардаанд». Сабаб  ин, ки нисфи шаб дар бозори Мурғоб дуздон расида, тирпарронӣ тарафи қалъа кардаанд. Фавҷ хабар шуда, худро тайёр карда, тирпарронӣ давом карданд. Дуздон чора

[233] "Бекат" -  воҳиди ченаки ҳудуди маъмурӣ-территориявӣ.

наёфта, фарёд кардаанд, ки моён аз тарафи болшевик ба имдоди шумоён омадем. Баъд рӯз шуда, китобро дар латта печондагӣ бар сари худ монда нишон доданд, ки байни мову шумо ин Қуръон гувоҳст. Баъд ноиб Алиюуф гуфтааст, ки мо мардуми мусалмон аз савганду Қуръон болотар чизеро намедонем. Баъд ноиб Алиюф чизе маслиҳати дӯстомез бо ҳам кардаанд, ки ноиб дар маслиҳати фиребноки он duздон боварӣ дода, фармуд дарвозаро ило карда. Ва онҳо ҳамроҳи ноиб Алиюф ба қурған даромада, ҳамроҳи Юнк ва началики пуста даст гирифта, ба казарма ба тариқи якрангӣ даромадаанд. Ва саллотҳо[234] камонҳои худро мондаанд, ин дуздон фурсат ёфта, даст ба камонҳои саллотҳо карда, гирифта саллотҳоро тамоман зада ҳалок кардаанд. Ва Назармуҳаммад Ғуломшоҳзодаи хоруғӣ дар ошхона ошпазӣ карда, камонро гирифта, ду нафарро захмдор карда, онро ҳам заданд. Аз амалдорон ва тилмочҳо, ҷамъ дувоздаҳ нафарро мондаанд. Ин сардори дуздон Шермад барои Юнку началики пуста ва он дигар нафаронро гуфтааст: «Шумоёнро ҷон бахшиш кардам». Ва чизе аҷноси нақду рахт ва ғайра буд, ҳамаро ғорат карда гирифтаанд. Юнку ноиб ба бозор рафта, ин аҳволро нақл кардаанд, ки дуздон моёнро фиреб карда, қатл намуданд. Ҳоло барои моён ба зудӣ улав тайёр карда, ба Хоруғ мурочиат мекунем. Он рӯз улав мавҷуд нашуда, боз ба қурған рафта, он шаб мондаанд. Ва дар рӯзи дигар, ба чошт дувоздаҳ нафар аз дуздон боз мерасанд, ҳамаи онҳоро ба як расан баста, аз қурған бароварда, як нафарӣ аз расан халос карда, қадам задан мефармоянд. Дар айни қадам тир зада ҳалок мекунанд. Ҳамаи онҳоро ба чунин қазоват ҳалок намуданд. Ва Худобердӣ мингбошии Помир буд, ӯро ҳам тир зада, ҳалок намуданд. Аз гуфтаи кордорони ҳукумат ҷамъ аз рус то афстрису милисҳои Шуғнону Рӯшон ҳаштод нафар ҳалок кардаанд.

[234] Солдатҳо, аскарон.

Дар якуми моҳи апрел Тумафеюф ҳамроҳи бист нафар дар Хоруғ монда ва боқӣ ҳама хурду калон, аз мардон то занон то тифл яке намонда, ҳамаро аз роҳи Дарморахт ба роҳ андохта, тарафи Вахон рафтаанд. Ва он чи харҷу хироҷи хурданӣ буд, яъне равғану биринҷ ва қанду қамоч то орду ғайра, ҳамаро улав бор карда, аз ақиби онҳо фиристонид. Муддати понздаҳ рӯз аз рафтани онҳо гузашта ва ба рӯзи шонздаҳум касе хабар ношуда, Тумафеюф ҳам ҳамроҳи он бист нафар якбора қурғани Хоруғро монда рафтаанд. Ва Фичич духтур аз Ишкошим пас гашта омада, дар қурған қарор гирифт. Ва Паснир ном афтрис ланг буд ва ҳам аз Поршинеф кадхудо шуда буд, ба ҷое рафтан мумкин надошта, он дигарон, ки тарафи Вахон рафтаанд, мазкур ба Поршинеф рафта буд. Вақте ки духтур омада, Паснир ҳам омада, дар хизмати ӯ қарор ёфт. Дар муддати понздаҳ рӯз аҳвол аз Вахон омад, ки Тумафеюф он ҷамъияти хурду бузург гирифта, дар Вахон тарафи Афғонистон паридаанд. Фаққат Руднеф[235] ном рус дар Вахон ҳамроҳи милисҳои ҷойдорӣ монда буд. Ва духтур ҳамроҳи милисҳои ҷойдорӣ дар Хоруғ монда, боқӣ рус намонда, ҳама рафтаанд. Бисту ҳафтуми моҳи май духтур ҳукмронӣ карда, ки субҳадам рӯз буд, мингбошӣ Ҳақназар гуфт: «Оқсақоли кона Муродҳасейн барои Эшони Поршинеф хат кардааст, ки ҳазор нафар дуздон омадаанд. Чаҳорсад нафар ба роҳи Ғунд омаданд ва чаҳорсад нафар ба роҳи Шохдара омада ва дусад нафар ба роҳи Вахон кардаанд. Духтур Азизхонро талабида ва Шоназарбек дар пеши онҳо омада буд, онро ҳам ҳукм додаанд, ки ба як шабу рӯз ҳукман ин аҳволро барои моён бирасонед. Аммо агар аспи шумо дар ҷое монда шавад, аспи дигар аз касе бошад, бе пурс савор шуда биравед. Ва ҳарчанд камондору тирандоз дар қишлоқ пайдо шавад, дар анбӣ, яъне

[235] Руднев - яке аз се нафар аъзои Кумитаи инқилобии назди Отряди Помир (ҳамроҳи Холмаков ва Воловик).

қируми Чарфем роҳро гирифта, duздонро роҳ надиҳанд. Ҳақназару Азизхон ва духтур бо ҳам маслиҳат карда, шаш дона камон бурдан ҳамроҳи се сандуқча тир ба Азизхон дода рафт. Ва Ҳақназар мингбошӣ ҳамроҳи панҷ нафар милис тарафи Ғунд ба роҳ гирифтани дуздон баромада, дар Сӯчон рафта, камондорони он ҷоро ҷамъ карда, ки бандари Кӯшхорро гирифта, дуздонро роҳ надиҳанд. Ва духтур ҳамроҳи Кабаюф фершел ва Сушичника фершел гуфт, ки шумоён Поршинеф рафта дар иморати Белоф зиндагонӣ намоед, онҳо рафтаанд. Он рӯз қарибии шом буд, духтур савор шуда рафт. Одамон аз поён ба Хоруғ омаданд, онро пурсиданд, ки куҷо меравед? Гуфтаст: «Ман рафта аз фардо зани худро гирифта меоям». Баъд қарибии ними шаб Ҳайдаршоҳ омада, ки духтур ҳамроҳи зани худ ва он ду фершел тарафи Афғонистон гузаштаанд. Рӯз шуда Ҳайдаршоҳ барои Ҳақназар ба Сӯчон хат фиристонид, ки духтур тарафи Афғонистон парида. Хатро ба дасти як одам дода фиристонда, ин одам аз ин ҷо мерасад ва одами Шаҳназарбек аз он ҷо мерасад, ки аҳволи дуздон дурӯғ будаст. «То Тағарқоқӣ рафтаем, касе нест». Ҳақназар аз Сӯчон пас гашта омад, камондоронро рухсат кард. Рӯзи дигар фавран Эшони Поршинеф мардумро ҷамъ карда, Абдулғаёсхонро гирифта омада, дар ин иморати детдоми[236] шаҳри Хоруғ фаромада, қарор гирифтанд. Ва Эшони Шохдара Азизхонро гирифта, дар Хоруғи Боло фаромада. Ва Ҳақназар мингбошӣ ҳамроҳи милисҳо дар қалъа монда. Муддати ду рӯз ин ду Эшон бо ҳам кашокаш доштанд. Яке ба ҳокимии Абдулғаёсхон ва яке ба ҳокимии Азизхон.

Дар 31 моҳи май аз тавобеи мири Бухор, аз Қалъаихум ҳашт нафар омада расиданд. Сабаб ин будаст, ки Эшони Поршинеф Тавакали Темиро пеш аз воқеа тарафи Қалъаихум фиристонда будаст, ки бесарпараст мондаем, фикри моёнро би-

[236]Детский дом – хона барои кӯдакони ятим, ятимхона.

кунед. Дар 31 моҳи май дар иморати детдом ба ҳузури Эшон расида, бо ҳам мулоқот шуданд. Ҳақназарро талабида, ки ин қурғанро барои ин одами Бухор супориш кунед, Ҳақназар омада гуфт, ки ман ҷавоб додам, ки ман ба пои худ наметавонам додан. Субҳадам Ҳақназару Азизбек ва Ашратшоҳу Мирзоҷон пинҳонӣ як қамочхонаи кона, ки дар ҳам надошта буд, чоҳро кандиданд ва ду сандуқи калон, даруни ҳар кадом ҳашт қутичае тир буд, аз хазина бароварда, дар он чоҳ партофта, пинҳон кардаанд. Аз боло хоку болоион хок порӯби кона андохта, саҳро карда мондаанд, ки касе гумон накунад, ки дар ин ҷо чизе ҳаст. Баъд офтоби чошт буд, ки як нафар аз онҳо амали мирохӯрӣ дошт, омада, ба Хоруғи Боло ба ҳузури Эшони Шохдара рафта. Вақти нимрӯз он мирохӯр пеш ва Эшони мазкур ҳамроҳи навкарони худ аз ақиб камонҳо рост кардагӣ ва Эшони Сӯчон аз ақиби онҳо рост ба ҳузури Эшону мирохӯр омаданд ва бо ҳам мулоқот шуданд. Баъд аз як соат эшонҳо ҳамроҳи одамони Бухор омада дар қурған даромаданд. Милисҳоро фарёд карда, камонҳоро аз дасти онҳо гирифта, ба мир супориданд. Ва он чи анҷоми хазина буд, дар иморатҳо онҳоро сер дода, супориданд. Ва боз гуфтанд, ки ин моли рус аст, лозим чунон аст, ки як нафар хазиначӣ аз ҷойдорӣ ва як нафар аз шумоён бошад. Аммо бе ҳамдигар дар хазина тоқагӣ надароед, чизе, ки бакор шавад, он ду нафар бо ҳам бошанд. Ва аз ҳар ду хазинадорон дафтар бошад, он чиз, ки гирифта харҷ шавад, ҳар кадом ба дафтари худ навишта кунанд.

Мазкур ягон бист рӯз ҳукмронӣ карда, аммо муҳаббат бо Эшони Шохдара дошт, аз ҷиҳати ин, ки Эшони мазкур як нарбуз барои ӯ фиристода буд. Ва аз Эшони Поршинеф шикоят карда, ки моро талабида буд, ҳоло хабар ҳам маро намегирад.Як мартаба ба саломи ӯ рафтан лозим аст, зероки якбор озмоиш кардан воҷиб аст. Аммо касе, ки аз раияти Поршинеф мебинад аз Эшон гила ва шикоят мекунад.

Як рӯз Азизбеки Наврузбек гуфт, ки мо милисҳо хоҳиш мекунем, ки одамони Бухорро дастгир мекунем. Муллосилмон дар ҷавоби Азизбек гуфт, ки ин мири Бухор ду рӯзи дигар ба ҷои эшон меравад, он вақт одамони ӯро гирифтан осон аст. Дар биступанҷуми июн мири Бухор ба ҷои Эшони Поршинеф рафт, милисҳо ҳеч ғараз накардаанд. Сабаб ин буд, ки Эшони Поршинеф гуфтааст, ки ҳар вақт ба ҷои ман биёяд, шумоён ғараз накунед. Мири Бухор саҳарӣ рафта, ба бегоҳи рӯз боз омад. Аммо эшон чизе барои ӯ надодааст. Дар бистуҳафтуми моҳ мазкур ба ҷои Эшони Шохдара ҳамроҳи Ҳақназар мингбошӣ рафта. Чошти рӯз милисҳо омада, қалъаро гирифтаанд ва одамони мирро банд кардаанд. Баъд милисҳо маслиҳат кардаанд, ки ду нафар аз моён рафта дар Андарстез қаровулӣ карда, касеро ба Шохдара намонад, то ки мир омада онро ҳам дастгир кунем.

Алқисса, ду нафар милисро фиристонда, мобайни роҳи Чинак рафтаанд, ки як нафар аз тарафи Шошхоруғ тарафи Шохдара меравад. Ин милисҳо аз Чинак фарёд мекунанд, ки аввал ин ҷо омада, баъд биравед. Он савор аспро тозонда рафт. Инҳо ҳарчанд давондаанд, ки худро нарасонда, пас гаштаанд. Он одам ба мир дучор шуда, барои ӯ ин аҳволро мужда медиҳад. Эшони Шохдара ҳамроҳ будааст, бинобар шунидани ин аҳвол эшон номус карда, гуфт, ки ба Поршинеф рафта буд, қалъагирӣ накардаанд ва ба ҷои ман омада, фавран қалъаро гирифта ва одамони мирро гирифта банд кардаанд. Ҳоло ман мирро намедиҳам, боз ба хубӣ мирро бурда, ба ҷояш бинишонам. Баъд Ҳақназар омада гуфт: «Кор сахт шуда». Эшон ӯро ҳамроҳи худ гирифта ба Дашт бурда, номус кардааст, аммо одамони мири Бухор, ки банд карда буданд, рӯзи дигар онҳоро аз ҳудуди Шуғнон гузаронда, пас омаданд. Милисҳо камандирро ба сари худ Қурбонҳусайн гирифтаанд. Аммо ба роҳбарии Кирмоншоҳу Сайфуллоҳ ва Азизбеку Ашратшоҳ, чанд рӯз дар байни инҳо кашокаш буд.

Як рӯз Ашратшоҳ ва Отаҷон ба тариқ разфет (развед) рафтаанд. Аз гуфтаи Ашратшоҳ ин, ки Азизхон моёнро гуфта, ки аз қалъа бароед, ба мири Бухор қалъаро бимонед. Ашратшоҳ бисёр бим хӯрда, омада барои инҳо гуфт. Аммо дар аввали ибтидо, ки қалъа гирифта буданд, Муҳаммадамир гуфт, ман рафта духтурро гирифта биёрам, зеро ки духтур боз дар Ишкошим ин тараф гузашта буд. Муддати шаш рӯз интизории Муҳаммадамир кардаанд, ки ҳеҷ маълум нашуда, бисёр тарсиданд. Кирмоншоҳ ними рӯз савор шуда, тарафи Ишкошим ба тезӣ рафта. Абдулназару Муродалӣ ва Назармаҳамад ҳамроҳи милисҳо рафта, вақти офтоб нишастан пули Хоруғи Болоро арра карда, ба об партофтанд. Аммо мардуми Хоруғи Боло тамошо карда, қаҳр накардаанд, аз ҷиҳати ин, ки одамони Бухорро касе дӯст надошта буд. Магар сабаби арра кашидани пул ин, ки шаб аз роҳи Хуфак ба сари моён ҳуҷум накунанд. Кирмоншоҳ ним рӯз рафта, ба рӯзи дигар вақти ғуруби офтоб аз қишлоқи Ишкошим духтур ҳамрои Валовик, ду нафар фершел ва зани духтур, ҷамъ панҷ нафар, ки рафта, омаданд. Аммо ҳанӯз нарасидаанд, чанд нафари Шохдара аз рӯи сулҳият ба пули Хоруғи Поён омада буданд. Сулҳияти онҳо малъум нашуда, Абдулназар ҳамроҳи милисҳо рафта, се нафар зада аз роҳи пул гурехта, то ҷои Декрез рафтаанд, ки Кирмоншоҳ расида барои милисҳо мужда гирифта. Бинобар шунидани ин мужда одамони қалъабудагӣ, тамоман то қишлоқӣ, ҳама якбора савор шуда ба пешвози духтур баромада рафтаанд. Аз хонаи Шерғозӣ гузашта, ки духтур омада, бо ҳам мулоқот шуда, садои “ҳурра, ҳурра”[237] баланд шуда, чунон шодиҳои бисёр кардаанд, ки ҳамчун шаб буд, рӯзи равшан падид шуда. Духтурро ба чунин шодиҳо оварда, дохили қалъа шуданду қарор гирифт. Ҳайдаршо хат навишта ба дасти Саиднабӣ дода, шабошаб хатро бурда ба Эшон дода. Рӯзи дигар

[237] Урра, урра

дар соати дувоздаҳ Эшон ҳамроҳи Азизхону мири Бухор ҳамроҳи мирзояш оварда, барои духтур супориш кардаанд ва гуфт: «Моён ба одами рус душманӣ надорем, шумо одами рус ҳастед ва ин кас одами Бухор аст, ба хубӣ оварда ба шумо супоридем». Духтур фармуд ӯро банд карданд ва он чи харҷ аз хазинаи ҳукуматӣ хурду бурд карда буд, Муллосилмон ва мирзои миру духтур ҳисобӣ карда, ки маблағи ҳафтод ҳазор сум ба қимати он вақт, ба зиммаи мири Бухор қарз шуда. Духтур аз мири мазкур ҳуҷҷат ба санади муҳри мир ба дасти худ гирифта. Ба сабаб ин, ки аспи мири мазкурро милисҳо саворӣ карда, мурд, дувоздаҳ чакману бисту панҷ ҷуфт ҷураб милисҳо мобайни худ тақсим намуданд, чизи дигар аз амири мазкур набуд. То муддати панҷ рӯз ҳисоботи мазкур тамом шуд. Ва ба рӯзи шашум мири мазкурро аз бандихона баровindependence, ҳамроҳи мирзояш аз ҳудуди Шуғнон бароварда, рухсат кардаанд. Баъд аз ду рӯз Руднеф, началики пустаи Вахон ҳамроҳи милисҳои Вахон ва Мирзосилмон омада, дохили қалъа шуданд. Маҳмадамир ҳоким ва Мирзосилмонро ба худ ноиб гирифт ва духтур началик шуду Паснир кумандон. Руднеф ҳамроҳи милисҳои худ аз роҳи Шохдара баромада рафт. Ва адади шаш дона камон қабл аз ин, дар вақти аҳвол омадани дуздон, дар моҳи май духтуру Ҳақназар ба Азизхон дода буданд, Руднеф онҳоро гирифта, ба духтур фиристонид ва худ ба роҳи Мас[238] ба Вахон рафт. 22 моҳи июл милисҳо аз Вахон то Шуғнон, ҷамъи бистуду нафар, ҳамаро Валовику Азизбеки Наврузбек ва Ашратшоҳу Бошхӯҷа ва Маъсуми Карамшо ва дигарон тарафи Тошканд барои овардани аскари сурх аз роҳи Мурғоб баромада рафтаанд. Ва Ҳақназарро бекор карда, Абдулназарро ба ҷои ӯ мингбошӣ кардаанд. Ва Давлати Душанберо бекор карда, ба ҷои ӯ Қурбонҳусайнро оқсақол кардаанд.

[238] Мас – Мац ва Шалмац аз ҷойҳо ва номи роҳест аз тариқи Ҷавшангози Шохдара ба сӯи Вахони Ишкошим.

Дар 12 ноябр милисҳо ҳамроҳи Самикин[239] началик маъа аскари сурх омада, дар қурғани шаҳри Хоруғ қарор гирифтанд. Ва Аркаш Клодиш[240] ба кори хориҷия омада буд.

Фасли баҳор Самикин хоҳиш карда, ки ба роҳи Дарвоз рафта аскари сурхро гирифта, ба ивази ин аскари Хоруғ биёрем. Чанд нафар милисҳои ҷойдорӣ ва русҳо мурочиат карда, аз Рӯшон Абдулғаёсхонро ҳамроҳ гирифтаанд. Боло аз Қалъаихум дуздон ҳамроҳи писарони Шоназаре роҳро гирифта, нӯҳ нафари русу як нафар милиси ҷойдориро тир зада, ҳалок кардаанд. Илоҷ наёфта тарафи Афғонистон хат кардаанд. Ба муҷарради расидани хат, кифтон ва ҳоким ҳамроҳи фавҷи худ ба муҳофизати Самикин рӯ ба рӯ расиданд. Ва сарбозони афғон барои дуздон камонҳо рост кардаанд ва киштинро давом кардаанд. Ҳама аз одам то асп ва ғайра буд, тарафи худ гузарондаанд. Аммо аҳволи меҳнати онҳоро Азизбек Наврузбекзода ва Қадамшо Додихудозода медонанд, чунки инҳо ҳароҳи Самикин будаанд. Муддати якуним моҳ, ё ки ду моҳ тарафи Афғонистон мондаанд. Баъд аз он онҳоро рухсат кардаанд. Русҳоро дар гузарравони ин тараф паррондаанд ва милисҳои ҷойдорӣ ба қалъаи Барпанҷа омада, гузаштанд. Самикин омада дар Хоруғ расида. Ва Аркаш Клодиш аскарро хезонда, Самикинро банд кардаанд. Ду рӯз банд буда ва ба рӯзи сеюм чанд нафар милиси ҷойдорӣ ҳамроҳи Бозича ва чанд нафар русро Аркаш болои Самикин пайра монда, ба шаҳр фиристонид. Ва Аркаш ба ҷои ӯ началик шуда ва ҳам ба кори хориҷия кор мекард. Ва Самикин дар манзили Қаракул расида, ки Диякуф[241] ҳамроҳи Шоҳтемуруф Шириншо[242] маъа

---

[239] Самыкин К.Н. - Сардори отряди сарҳадбонони ш. Хоруғ дар ибтидои солҳои 1920.

[240] Аркадий Гладищ -

[241] Дяков Таричан Михайлович – Сардори Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ дар Помир. Ҷои зикр аст, ки дар ҳайати барпокунандагони Ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир Дяков Алексей Михайлович, бародари Таричан

аскари сурх дучор мешаванд. Дар он ҷо мазкурро аз банд будан озод карда, ҳамроҳи пайраҳои рус тарафи шаҳр рухсат карда ва пайраҳои ҷойдориро ҳамроҳи худ ба Хоруғ пас гардонда. Аз қишлоқи Дебаста аскарро ақиб монда ва худ Диякуф ҳамроҳи Шоҳтемур ва чаҳор нафари дигар, касе хабар ношуда, дар қурғани шаҳри Хоруғ расида, рост дар хонаи Аркаш фаромада, калидҳоро аз дасти ӯ гирифта, ӯро банд кард. Ва аскарони конаро ба мактабхонаи шаҳри Хоруғ овarданд ва қурғанро барои аскари худ ҷо дод. Ва аскарҳои конаро аз камандир онҳоро бозхост карда, аз кадом камандир, ки аскар шиква кард, онро ҳам Диякуф банд кард. Чанд рӯз мондаанд, аскари Ишкошиму Рӯшон ҳам омада, ҳама якҷо шуданд. Ба рӯзи дигар ғайр аз началики пустаи Ишкошим ва аскарони сурх савор буданду камандирҳо ва истаршинаҳо[243] ҳама пиёда аз Хоруғ рухсат карда рафтаанд. Баъд аз се рӯз Аркашклодишро як хари кирокашро ба ӯ дода, тӯша ба маъа хобҷомаи худ он харро бор карда ва худ пиёда, як таёқ ба даст гирифта, харро пеш андохта рафт.

Дякуф аз мингбошиву қозӣ ва оқсақолу арбоб ҳамаро моқуф карда бошанд. Ва ба ҷои қозӣ суд қарор дод, ба ҷои оқсақол як нафарӣ аз ҳар панҷа ташкил карда комитети районӣ ва ба ҷои арбоб дар қишлоқҳо селсофету иҷроия. Ва заминро аз қарори нуфус тақсим кардан қарор дод. Ва ҳуқуқи марду зан баробар бошад ва озодии занон қарор намуд, ки агар шавҳари худро дӯст надорад, барои шавҳари худ хати озод бидиҳад. Ва агар шавҳар зани худро дӯст надорад, барои зани худ

---

низ саҳми калон дошт ва ӯ ба ҳайси табиби калони Отряди сарҳадбонони Помир дар Хоруғ фаъолият намуда буд. Аммо ба назар мерасад, ки Дякови дар асар ишорашуда маҳз Таричан Михайлович аст.

[242] Шириншо Шоҳтемур - Қаҳрамони Тоҷикистон (2006), яке аз асосгузорони давлати навини Тоҷикон.

[243] Старшина - рутбаи ҳарбӣ.

хати талоқ бидиҳад, аз якдигар бе ғайри ҳақ чизе нагиранд. Ва бор аз рият нагирифт, агар кадоме аз раият ғалла ё ҳезуму ғайра оварда буд, тиллову нуқра сумро дода, харид.

Одамоне, ки дар аввал маслиҳат ба гирифтани қурған аз одамони мири Бухор, дар поён нишон дода мешавад: Азизбек, Сайфуллоҳ, Кирмоншо, Ашратшо, Хубоншо, Бошхӯҷа, Охонҷон, Қурбонҳусайн, Мирак, Нурмаҳмади Ғариб, Раҳимҷон, Минбой, Меҳриддин, Таваккали Худобердизода аз Поршинеф.

Мирзобек, Бозича, Шоҳалифи Хоруғ.

Дар қурған ҳозирбудагӣ: Мирзоҷон, Абдулхолиқ, Азиз, Имроншоҳ.

Дар аввали оғоз, дар сафи одамони аввал аз Хоруғи боло: Замон Назарбекзода, Валдош.

Нахуст давлат қарордода: Бек Ғуломзода аз Хоруғи поён, Отаҷони Ғунд, баъд аз се рӯз Ширинбеки Сучон, Ҳайдаршоҳи Хоруғ, Абдулназари Ғунд ва боқӣ аз Поршинефу Тему ва Ғунду Сучон кам-кам омада, дохил шуданд.

## 1. Феҳристи номҳои ҷуғрофӣ дар “Таърихи Бадахшон”

Алай
Амбав
Андарстез
Афғонистон
Бадахшон
Бадахшони Куҳӣ
Бадшор
Балх
Барпанҷа
Барзуд
Барсем
Бартанг
Бархоруғ
Барҷефи Хоруғ
Баҳшор
Баҷу
Бидур
Бовар
Боғеф
Буведи Поршинев
Бунӣ
Бухор
Бухоро
Ванҷ
Вахон
Вер
Виран
Вирҷунд
Вийиб
Вома

Вошарв
Вуж
Ғорон
Ғорҷвин
Ғунд
Дарвоз
Дарйеф,
Дарморахт
Дашти Зӯрзимоӣ
Дишор
Декрез
Демурғон
Дуоб
Истамбул
Исфаҳон
Йемс
Жомарҷ
Зағирчӣ
Зардев
Зардефи Сарғулом
Зебок
Зонг
Ишкошим
Ёғистон
Ёрканд
Кирванҷ
Кобул
Кошқар
Кошон
Кунҷак
Курангдашт
Кӯшхор
Қалъаи Расток

Қалъаихум
Қаракул
Қундуз
Қӯқан
Мас
Мурғоб
Нимдеҳа
Оқчаҳри Аличор
Омударё
Падруд
Пагири Рӯшон
Панҷ
Панҷашоҳ
Парзуҷ
Пасдарез
Пастбаҷу
Паҳшор
Питов
Помир,
Помири Мурғоб
Помири Шарқ
Почвар
Поршинеф
Растоқ
Ривак
Риҷист
Риҷистак
Ровҳан
Рошорф
Рошткалъа
Роҳи Давлатшаҳ,
Рузз
Рӯшон

Сабдеҷ
Сарақул
Саройи Санг
Сармочид
Сииздлахш
Сижд
Сипонҷ
Сорҷ
Сосиккул
Сохчарв
Сумҷеф
Суманқул
Сурохбандари Тусён
Сӯрохпарини Бознав
Сӯрохпарини Дармрахт
Сӯчон
Табдем
Тағарқоқӣ
Танг
Тангрубот
Таншев
Тем
Тошканд
Уш
Файзобод
Хабост
Харгӯшӣ
Хонобод
Хоруғ
Хоса
Хуф
Хӯфак
Чандиндара

Чарфем
Чатрор
Чинак
Чоснуд
Ҷавшангоз
Ҷаршеф
Шева
Шидҳуд
Шиз
Шохдара
Шуғнон
Шуҷанд
Язгулом
Эрон

## 2. Феҳристи номҳои миллат ва халқиятҳо дар “Таърихи Бадахшон”

Австрис
Бадахшӣ
Вахӣ
Қалмоқ
Қазоқ
Қарғиз
Манғит
Рус

## 3. Феҳристи номҳои ашхос дар “Таърихи Бадахшон”

Аббос
Абдолбек
Абдулазизхон
Абдулғаёсхон
Абдуллоҳ
Абдуллоҳи Хоруғ

Абдуллоҷон
Абдулназар
Абдулназари Ғунд
Абдулазизхон
Абдулғаффор
Абдулғиёсхон
Абдулхолиқ
Абдулшаҳидхон
Абдураҳим
Абдураҳимхон
Абдураҳмонбек
Абдураҳмонхон
Абдураҳим
Абулғозихон
Абутуроб Қулбек
Абӯзар
Авазбеки Сӯчонӣ
Авазбеки Шидвудӣ
Азиз
Азизбек
Азизбеки Наврузбек
Азизбек Наврузбекзода
Азизхон
Акбархон
Акбархонбӣ
Акбаршоҳбӣ
Алиюф
Амирбек
Амирхон
Амонбек мингобшии Вахон
Амонмалик
Аносуфначалик
Аркадклодиш

Аркаш
Асламхон
Ашратшо
Ашратшоҳ
Бахтибек
Барвозӣ
Белоф
Бек Ғуломзода
Бибиҷоноро
Бинковс
Бинковс Тӯра
Бозича
Бозорбой
Бошхӯҷа
Бонак
Буттабек
Валдош
Валовик
Гостуф
Грандил
Гулбек
Гулизор
Гулзорхон
Ғарибмуҳаммад
Ғуломҳайдар
Ғуломшоҳ
Давлатбахт
Давлатбек
Давлатбек Бангӣ
Давлатшоҳ
Давлати Душанбе
Давлат Душанбезодаи Оқсақол
Давлатқадам

Давлатшаҳ
Давруқи Ғорҷвин Декрез
Додихудо
Додхудои Сӯчонӣ
Доробшоҳ
Дустмуҳаммади Ғундӣ
Дякуф
Зағирчии Файзобод
Заимка
Залил
Замон Назарбекзода
Занҷир
Зарак
Зарубин
Ибодуллоҳхон
Иброҳимбек
Игелло
Имроншоҳ
Исломхон
Исматуллоҳбек
Исҳоқи Баҳшорӣ
Кабаюф фершел
викас
Каримхон
Карамхудои Элчибеки Хоруғ
Кирин
Кирмоншо
Кирмоншоҳ
Қадамшоҳ
Қадамшо Додихудозода
Қозиичозатшо
Қурбонҳусайн
Қурбончон

Қурбоншоҳ
Қозӣ
Қозӣ Давруқ
Қубодхон
Қудратбек
Қулмуҳаммадбеки Баҳшорӣ
Қурбонмуҳаммадзода
Лолабегим
Мазҳабшоҳ
Мақсуд
Марсеъи Ясовулбошӣ
Мансурхон
Мастон
Маъсуми Карамшо
Меҳриддин
Минбой
Мирак
Мирзоабулҳасани Шизӣ
Мирзоашра
Мирзобек
Мирзокасир
Мирзоҷон
Мирзосилмон
Мирзофозил
Мирзоҷӯрабек
Мирзоюлдошбӣ
Мири Бухор
Мири Қундуз
Миркалон
Мирманзаршоҳ
Мирмаҳмудшоҳ
Миролим
Миротамбек,

Мирсаидбек
Миршоҳ
Муллосилмон
Муродалӣ
Муродҳасейн
Мусайоб
Муҳаббатхон
Муҳаббатшоҳзода
Муҳаммадазим
Муҳаммадазимхон
Муҳаммадамир
Муҳаммаданбархон
Муҳаммадбоқӣ
Муҳаммадзиё
Муҳаммади Исфаҳонӣ
Муҳаммадисихон
Муҳаммадкарим
Муҳаммадназар
Муҳаммадризобеки Баҳшорӣ
Муҳаммадсалим
Муҳаммадтавур
Муҳаммадкарим
Муҳаммадрозиқ
Мушануф
Мӯсо
Набӣ
Назармаҳамад
Насуллобек
Неъматуллоҳбек
Ниёзбек
Ниёзмуҳаммад
Ниёзхон
Николай

Нодиршоҳ
Нурмаҳммади Ғариб
Нуруллоҳбек
Оқподшоҳ
Оқсақоли Баҳшор
Оқсақол Муборак
Оқсақол Сафар
Оқсақол Тайиби  Баҳшорӣ
Оқсақол Ширинбеки Демурғонӣ
Олимшоҳ
Отаҷон
Отаҷони Ғунд
Охон
Охонҷон
Охунд
Панҷшанбеи Хоруғи Боло
Паснир ном афтрис
Парвонахон
Раҳимҷон
Руднеф
Сабдеҷ
Савриноз
Саиднабӣ
Саидолхон
Саидсодиқшоҳ
Саидҷалол
Саидшоҳхон ҷарнайл
Сайид
Сайид Шоҳмаланг
Сайид Шоҳи Хомӯш,
Сайид Шоҳфутур
Сайид Фаррухшоҳ
Сайфуллоҳ

Сарёк
Сафар
Сафармо
Силмон
Симикин
Соҳибсултон
Сулаймон
Сулаймонхон
Сулаймоншо
Сулаймоншоҳ
Султонмуродхон
Сурхалишоҳи Пидрудӣ
Суфишоҳ
Сушичника
Таваккали темӣ
Таваккали Худобердизода
Тағарқоқӣ Тӯра
Темуршоҳхон
Туқур
Тумафеюф
Улуғбек
Устошанбе
Устоэлчӣ
Файз
Файзик
Фарҳодхон
Финин
Фичич-духтур
Халмакоф
Хубоншо
Худобердӣ мингбошии Помир
Худоёр
Ҳайдаршоҳ

Ҳақназар
Ҳақназари Бароҷ
Ҳақназар оқсақол
Ҳокимшоҳ
Ҳоҷӣ Хайримуҳаммад
Чаҳоршанбе
Чиркосуф
Чоршанбе
Ҷаҳондоршоҳ
Ҷӯрабек
Шаҳхудодод
Ширинбек
Ширинбеки Сучон
Шералии Ёмчӣ
Шерғозӣ
Шермад
Шобдулфайзи Вужӣ
Шогадо
Шодмонбеки Шидҳудӣ
Шоназар
Шотемур
Шоҳабдураҳим
Шоҳалифи Хоруғ
Шоҳбулбул
Шоҳ Бурҳони Валӣ
Шоҳванҷӣ
Шоҳзодаҳасан
Шоҳи Кошон
Шоҳсабоӣ
Шоҳтемуруф Шириншо
Шоҳусайн
Шпилкоф
Хайрмуҳаммад

Хоҷа
Худодод
Хуша
Хуҷак Ричистӣ
Хуҷаназари Верӣ
Хушназар
Ҳайдаршоҳи Хоруғ
Ҳоҷихон
Ҷалолиддинхон
Ҷалолӣ
Ҷангибек
Юлдош
Юнак хазиначӣ
Юсуфалихон
Юсуфалишоҳ
Яқубалишо
Элбон
Эшони Сучон Сайидмурсал
Эшони Поршинеф,
Эшони Шохдара
Эшонқул
Эшон Қулбек
Эшон Сайидмаҳмудшо

# МУНДАРИЧА

**ЧАНД АНДЕША ПЕРОМУНИ “ТАЪРИХИ БАДАХШОН”...........3**

I: “Таърихи Бадахшон”: сабабҳо ва тарзи эҷоди он...........................3
II: Аҳаммияти асар барои таърих.....................................................7
III: Аҳаммияти таърихии “Таърихи Бадахшон”................................14
IV: Забон ва бадеъияти «Таърихи Бадахшон»………………………..26
V: Чанд ҳарф дар мавриди баргардони асар
аз форсӣ ба сириллик........................................................................35
VI: Чанд масъалаи дигаре, ки боиси таваҷҷӯҳанд............................37

НАТИҶАГИРӢ.....................................................................................38

АРЗИ СИПОС......................................................................................38

**ДАФТАРИ I** ДАВРАИ ПЕШ АЗ АБДУРАҲИМХОН..................40

**ДАФТАРИ II** ТАЪРИХИ ШАҲОНИ ШУҒНОН..........................50

**ДАФТАРИ III** ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН.................................91

**ДАФТАРИ IV** ЗАМОНИ НИКОЛАЙ.........................................122

1. Феҳристи номҳои ҷуғрофӣ дар “Таърихи Бадахшон”................164
2. Феҳристи номҳои миллат ва халқиятҳо дар
“Таърихи Бадахшон”........................................................................168
3. Феҳристи номҳои ашхос дар “Таърихи Бадахшон”....................168